*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 84 - 87 (4667 - 4670) | ПАНҶШАНБЕ, 29 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ФАРҲАНГИ СУЛҲ ПУРАРЗИШТАРИН НЕЪМАТ ВА БЕҲТАРИН ДАСТОВАРДИ ХАЛҚИ ТОҶИК АСТ

## Паёми шодбошии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ

**шаҳри Душанбе, 26 июни соли 2023**



**Ҳамватанони азиз!**

Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки ҳар сол дар кишвари соҳибистиқлоли мо бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи комил таҷлил мегардад, барои шаҳрвандони Тоҷикистон яке аз санаҳои муҳим ва таърихӣ ба шумор меравад.

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ин ҷашн самимона табрику шодбош гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо сулҳу оромии пойдор ва осоиши рӯзгор орзу менамоям.

Бисту шаш сол қабл аз ин, яъне 27-уми июни соли 1997, санади сарнавиштсоз – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ба шарофати он дар кишвар заминаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ гузошта шуд.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки Тоҷикистон ҳанӯз аз қадамҳои нахустини даврони истиқлолияту озодӣ дар натиҷаи фитнаву дасисаи душманони миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ба зарбаи даҳшатноку фоҷиабори таърих -- мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва баъдан ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар як муддати кӯтоҳ шиддати ҷанг ба дараҷае расид, ки хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти даҳшатбори рӯз табдил ёфта буд.

Ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - аз боло то поён аз фаъолият бозмонда, тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фалаҷ гардида буданд.

Бо ташаббуси фарзандони огоҳу ватандӯст даъват гардидану баргузор шудани Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд ва интихоби роҳбарияти нави сиёсии мамлакат дар он шароити ниҳоят вазнин роҳи ягона ва дурусти қатъи хунрезӣ, барқарорсозии сулҳу оромӣ, сарҷамъ кардани миллати тоҷик, бартараф намудани оқибатҳои ҷанг ва фароҳам овардани шароит барои таъмин намудани рушди Тоҷикистон буд.

Бинобар ин, хотирнишон менамоям, ки расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва мустаҳкам намудани раванди ваҳдати миллӣ масири бисёр вазнину пурпечутоб буд.

Маҳз, ба ҳамин хотир, барои мардуми кишвар ва хусусан, насли ҷавони мо, ки дар шароити сулҳу суботи комил ба воя мерасад, донистану дарк кардани қадру қимати сулҳу ваҳдат ва кӯшишу талоши пайваста барои ҳифзу таҳкими он вазифаи муҳимтарин мебошад.

Имрӯз ҷашни ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузургу таърихии халқамон ба яке аз ҷашнҳои умумимиллии мо ва рамзи иттиҳоду ҳамбастагии мардуми шарифи тоҷик табдил ёфтааст.

Ҳамчунин, бо ифтихор иброз медорам, ки ваҳдат дар баробари арзишҳои истиқлолияту озодӣ ва ватану миллат ҷузъи таркибии хираду андешаи сулҳҷӯёнаву таҳаммулгароёнаи мардуми Тоҷикистон ва равшанибахши роҳи пурифтихори созандагиву ободгаронаи аҳли ҷомеа гардидааст. Воқеан, бояд гуфт, ки аввалин қадамҳо дар ҷодаи ризоияту ҳамдигарфаҳмӣ ва эҷоди раванди ваҳдати миллӣ маҳз дар ҳамон иҷлосияи тақдирсози таърихӣ гузошта шуданд.

Як нуктаи муҳими дигарро низ таъкид бояд кард, ки баъди баргузории иҷлосия роҳи мо то расидан ба истиқрори сулҳ хеле тӯлонӣ буд ва душманону хоинони миллату давлат баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон боз чанд соли дигар ба хиёнату ҷиноятҳои худ идома доданд. Вале майлу иродаи қатъӣ ва ақлу хиради мардуми шарифи Тоҷикистон боис гардид, ки ҳама дар атрофи Ҳукумат муттаҳид шуда, бо вуҷуди вазъи бисёр мураккаб ва мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоии он рӯзҳо ба барқарорсозии баъдиҷангии минтақаҳои осебдида, зина ба зина обод кардану пешрафта гардонидани Ватан, давлат ва осоиши ҳар як хонадони мамлакат бо азму талоши ватандӯстона оғоз намоянд.

Аз нишондиҳандаҳои омории солҳои охир метавон натиҷа гирифт, ки Тоҷикистон ба марҳилаи рушди устувор ворид гардида, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, роҳсозиву коммуникатсия ва соҳаву бахшҳои дигар бомаром тараққӣ карда истодаанд.

Ин ҳама натиҷаи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, самараи заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи халқи қаҳрамони Тоҷикистон ва албатта, мояи ифтихору сарфарозии хурду бузурги мамлакат мебошад.

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳамчун омилҳои муттаҳидсозандаи мардуми тоҷик имкон фароҳам оварданд, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ваояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардад.

Дар робита ба ин, мехоҳам боз як масъалаи дигарро таъкид намоям. Фарҳанги сулҳ пурарзиштарин неъмат ва беҳтарин дастоварди халқи тоҷик, ифодагари орзуву ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишвар мебошад, ки арзишҳои ҷовидонаи инсондӯстиву фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ кардаанд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки дар шароити ниҳоят печидаву ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир тарғибу талқини ғояҳои сулҳу амният, суботу оромӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллат аҳамияти аз ҳарвақта бештар пайдо кардааст.

Тазодҳои замони муосир, зуҳури ғояҳои хатарбор, шиддат гирифтани мубориза ҳои мафкуравӣ, рақобатҳои иттилоотӣ ва хатарҳои дигар, ки тӯфони ҷаҳонишавӣ бо худ меоварад, моро водор месозанд, ки андешаи муқаддаси ваҳдати миллиро ба хотири саодати миллат ва бақои давлат ҳар чӣ бештар густариш бахшем.

Мо бояд дар ҳама ҳолат сарҷамъу муттаҳид, ҳушёру зирак ва барои ҳимояи манфиатҳои милливу давлатии худ омода бошем, истиқлолияту озодиро ҳамчун неъмати муқаддастарини ҳаётамон ва ваҳдати миллиро чун дастоварди бузургтарини халқамон эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Бори дигар ҳамаи шумо - ҳамдиёрони арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар тандурустиву хушбахтӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон суботу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Рӯзи ваҳдати миллӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд озод намудани Ашурзода Р. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ашурзода Раҷаб Рӯзӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 июни соли 2023, № 593**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод намудани Муинӣ М. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Муинӣ Мавсума Муинзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 июни соли 2023, № 594**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд таъин намудани Ғаффорзода Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ғаффорзода Нигорахон иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 июни соли 2023, № 595**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд таъин намудани Исмоилзода З. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Исмоилзода Зуфар Муртазохон иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 июни соли 2023, № 596**

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Азизӣ Рустам Анварзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 июни соли 2023, № АП-389**



# СУПОРИШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БАРОИ БАРТАРАФСОЗИИ ОҚИБАТҲОИ ОФАТИ ТАБИӢ ДАР НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА

**27-уми июни соли 2023 дар натиҷаи якбора гарм шудани ҳаво, обшавии босуръати пиряхҳо, баландшавии оби дарёи Шоҳдара ва омадани сел дар деҳаи Миденведи деҳоти «Барвоз»-и ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон офати табиӣ рух дод.**

Офати табиӣ ба чандин хонаи истиқоматии аҳолӣ, роҳу пулҳо, иншооти иҷтимоӣ ва заминҳои кишоварзӣ зарар расонид.

Субҳи 28-уми июни соли 2023 бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи ҳукуматӣ оид ба бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ таъсис дода шуд.

Пешвои миллат ба Сарвазири мамлакат, комиссияи ҳукуматӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждание, дигар вазорату идораҳо ва сохтору мақомоти дахлдор дастур доданд, ки барои бартарафсозии оқибатҳои офати табиии рухдода тадбирҳои зарурӣ ва фавриро андешанд.

Дастур дода шуд, ки барои таъмини бехатарии аъзои 210 оилаи дар назди соҳили Шоҳдара ҷойгиршуда, аз ҷумла ба ҷойҳои бехавф кӯчонидан, бо маҳсулоти озуқаворӣ ва дигар шароити зарурии зиндагӣ таъмин кардани онҳо, барқарор намудани хонаҳои осебдида, чораҳои бетаъхир андешида шавад.

**www.president.tj**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РӮЗҲОИ ИД»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 608; с. 2012, №7, мод. 684, №12, қ. 1, мод. 1011, мод. 1012; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 401; с. 2015, №3, мод. 209, №7-9, мод. 706; с. 2016, №5, мод. 371, №7, мод. 619, №11, мод. 878; с. 2017, №1-2, мод. 13, №5, қ. 1, мод. 294; с. 2018, №1, мод. 12; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 693; с. 2022, №1-3, мод. 13, №6, мод. 346, №12, қ. 2, мод. 775, мод. 776) сархатҳои шасту панҷум ва ҳаштоду дуюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- Рӯзи Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 26 сентябр;»;

«- Рӯзи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ – 1 декабр;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1973**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 390**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 983**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 268, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ғаффорзода Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ғаффорзода Нигорахон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 269, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Амирбекзода Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Амирбекзода Ҳабибулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 270, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сафарзода Д. Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Дилшод Ғанӣ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 271, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Нуруллозода Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Нуруллозода Фирӯза муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 272, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Холматиён Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Холматиён Рустам муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 273, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода З. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Салимзода Зиёдулло Нусратулло муовини раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 июни соли 2023, № 274, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии қароргоҳи «Искандаркӯл»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Файзулло Қ. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Файзулло Қувваталӣ Бобоҷон директори Муассисаи давлатии қароргоҳи «Искандаркӯл»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# АРЗИШҲОИ НЕКУ СОЗАНДАИ ДИНУ ОИНАМОНРО БАРОИ РУШДИ БОСУБОТ РАВОНА СОЗЕМ

### Паёми шодбошии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди Қурбон

**шаҳри Душанбе, 27 июни соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо бо фарорасии иди саиди Қурбон самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар саломативу хушбахтӣ, рӯзгори осуда ва файзу баракат орзу менамоям.

Имсол Рӯзи ваҳдати миллӣ ва иди саиди Қурбон пайи ҳам омад ва мардуми шарифи Тоҷикистон ҳар ду санаи муҳимро дар фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва бо гиромидошту арҷгузорӣ ба суннату арзишҳои миллиамон истиқбол мегиранд.

Дар шароит ва муҳити сулҳу оромӣ озодона таҷлил гардидани ҷашнҳои милливу давлатӣ ва ба ҷо овардани оину анъанаҳои динӣ самараи истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки мо бояд аз ин неъмати бузург сидқан шукргузор бошем.

Мардуми мо ба дини мубини ислом ҳамчун сарчашмаи поку беолоиши ахлоқиву маънавӣ эҳтиром мегузоранд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба масъалаи озодии виҷдон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, то имрӯз барои адои фарзиёти исломии мардум тамоми шароити заруриро муҳайё сохтааст.

Дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе бунёд ва расман ифтитоҳ гардидани масҷиди ҷомеъ, ки чанд рӯз пештар сурат гирифт ва бо номи асосгузори мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ – Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, яъне Имоми Аъзам номгузорӣ гардид, аз ҷумлаи ҳамин иқдомот мебошад.

Бояд гуфт, ки моҳияти иди Қурбон - яке аз суннатҳои эътиқодии мардуми мо аз хайру саховат, дӯстиву муҳаббат ва дастгирии байниҳамдигарии инсонҳо ҳамчун омили саодати зиндагии ҷомеа иборат мебошад. Яъне, ғояҳои эҳсону накукорӣ, аз ҷумла ҳусни муошират бо аҳли хонадон, улфату муҳаббат ба наздикону пайвандон, муомилаи нек бо ҳамсоягон, мурувват ба дӯстону ҳамкорон, раҳму шафқат ба ятимону маъюбон, ёриву ғамхорӣ ба дармондагону ниёзмандон ва дуову фотиҳа дар ҳаққи гузаштагон аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҳар як шахс бояд онҳоро дар зиндагии ҳаррӯзаи худ, аз ҷумла дар айёми ид, эҳтиром ва риоя намояд. Бахусус, дастгирии оилаҳои камбизоат, ятимону маъюбон ва беморону ниёзмандон аз анъанаҳои неки иди Қурбон ба ҳисоб меравад.

Анъанаи қурбонӣ кардани чорво аз ҷониби онҳое, ки имконияти мусоиди иқтисодӣ дошта, дар таъмини аҳли оилаашон мушкилие вуҷуд надорад ва он ҳам ба хотири дастгирии эҳтиёҷмандон дар байни мардуми мо роиҷ аст.

Вале бояд гуфт, ки анҷом додани қурбонӣ аз қудрату тавони ҳар як шахс вобаста мебошад. Яъне, қурбонӣ кардан ба дӯши ҳама ҳатмӣ нест ва ин амалро танҳо онҳое метавонанд анҷом диҳанд, ки аҳли оила ва фарзандони онҳо аз ҳар лиҳоз таъминанд ва танқисиву мушкилие надоранд.

Ба ибораи дигар, зарур аст, ки корҳои хайр ва амалҳои эътиқодӣ дуруст ва танҳо дар доираи имкон иҷро карда шаванд. Зеро Худованди мутаол дар сураи 2-юми ояти 286-уми каломи осмонии худ фармудааст, ки «Худо бар ҳеҷ кас ҷуз ба андозаи тавоноияш воҷиб намекунад». Яъне, ҳар масъулияте, ки болотар аз қудрату тавоноии моддиву ҷисмонии инсон аст, аз ҷониби Худованд бар муъмин воҷиб намегардад.

Вале тавре мушоҳида мегардад, вақтҳои охир ҳангоми ба ҷо овардани маросиму маъракаҳо ва расму оинҳои динӣ, аз ҷумла анҷом додани маносики ҳаҷ, баъзе ҳамватанони мо зиёдаравӣ ва намоишкорӣ карда, зиёрати хонаи Худоро ба як навъ мусобиқаи оилавӣ ва авлодӣ табдил дода, чандин маротиба ба ҳаҷ, аз ҷумла ба ҳаҷҷи умра, рафта истодаанд.

Чунин рафтор дар ҳоле сурат гирифта истодааст, ки дар зиндагии оилаи аксари онҳо ва шароити хонаву дарашон мушкилоти зиёд вуҷуд доранд. Ҳол он ки доир ба ин масъала дар маъхазҳои муътабари динӣ омадааст, ки «ҳаҷ фақат як бор воҷиб аст ва касе, ки бештар аз он ба ҳаҷ биравад, ҳаҷҷи ӯ суннат мебошад».

Шахсоне, ки такрор ба такрор ба ҳаҷ мераванд, як нуктаи одиро дар назар дошта бошанд, ки барои савоб гирифтан аввал ба шароити зиндагии аҳли оила, фарзандон, падару модар, наздикону пайвандон, инчунин, ҳамсояҳои наздик, гирду атрофи худ ва маҳали зисташон назар андозанд. Онҳо ҳатман хоҳанд дид, ки дар наздику атрофашон метавонанд бисёр корҳои хайрро анҷом диҳанд, ки ба нафъи оила, фарзандон, хешу табор ва ҷомеа буда, савоби ҷория ба ҳисоб мераванд.

Ҳар яки мо, пеш аз ҳама, вазифадорем, ки барои худ, аҳли оила ва фарзандонамон шароити хубу бароҳати зиндагӣ, омӯхтани илму дониш, аз худ кардани касбу ҳунар, забономӯзӣ ва ғизои босифатро муҳайё созем. Ин қарзи инсонии ҳар яки мост.

Фарзандони мо бояд илму дониш омӯзанд, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоянд, то дар оянда баъди сари мо азияту муҳтоҷӣ накашанд, зиндагии худро пеш бурда тавонанд, умри бобаракат бинанд ва қарзи худро дар назди падару модар, ҷомеа ва давлати хеш сазовору содиқона иҷро намоянд.

Дар робита ба ин, хотиррасон месозам, ки солҳои охир бисёр соҳибкорони бонангу номус ва шаҳрвандони ватандӯсту саховатпешаи мо, ки имкони мусоиди иқтисодӣ доранд, тибқи суннатҳои инсонпарваронаи халқамон ба оилаҳои камбизоат, ятимону маъюбон, хонаҳои кӯдакону пиронсолон ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ кумак мерасонанд, дар ободониву созандагии зодгоҳашон ва шаҳру деҳоти кишварамон саҳми арзанда мегузоранд.

Онҳо роҳу пулҳо, хатҳои обрасонӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ – мактабу кӯдакистон ва беморхонаву марказҳои саломатӣ сохта, дар таъмиру таъминоти хонаҳои кӯдакону пиронсолон фаъолона ширкат мекунанд.

Фаромӯш набояд кард, ки моҳияти инсондӯстии таълимоти дини мубини ислом низ маҳз дар анҷом додани амалҳои нек ва корҳои хайру савоб инъикос меёбад ва чунин аъмоли писандида, албатта, ба густариши иззату эҳтироми ҳамдигар, тақвияти муҳаббату дӯстӣ дар байни одамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва суботи ҷомеа мусоидат менамояд.

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Дар шароити бисёр ноороми ҷаҳони муосир, ки яроқнокшавии бошитоб, шурӯи «ҷанги сард», бемориҳои сироятӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, аз ҷумла хушксоливу камобии пайдарҳам дар минтақаҳои гуногуни олам, инчунин, дигар раванду омилҳо зиндагии сокинони сайёраро торафт бештар таҳти таъсири манфӣ ва харобиовар қарор медиҳанд, мо бояд ба хотири ҳифзи амнияти Ватани маҳбубамон ва суботу оромии халқамон ҳушёру омода бошем.

Мо вазифадор ҳастем, ки арзишҳои неку созандаи дину оинамонро бо анъанаҳои неки илмомӯзиву маърифатпарварии мардуми куҳанбунёдамон такмил дода, онҳоро барои рушди босуботи давлат ва Ватани азизамон равона созем.

Дар ин раванд, мо бояд ба масъалаи илмомӯзиву азхудкунии касбу ҳунар аз ҷониби фарзандон эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа диҳем.

Воқеан, савоби омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар ва ҳамчун мутахассис ба халқ хизмат кардан, ба ҷо овардани эҳтирому хизмати падару модар, дуои неки онҳоро гирифтан ва муҳайё намудани шароити хуб барои аҳли оила камтар аз ҳаҷ ва дигар амалҳои фарз нест.

Мардуми хирадманди мо беҳуда намегӯянд, одам ба дуо ва дарахт бо об сабз мешавад.

Рӯйдоду равандҳое, ки солҳои охир дар минтақа ва ҷаҳон идома доранд, моро водор месозанд, ки дар байни мардум ва хусусан наврасону ҷавонон, ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву ифтихори ватандориро густариш бахшем, фарзандони худро ба омӯхтани илму донишҳои муосир ва касбу ҳунарҳои замонавӣ ҳар чӣ бештар талқину ташвиқ намоем, ба ҷойи хароҷоти беҳудаву исрофкорӣ ва намоишкориву зоҳирпарастӣ барои онҳо шароити беҳтари зиндагиву таҳсил фароҳам оварем.

Дигар ин ки мо бояд ба қадри давлати соҳибистиқлоламон, Ватани соҳибихтиёрамон, сулҳу оромии кишвари маҳбубамон ва ваҳдати мардумамон расем, онҳоро эҳтиёт ва ҳифз намоем, шукрона кунем, ки соҳиби Ватани озод, давлати соҳибистиқлол, узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳастем.

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки танҳо бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва заҳмати софдилонаву содиқона метавонем нақшаҳои созандаи худро амалӣ намоем, сатҳу сифати зиндагии мардумамонро баланд бардорем, Ватанамонро обод, давлатамонро пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем.

Бо изҳори итминон баояндаи неки Ватани соҳибистиқлоламон бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии иди саиди Қурбон самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар бахту иқболи нек, рӯзгори осудаву босаодат ва неъмати бузурги суботу оромӣ орзу менамоям.

**Иди саиди Қурбон муборак, ҳамватанони азиз!**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ЗАМИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, фасли IV, №23-24, мод. 333; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ.2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269, №8, мод. 828; с. 2016, №11, мод. 879; с. 2021, №12, қ.2, мод. 697, мод. 698, мод. 699; с. 2022, №7, мод. 444), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар зербанди а) қисми якуми моддаи 17 калимаҳои «Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин» ба калимаҳои «шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 27:

- ба ҷумлаи якуми қисми якум пеш аз калимаҳои «зарур аст» калимаҳои «дар доираи меъёрҳои муқарраргардида» илова карда шаванд;
- дар ҷумлаи дуюми қисми якум калимаи «ҳудуди» ба калимаҳои «меъёрҳои муқарраргардидаи» иваз карда шавад;
- ба қисми чорум пас аз калимаи «истифоданашуда» калимаҳои «бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 37 ва 39 Кодекси мазкур» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе 22 июни соли 2023 № 1974**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 391**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 24 майи соли 2023, № 1014**

## ҚАРОРИ ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии асари беҳтарин дар мавзӯи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022, ба ифтихори бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», инчунин ҷиҳати мусоидат ба ҳалли масъалаҳои экологӣ Озмуни ҷумҳуриявии асари беҳтарин дар мавзӯи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаҳои Озмуни ҷумҳуриявии асари беҳтарин дар мавзӯи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3).

3. Озмун дар як давр, аз 1 сентябри соли 2023 то 1 майи соли 2024 баргузор ва то 1 июни соли 2024 ҷамъбаст карда шуда, маросими қадрдонии ғолибон ва иштирокдорони фаъол дар арафаи Рӯзи байналмилалии ҳифзи муҳити зист ва Рӯзи обуҳавошиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон» - 5 июни соли 2024 ташкил карда шавад.

4. Шартҳои баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявӣ аз ҷониби Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тавассути сомонаи расмии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон www.parlament.ti. рӯзномаи «Садои мардум» (ҳамзамон тавассути сомонааш www.sadoimardum.ti’). шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор карда шаванд.

5. Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби шарикони рушд ҷиҳати қадрдонии ғолибон ва иштирокдорони фаъоли озмун тадбирҳои зарурӣ андешанд.

6. Иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 1730**

Муҳокимаи парламентӣ

# ТАТБИҚИ БАРНОМА БА РУШДИ СОҲА ТАКОН БАХШИД



**23-юми июни соли ҷорӣ таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим дар мавзӯи «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» муҳокимаи парламентӣ баргузор гардид.**

Дар он вакилони Маҷлиси намояндагон, роҳбарияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисони сохторҳои марбута иштирок карданд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим иброз намуд, ки аз солҳои аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди устувори соҳаи чорводорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуд. Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷорӣ гардидани имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои зотпарварӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ба рушди ин соҳаҳо такони ҷиддӣ бахшид. Ҳамзамон, барои пешбурди соҳаҳои кишоварзии мамлакат заминаи ҳуқуқии зарурӣ фароҳам гардид.

Таҳлили «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» нишон медиҳад, ки дар панҷ соли татбиқи барнома корҳои муайян амалӣ гардидаанд. Қабули қонунҳои мукаммал, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ва дастгирии давлатии соҳаҳои чорводорӣ барои мутобиқсозии фаъолият ба талаботи нави хоҷагидорӣ мусоидат намуданд. Мушкилиҳо асосан ба истифодаи захираҳои хӯроки чорво, хушзоткунӣ, инноватсия рабт доранд.

- То ҳол талаботи хоҷагиҳо бо зотҳои сермаҳсули чорвою паранда пурра қонеъ нагардидааст. Бинобар ин, чорвои зотӣ дар таркиби саршумори умумӣ 30-35 фоизро нисбат ба талабот ташкил медиҳад. Умед дорем, ки тавсияҳои иштирокдорони муҳокимаи парламентӣ барои бартараф кардани камбудиҳо мусоидат хоҳанд кард, - таъкид намуд Қодири Қосим.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мирзоанвар Ахмедов қайд кард, ки «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ барои солҳои 2018 - 2022» татбиқи чорабиниҳо барои пешбурди амалиёт барои беҳтарсозии фаъолият дар парвариши чорвои калон, гӯсфанду буз, зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво, мусоидат барои ба соҳаҳои рушдёбанда табдил додани қутоспарварӣ, аспарварӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, парвариши занбӯри асал, рушди чарогоҳҳо ва биотехнологияи чорворо дар бар мегирад. Дар ин самт корҳои назаррас амалӣ шуданд, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорводориро дар панҷ соли охир таъмин намуд. Эътироф бояд кард, ки то ҳол имкониятҳои мавҷуда пурра истифода бурда намешаванд. Нотиқ чунин хулоса кард: «Имкониятҳо барои ба соҳаи рушдёбанда табдил додани чорводорӣ ба таври кофӣ мавҷуданд. Зарур аст, ки истифодаи онҳо бо назардошти ҳадафи стратегии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ амалӣ шавад.

Муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаббор Носирзода аз он қаноатмандӣ кард, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандии кишоварзон, истифодаи оқилонаи замин, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва фаровонии бозор вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар доранд.

Номбурда дар идома гуфт, ки «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018 таҳти №160 ба тасвиб расидааст. Дар давраи татбиқи барнома бо истифодаи маблағи буҷет ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ рушд ёфта, саршумори чорвою паранда, оилаҳои занбӯри асал ва истеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла гӯшт, гӯшти паранда, шир, тухм, моҳӣ ва асал, зиёд гардид.

Соли 2022 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ саршумори чорвои калон ба 2543,9 ҳазор сар ва моли майда ба 6295,9 ҳазор сар расида, дар ин давра 349,1 ҳазор тонна гӯшт ва 1064,2 ҳазор тонна шир истеҳсол шудааст. Нисбат ба давраи қабули барнома (соли 2017) саршумори чорвои калон 226,7 ҳазор сар (9,8 фоиз), моли майда 714,5 ҳазор сар (13 фоиз), истеҳсоли гӯшт 100,4 ҳазор тонна (40,3 фоиз) ва шир 114,3 ҳазор тонна (12 фоиз) зиёд гардид. Муҳимтар аз ҳама, дар қиёс ба панҷ соли пеш воридоти гӯшт аз хориҷи кишвар 19,4 маротиба коҳиш ёфт.

Бо истифодаи имтиёзҳои додашуда дар давраи амалишавии барнома барои беҳтар намудани зоти чорво, ташкили фермаҳои нави чорводорӣ ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли гӯшту шир аз хориҷи кишвар 17732 сар чорвои хушзот ворид шуд, ки нисбат ба нишондоди барнома 2,1 маротиба зиёд мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бо дастгирии Пешвои миллат дар давраи амалишавии барнома шумораи корхонаҳои парандапарварӣ аз 65 ба 218 расид, ки 3,3 маротиба зиёд мебошад.

Муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода дар баробари комёбиҳо аз камбудиҳо ёдовар шуд. Бо овардани далелҳои мушаххас номбурда тавсия дод, ки дар оянда барои роҳ надодан ба камбудиҳо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» бояд дар мадди назар бошад.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода чунин иброз намуд: «Новобаста аз зиёд гаштани саршумори чорво, сифат ва маҳсулнокии онҳо беҳбудиро талаб мекунад. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2022-юм 24,1 млрд. сомониро ташкил дода, аз он 6,7 млрд. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Ин рақам шаҳодат медиҳад, ки барои дастгирӣ ва рушди соҳа маблағи зиёд равона мешавад. Зарур аст, ки бо дастгирии олимони соҳа, истифодаи навгониҳои илмӣ дар амалия метавонем маҳсулнокии соҳаро зиёд намоем. Ин саҳми муносиб дар истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, ғанӣ гардонидани бозорҳо, таъмини амнияти озуқаврии мамлакат ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мегардад».

Пас аз саволу ҷавоб ва музокираҳо қарор ва тавсияҳои парламентӣ қабул шуданд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми иҷозатдиҳӣ, меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амалҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ танзим карда мешаванд, муқаррар намуда, ба таъмини риояи стандартҳо, шартҳои иҷозатдиҳӣ ва талаботу шартҳои тахассусӣ, инчунин ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат равона гардидааст.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ** – амалҳои маъмурии дорои хусусияти якдафъаинаи мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба мувофиқасозии анҷом додани намудҳои муайяни фаъолият, амалҳо ва ё санадҳои субъектҳои хоҷагидор;

2) **аризадиҳанда** – субъекти хоҷагидоре, ки ба мақомоти иҷозатдиҳанда бо ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ ва қабули огоҳинома оид ба анҷом додани намуди мушаххаси фаъолият ва ё амал муроҷиат намудааст;

3) **гирифтани огоҳинома** – амали маъмурии дорои хусусияти якдафъаинаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба қабули огоҳинома ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида, ки аз тарафи субъектҳои хоҷагидор дар мавриди огоҳсозӣ дар бораи оғози амалисозии намудҳои муайяни фаъолияти соҳибкорӣ ва анҷом додани амалҳои муайян равона шудааст;

4) **дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ** – субъекти хоҷагидоре, ки ҳуҷҷати иҷозатдиҳии амалкунанда дорад;

5) **иҷозатнома** – ҳуҷҷати маъмурии махсуси дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ, ки аз ҷониби мақоми иҷозатдиҳанда ба субъекти хоҷагидор барои амалисозии намудҳои муайяни фаъолият ё амали марбут ба сатҳи баланди таваккал бо риояи шартҳои иҷозатдиҳӣ ва талаботу шартҳои тахассусӣ дода мешавад;

6) **иҷозатномадор** – субъекти хоҷагидоре, ки барои амалӣ намудани фаъолият ё амали махсус иҷозатномаи амалкунанда дорад;

7) **кор ё хизматрасоние, ки гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро талаб мекунад** – кор ё хизматрасоние, ки иҷрои он бе гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур манъ аст;

8) **мақомоти иҷозатдиҳанда** – мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки барои додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо ваколатдор шудаанд;

9) **мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда** – мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки барои қабули ариза оид ба намудҳои фаъолияте, ки ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаи он бо қарор ё фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, ваколатдор шудаанд;

10) **маъқулдонии худ аз худ** – расмиёте, ки дар натиҷаи он иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, санади тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳои додашуда, аз нав ба расмият даровардашуда ва баркароршуда ҳисобида мешавад, агар мақоми иҷозатдиҳанда вобаста ба ариза дар муҳлат ва бо шартҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст, бо огоҳонидани аризадиҳанда қарор қабул накарда бошад;

11) **моле, ки гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро талаб мекунад** – моле, ки воридоти он ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ихтиёрдории он дар асоси ҳуҷҷати иҷозатдиҳии мутобиқи талаботи Қонуни мазкур гирифташуда амалӣ карда мешавад;

12) **намуди фаъолияти иҷозатномашаванда** – фаъолият ё амали махсусе, ки барои амалисозии он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни мазкур бояд иҷозатнома гирифта шавад;

13) **низоми иҷозатдиҳӣ** – низоми фаъолияти мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба баррасии аризаҳо барои додани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, инчунин додани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, азнавбарасмиятдарорӣ, боздоштан, барқарор ва бекор кардани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳои субъектҳои хоҷагидор;

14) **низоми давлатии иттилоотии додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда (минбаъд – низоми давлатии иттилоотӣ)** – маҷмӯи воситаҳои барномавӣ, усулҳо ва расмиёти қабули дархости электронӣ барои додани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда, қабул, коркард, интиқол, нигоҳдорӣ, санҷиши пурраги ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва барасмиятдарории иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда, пешбурди феҳристи иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда;

15) **низоми электронӣ барои додани ариза (минбаъд – низоми электронӣ)** – низоми иттилоотие, ки аз тарафи аризадиҳанда барои додани ариза дар бораи гирифтан, азнавбарасмиятдарорӣ, қатъ кардан, додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, инчунин дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ, ирсоли огоҳиномаҳо дар шакли рақамӣ, тариқи реҷаи мустақим (онлайн) истифода гардида, ҷузъи таркибии низоми давлатии додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, ирсоли огоҳиномаҳо мебошад;

16) **огоҳинома** – ҳуҷҷате, ки аз ҷониби аризадиҳанда дар шакли тасдиқшуда тартиб дода шудааст ва дар бораи оғоз ё анҷом додани намуди муайяни фаъолият ё амал хабар медиҳад;

17) **субъекти хоҷагидор** – шахси ҳуқуқӣ (новобаста ба шакли моликият), аз ҷумла филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд;

18) **талабот ва шартҳои тахассусӣ** – маҷмӯи талабот ва шартҳои муқарраршудае, ки иҷрои онҳо барои иҷозатномадор, шахсе, ки ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ гирифтааст ва шахсе, ки расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ, инчунин огоҳиномасозиро гузаштааст, ҳатмӣ мебошанд;

19) **феҳристҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда** – маҷмӯи маълумот дар бораи иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозии додашуда, аз нав ба расмият даровардашуда, боздоштшуда, барқарор ва бекоркардашуда, огоҳиномаҳои гирифташуда, ки ҷузъи таркибии низоми давлатии иттилоотӣ мебошанд;

20) **феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда** – номгӯйи мукаммали ҳамаи иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда, махзани ҷамъбастии маълумот ва иттилоот оид ба ҳамаи намудҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда;

21) **ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ** – ҳуҷҷати маъмурии дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ дар шакли иҷозат, сертификат, хулоса, шаҳодатнома, аттестат, рухсатнома, бақайдгирӣ, супориш, қарор ва намуди дигари ҳуҷҷати дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда ба субъекти хоҷагидор барои анҷом додани фаъолият ё амали муайян ва ё барои намудҳои муайяни мол, кор ва хизматрасонӣ бо нишон додани муҳлати амали он бо риояи ҳатмии шартҳои иҷозатдиҳӣ ва талаботу шартҳои тахассусӣ дода мешавад;

22) **ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта** – иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳо;

23) **шартҳои иҷозатдиҳӣ** – маҷмӯи талабот ва шартҳое, ки аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ бармеоянд ва иҷро намудани онҳо аз ҷониби аризадиҳанда зимни гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур нисбат ба фаъолият ва ё амалҳое паҳн мегардад, ки дар феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда пешбинӣ шудааст.

**Моддаи 4. Меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амалҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ танзим карда мешаванд**

1. Меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият ва ё амалҳо, инчунин мол, кор ва хизматрасоние, ки гирифтани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро талаб менамоянд, намудҳои фаъолият ва ё амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ба таваккал асос ёфта, амалисозии онҳо метавонад ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс, муҳити зист, мудофиа ва амнияти давлат, мероси таърихию фарҳангӣ зарар расонад ва танзими онҳо, ба ғайр аз низоми иҷозатдиҳӣ, бо роҳҳои дигар имконнопазир аст.

2. Ба намудҳои фаъолият ва ё амалҳое, ки гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, санади тасдиқ ва мувофиқасозӣ, фиристодани огоҳиномаро талаб менамоянд, намудҳои фаъолият ва ё амалҳое дохил мешаванд, ки ба яке аз меъёрҳои зерин ҷавобгӯй мебошанд:

1) зарурати истифодабарии захираҳои маҳдуди давлатӣ;

2) зарурати муқаррар намудани талабот ва шартҳои тахассусӣ нисбат ба фаъолият ва ё амалҳо, назорати риояи онҳо дар ҷараёни фаъолият ва ё амалҳо бо мақсади роҳ надодан ба расонидани зарар ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс, муҳити зист, мудофиа ва амнияти давлат, мероси таърихӣ фарҳангӣ.

**Моддаи 5. Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда ва тартиби ворид намудани тағйирот ба он**

1. Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда (минбаъд – феҳристи ягонаи давлатӣ) бо Қонуни мазкур муқаррар карда мешавад (замима мегардад).

2. Дар феҳристи ягонаи давлатӣ маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

1) намуди фаъолият ва амалҳои иҷозатномашаванда, зернамудҳои фаъолият ва амалҳои иҷозатномашаванда;

2) номгӯйи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои фаъолият ва амалҳо, зернамудҳои фаъолият ва амалҳо, ки гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро талаб мекунанд;

3) номгӯйи санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ барои анҷом додани фаъолият ва амалҳо, зернамудҳои фаъолият ва амалҳое, ки барои анҷом додани онҳо санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ талаб менамояд;

4) номгӯйи огоҳиномаҳои гирифташаванда барои фаъолият ва амалҳо;

5) андозаи хироҷ барои иҷозатномадиҳӣ, додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, гирифтани огоҳинома бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо (хироҷ барои баррасии ариза, хироҷи яккарата барои додан ва минбаъдан ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, гирифтани огоҳинома).

3. Ворид (ҷорӣ) намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, тағйир додан ва хориҷ кардани онҳо танҳо бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба феҳристи ягонаи давлатӣ амалӣ карда мешавад.

4. Мақомоти иҷозатдиҳанда ҳуқуқ надоранд ба субъектҳои хоҷагидор ҳуҷҷатҳоеро диҳанд, ки хусусияти иҷозатдиҳӣ дошта, дар феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷуд набошанд. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ки дар феҳристи ягонаи давлатӣ пешбинӣ нагардидаанд, додани ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба субъектҳои хоҷагидор манъ аст.

**Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ мансубанд:

1) таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ;

2) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ;

3) муайян намудани мақомоти иҷозатдиҳанда;

4) тасдиқи тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

5) додани иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

6) тасдиқи тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ;

7) тасдиқи қоидаҳои пешбурди феҳристи иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

8) амалӣ намудани салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ дохил мешаванд:

1) амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ;

2) мониторинги иҷрои Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷиҳати иҷрои Қонуни мазкур қабулгардида ва пешниҳод намудани иттилооти ҳарсола аз натиҷаҳои он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ;

4) тасдиқ намудани шакли намунавии ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

5) пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти иҷозатдиҳанда**

Ба ваколатҳои мақомоти иҷозатдиҳанда дохил мешаванд:

1) баррасии аризаҳо барои гирифтани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

2) додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

3) азнавбарасмиятдарории иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ;

4) боздоштани амали иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

5) барқарор намудани амали иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

6) додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

7) рад кардан аз додани иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

8) пешбурди феҳристҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда;

9) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ тасдиқ намудани шаклҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қабули огоҳиномаҳо;

10) аз иҷозатномадор, дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, субъекти хоҷагидор, ки аз расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ, инчунин огоҳсозӣ гузаштааст, талаб намудани маълумот оид ба риояи шартҳои иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ;

11) санҷиши риояи талабот ва шартҳои додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо;

12) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда**

Дар ҳолатҳои муқарраргардидаи Қонуни мазкур салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта аз ҷониби мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 10. Амалӣ намудани назорат**

1. Назорати риояи шартҳои иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда дар доираи ваколатҳо дар шакли мониторинг, санҷиш, дархости маълумоти дахлдор аз субъекти хоҷагидор, талаби маълумоти оморӣ ва таҳлили он оид ба фаъолияти субъекти хоҷагидор амалӣ карда мешавад.

2. Санҷиши риояи шартҳои иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 11. Амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта**

1. Намуди фаъолият ва ё амалҳое, ки барои амалисозии онҳо ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта гирифта шудааст, аз ҷониби дорандаи онҳо анҷом дода мешаванд.

2. Ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта метавонанд берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амал намоянд.

4. Субъектҳои хоҷагидори хориҷӣ метавонанд бо шартҳое ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро гиранд, ки барои субъектҳои хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Барои гирифтани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта субъектҳои хоҷагидори хориҷӣ бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон филиал ё намояндагӣ дошта бошанд.

5. Барои анҷом додани як намуди фаъолият ва ё амал дар як вақт додани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои дигари хусусияти иҷозатдиҳидошта манъ аст, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ҳуҷҷатҳои якдафъаина буда, барои фаъолият ва ё амали мушаххасе дода мешаванд, ки дар иҷозатномаи додашуда пешбинӣ шудааст.

**Моддаи 12. Муҳлати амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта**

1. Иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, ба истиснои иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ, ба муҳлати номаҳдуди амал дода мешаванд. Муҳлати амали иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Муҳлати амали иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳии дорои амали якдафъаина аз лаҳзаи анҷом додани фаъолият ва ё амали якдафъаинаи муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охир мерасад.

3. Муҳлати амали иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо асосҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур қатъ мегардад.

4. Санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳо хусусияти якдафъаина дошта, бемуҳлат мебошанд.

**Моддаи 13. Хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта**

1. Барои баррасии ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, қабули санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳинома, инчунин барои додани иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, қабули санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳинома тибқи нишондиҳанда барои ҳисобҳои дар замимаи Қонуни мазкур пешбинигардида хироҷ ситонида шуда, ба буҷети давлатии дахлдор тибқи тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо (минбаъд – тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта) гузаронда мешавад.

2. Хироҷ барои баррасии ариза дар бораи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта баргардонида намешавад.

3. Барои додани иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фаъолияте, ки якчанд намуди корро дар бар мегирад, танҳо маблағи ҳадди баландтари пешбининамудаи замимаи Қонуни мазкур ситонида мешавад.

4. Хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта хароҷоти ташхис, экспертиза, таҳлил ва озмоишҳои лабораториро, ки ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта сурат мегиранд, дар бар намегирад. Арзиши чунин ташхис, экспертиза, таҳлил ва озмоишҳои лабораторӣ бояд дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳандаи дахлдор интишор карда шавад.

**Моддаи 14. Феҳристҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда ба таври доимӣ феҳристҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда (минбаъд – феҳристҳои ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта)-ро дар шакли электронӣ дар низоми давлатии иттилоотӣ пеш мебаранд.

2. Мақомоти давлатӣ барои амалӣ намудани ваколатҳои худ уҳдадоранд, ки иттилоотро дар бораи иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда аз феҳристҳои ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта бе талаб кардани тасдиқи иттилооти зикргардида аз тарафи субъектҳои хоҷагидор гиранд.

3. Феҳристҳои ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта яке аз асосҳо барои ташаккули низоми арзёбии дараҷаи таваккалнокии субъектҳои хоҷагидор ва банақшагирии гузарондани санҷишҳо аз тарафи мақомоти иҷозатдиҳанда мебошанд.

4. Иттилооте, ки дар феҳристҳои ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта мавҷуд аст, ошкоро ва дастраси умум мебошад.

**Моддаи 15. Қоидаҳои умумии додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта**

1. Қоидаҳои умумии додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муқаррар намуда, инҳоро дар бар мегиранд:

1) додани ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

2) шартҳо ва талабот барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

3) номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта заруранд;

4) намудҳои фаъолият ва амалҳое, ки барои амалисозии онҳо ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта талаб карда мешаванд;

5) номгӯйи мақомоти иҷозатдиҳанда, ки барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ваколатдор мебошанд;

6) андозаи хироҷ барои ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта дар шакли нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

7) ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

8) талабот ба шакли ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

9) расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан, бозхонд кардан ё қатъ намудани амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки бо қонунҳо муқаррар карда шудаанд;

10) амал дар соҳаи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта.

2. Мақомоти иҷозатдиҳанда ҳуқуқ надоранд қоидаҳои дигари додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро, ки Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ накардаанд, муқаррар намоянд.

### БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ

**Моддаи 16. Принсипҳои низоми иҷозатдиҳӣ**

Низоми иҷозатдиҳӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) қонуният, беғаразӣ, поквиҷдонӣ ва ошкорбаёнӣ;

2) ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

3) шаффофияти низоми иҷозатдиҳӣ;

4) муқаррар намудани қоидаҳои ягонаи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

5) муқаррар намудани шартҳо ва талаботи ягонаи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

6) маъқулдонии худ аз худ;

7) таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ дар ҳудуди давлат;

8) ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ;

9) гузарондани таҳлили таъсири танзимкунӣ ҳангоми ҷорӣ намудани намудҳои нави ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои анҷом додани фаъолият ва ё амали муайян;

10) ба манфиати субъекти хоҷагидор шарҳ додани ҳама гуна шубҳа, носаҳеҳӣ, ихтилофот ва гуногунфаҳмиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии бо низоми иҷозатдиҳӣ алоқаманд.

**Моддаи 17. Шаффофияти низоми иҷозатдиҳӣ**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд, ки дар бораи тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ иттилоъ диҳанд ва шаффофияти фаъолияти худро ҳангоми қабули қарорҳо дар бораи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта бо роҳи ҷалб намудани субъектҳои хоҷагидор ба ҷараёни таҳия ва муҳокимаи тағйиру иловаҳои пешниҳодшаванда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қарорҳо дар бораи додан ё рад кардани додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта таъмин намоянд.

2. Мақомоти иҷозатдиҳанда шаффофияти танзими низоми иҷозатдиҳиро тавассути дастрасии озоди субъектҳои хоҷагидор ба лоиҳаҳои таҳияшавандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва интишори онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

3. Иттилоот оид ба ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштае, ки бо Қонуни мазкур муқаррар гардидаанд, дар сомонаҳои расмии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳанда ҷойгир карда мешавад.

4. Феҳристи ягонаи давлатӣ дар сомонаҳои расмии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳанда ҷойгир карда шуда, дастрасӣ ба он тавассути низоми давлатии иттилоотӣ ройгон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Маъқулдонии худ аз худ**

1. Иҷозатнома (ба истисноӣ иҷозатномаи фаъолият оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ) ё ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ додашуда, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ амалишуда, огоҳинома қабулшуда ҳисобида мешавад, агар мақомоти иҷозатдиҳанда дар муҳлати муқарраргардидаи Қонуни мазкур дар бораи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба аризадиҳанда ҷавоб надода бошанд.

2. Ҳангоми ба миён омадани ҳолати дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, мақомоти иҷозатдиҳанда дар муҳлати то панҷ рӯзи корӣ пас аз гузаштани муҳлати зикргардида ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро медиҳанд.

3. Пас аз гузаштани муҳлати бо Қонуни мазкур муқарраргардидаи додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ва дар сурати набудани огоҳиномаи хаттии мақомоти иҷозатдиҳанда, аризадиҳанда метавонад ба фаъолият ё амале, ки барои он ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта дархост намудааст, дар асоси маълумотномаи мақомоти иҷозадиҳанда дар бораи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида оғоз намояд.

4. Расмиёти маъқулдонии худ аз худ нисбат ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки ба феҳристи ягонаи давлатӣ дохил шудаанд, татбиқ карда мешавад.

5. Рад кардани додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки дар муҳлати муқарраргардидаи Қонуни мазкур анҷом дода шудаанд, ҳуқуқи субъекти хоҷагидорро аз истифодаи маъқулдонии худ аз худ истисно менамояд.

6. Агар пас аз додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки дар асоси онҳо оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё пешбурди он иҷозат дода мешавад, мақомоти иҷозатдиҳанда далели иҷро нагардидани шартҳои иҷозатдиҳиро муқаррар намоянд, иҷозатномадор, дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, шахсеро, ки аз расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ, инчунин огоҳсозӣ гузаштааст, мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи камбудиҳои ошкоргардида на дертар аз як моҳ хабардор менамоянд. Муҳлати бартараф кардани камбудиҳои ошкоргардида наметавонад аз шаст рӯзи тақвимӣ зиёд бошад.

**Моддаи 19. Ҳифзи манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ**

1. Фаъолияти низоми иҷозатдиҳӣ бо мақсади таъмини сатҳи кофии бехатарии фаъолият ё амалҳо, ҳифзи ҳадди аксари самараноки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон бо сарбории ҳадди ақали аз лиҳози объективӣ зарурӣ ба субъектҳои хоҷагидор амалӣ карда мешавад.

2. Талабот ва шартҳои тахассусӣ бояд маҷмӯи ҳадди ақали зарурии стандартҳо ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатиро таъмин намоянд, ки ба аризадиҳанда барои таъмини сатҳи зарурии бехатарии фаъолият ва амалҳои дарпешистода кифоя мебошанд.

**Моддаи 20. Таҳлили таъсири танзимкунӣ**

Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳти таҳлили таъсири танзимкунӣ қарор дода шаванд.

### БОБИ 3. РАСМИЁТИ ДОДАН, АЗ НАВ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАН, БЕКОР КАРДАН, БОЗДОШТАН Ё ҚАТЪ НАМУДАНИ АМАЛИ ИҶОЗАТНОМА

**Моддаи 21. Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани иҷозатнома заруранд**

1. Барои гирифтани иҷозатнома аризадиҳанда ё шахси ваколатдори он ба мақомоти иҷозатдиҳанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1) ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома бо нишон додани намуди фаъолият ё амал;

2) нусхаи ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатии субъекти хоҷагидорро тасдиқ мекунад;

3) ҳуҷҷати тасдиққунанадаи пардохти хироҷ барои баррасии ариза;

4) ваколатнома барои намояндагии манфиатҳо ба номи шахси ваколатдор, агар ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома аз ҷониби намояндаи аризадиҳанда пешниҳод шаванд.

2. Ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешавад. Аризадиҳанда барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда масъул мебошад. Ҳангоми додани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома тавассути низоми электронӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. Ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида аз рӯйи номгӯй ба қайд гирифта мешаванд. Маълумотнома дар бораи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида, ки бо имзои шахси масъул ва муҳри мақомоти иҷозатдиҳанда бо сабти рӯзи бақайдгирӣ тасдиқ карда шудааст, ба аризадиҳанда фиристода (супорида) ё тавассути низоми электронӣ хабар дода мешавад.

4. Вобаста ба хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, дар тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта метавонад пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари тасдиққунандаи мутобиқати аризадиҳанда ба талабот ва шартҳои муқарраргардида барои додани иҷозатнома пешбинӣ карда шавад.

5. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки бо Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

6. Ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома дар ҳолатҳои зерин ба субъекти хоҷагидор баргардонида мешавад, агар:

1) аз ҷониби шахсе имзо шуда бошад, ки барои ин ваколат надорад;

2) ҳуҷҷатҳо бо вайронкунии талаботи моддаи мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба расмият дароварда шуда бошанд.

7. Огоҳинома дар бораи баргардонидани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ дар муҳлати на зиёда аз панҷ рӯзи кории пас аз рӯзи додани ариза бо нишон додани асос барои баргардонидани ариза супорида ё ирсол карда мешавад.

8. Баъд аз бартараф намудани камбудиҳое, ки боиси баргардонидани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома гардидаанд, аризадиҳанда метавонад аризаи нав пешниҳод кунад ва он бояд бо тартиби муқарраргардида баррасӣ карда шавад.

**Моддаи 22. Қабули қарор дар бораи додан ё рад кардани додани иҷозатнома**

1. Қарор дар бораи додан ё рад кардани додани иҷозатнома, ба истиснои иҷозатномаҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, дар муҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи тақвимии воридшавии ариза дар бораи додани иҷозатнома бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ қабул карда мешавад. Қарори дахлдор бо санади мақомоти иҷозатдиҳанда ба расмият дароварда мешавад.

2. Муҳлати қабули қарор дар бораи додан ё рад кардани додани иҷозатномаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муайян карда мешавад.

3. Муҳлати кӯтоҳтари қабули қарор дар бораи додан ё рад кардани додани иҷозатнома вобаста ба хусусияти фаъолият метавонад дар тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муқаррар карда шавад.

4. Маълумот оид ба қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома дар муҳлати муқарраргардидаи қисми 1 моддаи мазкур ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ва тавассути низоми электронӣ бо нишон додани мушаххасоти суратҳисоби бонкӣ ва муҳлати пардохти хироҷ барои додани иҷозатнома фиристода (супорида) мешавад.

5. Дар мавриди қабули қарор дар бораи рад кардани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд, ки дар муҳлати муқарраргардидаи қисми 1 моддаи мазкур аризадиҳандаро бо нишон додани асосҳои радкунӣ хабардор намоянд.

6. Дар давоми се рӯзи баъди аз ҷониби аризадиҳанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти хироҷ барои додани иҷозатнома, ба он иҷозатнома дода мешавад. Иҷозатнома аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда ба аризадиҳанда бо имзо дар дафтари баҳисобгирии аризаҳо ва иҷозатномаҳои додашуда супорида шуда, нусхаи электронӣ бо тартиби муқарраргардида ба суроғаи электронии он ирсол карда мешавад.

7. Асосҳои рад кардани додани иҷозатнома:

1) аз ҷониби аризадиҳанда дар ҳаҷми пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо;

2) ошкор гардидани маълумоти нодуруст дар ҳуҷҷатҳое, ки аризадиҳанда пешниҳод намудааст;

3) мутобиқ набудани объектҳои ба аризадиҳанда тааллуқдошта (аз ҷониби аризадиҳанда истифодашаванда) ба талаботи иҷозатномадиҳӣ;

4) хулосаи манфии мақомоти дахлдор дар бораи мутобиқат ба шартҳо ва талабот оид ба намуди пешбинигардидаи фаъолият.

8. Рад кардан аз додани иҷозатнома бо асосҳои дигаре, ки Қонуни мазкур муқаррар накардааст, манъ аст.

9. Аризадиҳанда ҳуқуқ дорад нисбат ба қарори мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи рад кардани додани иҷозатнома тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд.

10. Пас аз гузаштани муҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, ҳангоми набудани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи рад кардани додани иҷозатнома, он додашуда эътироф мегардад ва аризадиҳанда метавонад фаъолиятеро, ки барои он иҷозатнома дархост карда буд, тибқи принсипи маъқулдонии худ аз худ амалӣ намояд.

11. Дар сурати ба миён омадани ҳолати маъқулдонии худ аз худ, мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд, ки иҷозатномаро дар муҳлати муқарраргардидаи қисми 1 моддаи мазкур диҳанд.

**Моддаи 23. Додан ё рад кардани додани иҷозатнома аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Иҷозатномае, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти иҷозатдиҳанда дода мешавад, бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешавад.

2. Дар фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани иҷозатнома нишон дода мешаванд:

1) муҳлати амали иҷозатнома;

2) муайян кардани шахси мансабдори ваколатдор ҷиҳати аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидани иҷозатнома;

3) муҳлати баимзорасонии иҷозатнома аз ҷониби шахси мансабдори ваколатдор;

4) уҳдадории бастани шартномаи сармоягузорӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҳангоми зарурат.

3. Рад кардани ариза дар бораи додани иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бо санади дахлдори мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда ба расмият дароварда мешавад.

**Моддаи 24. Таркиби иҷозатнома**

Дар иҷозатнома нишон дода мешаванд:

1) номи мақоми иҷозатдиҳанда;

2) ном, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва маҳали ҷойгиршавии иҷозатномадор – барои шахси ҳуқуқӣ;

3) насаб, ном, номи падар, маҳали истиқомат, унсурҳо (реквизитҳо)-и ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият – барои соҳибкори инфиродӣ;

4) намуди фаъолият ва амалҳои иҷозатномашаванда (зернамуди фаъолият ва амалҳое, ки гирифтани иҷозатномаро талаб менамоянд);

5) рақами иҷозатнома ва санаи додани иҷозатнома;

6) муҳлати амали иҷозатнома;

7) рақами мушаххаси андозсупоранда ва рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда;

(Давомаш дар саҳ. 4)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ

(Идома аз саҳ. 3)

8) мансаб, насаб, ном ва номи падари роҳбари мақомот;
9) ҷойи имзо ва муҳр;
10) санаи қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома.

**Моддаи 25. Азнавбарасмиятдарории иҷозатнома**

1. Дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, тағйир ёфтани ном ва ё маҳали ҷойгиршавии он ва ё тағйир ёфтани ном ё маҳали истиқомати соҳибкори инфиродӣ, иҷозатномадор – шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқуқии он) ё соҳибкори инфиродӣ уҳдадор аст дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз аризаро дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тағйироти зикргардида, инчунин нусхаи аслии иҷозатнома пешниҳод намояд. Ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома, ба истиснои иҷозатномае, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз рӯзи аз ҷониби иҷозатномадор пешниҳод гардидани ариза амалӣ карда мешавад.

3. Муҳлати қабули қарор дар бораи азнавбарасмиятдарории иҷозатномаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муайян карда мешавад.

4. Барои азнавбарасмиятдарории иҷозатнома ба андозаи 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар санаи додани ариза дар бораи азнавбарасмиятдарорӣ хироҷ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни мазкур ситонида мешавад.

5. То азнавбарасмиятдарории иҷозатнома иҷозатномадор – шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқуқии он) ва ё соҳибкори инфиродие, ки дар бораи азнавбарасмиятдарории иҷозатнома ариза пешниҳод намудааст, фаъолият ва ё амали дар он зикргардидаро дар асоси нусхаи аризаи пешниҳодгардида дар бораи азнавбарасмиятдарории иҷозатнома бо қайди мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба санаи қабули ариза анҷом медиҳад ё иҷро менамояд.

6. Ҳангоми азнавбарасмиятдарории иҷозатнома мақомоти иҷозатдиҳанда ба феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта тағйироти дахлдор ворид менамояд.

7. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст.

**Моддаи 26. Додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома**

1. Дар сурати гум шудан ё фарсудашавии иҷозатнома дар асоси аризаи иҷозатномадор нусхаи дуюм (дубликат)-и он дода мешавад.

2. Мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд ба иҷозатномадор дар муҳлати на зиёда аз панҷ рӯзи корӣ баъд аз санаи гирифтани ариза, дар сурати фарсудашавии иҷозатнома – нусхаи аслии он, нашри эълон дар бораи гум шудани иҷозатнома дар воситаҳои ахбори омма ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти хироҷ аз ҷониби аризадиҳанда, нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатномаро диҳанд (фиристонанд). Ариза дар бораи додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. Додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта амалӣ карда мешавад.

4. Барои додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома хироҷ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни мазкур ба андозаи 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар санаи додани ариза ситонида мешавад.

5. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст.

**Моддаи 27. Боздоштани амали иҷозатнома**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда (дар сурати аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додани иҷозатнома – мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда) метавонанд амали иҷозатномаро дар ҳолати ошкор гардидани ду ва зиёда вайронкунии шартҳои иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ аз ҷониби иҷозатномадор, инчунин талаботи қисми 1 моддаи 25 Қонуни мазкур боздоранд. Боздоштани амали иҷозатнома боиси боздоштани фаъолияти иҷозатномашаванда ба муҳлати дар қисми 3 моддаи мазкур пешбинишуда ё то эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд оид ба бекор кардани иҷозатнома мегардад.

2. Новобаста ба талаботи қисми 1 моддаи мазкур, дар ҳолатҳои истисноӣ, агар ин барои пешгирии таҳдиди бевосита ба ҳаёт ё саломатии аҳолӣ, сар задани офати техногенӣ, расонидани зарари ҷубронпопазир ба объектҳои табиӣ ё ҳолати муҳити зист, ки пешгирии ин ҳолатҳо бо усулҳои дигар имконнопазир аст, зарур бошад, амали иҷозатнома боздошта мешавад.

3. Мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда) уҳдадоранд ба иҷозатномадор барои бартараф намудани вайронкуниҳое, ки боиси боздоштани амали иҷозатнома гардидаанд, се моҳ муҳлат муқаррар намоянд. Агар иҷозатномадор дар муҳлати мазкур вайронкуниҳои зикргардидаро бартараф накунад, мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд ба суд дар бораи бекор кардани иҷозатнома муроҷиат намоянд.

4. Иҷозатномадор уҳдадор аст вайронкуниҳое, ки боиси боздоштани амали иҷозатнома гардидаанд, бартараф карда, дар ин хусус мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда)-ро дар шакли хаттӣ огоҳ намояд. Мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд дар давоми панҷ рӯзи корӣ баъд аз гирифтани огоҳинома асоснокии онро санҷида, дар ҳолати бартараф шудани вайронкуниҳо дар бораи барқарор намудани амали иҷозатнома қарор қабул карда, ба иҷозатномадор ба таври хаттӣ хабар диҳанд.

5. Қарор дар бораи боздоштани амали иҷозатнома ё дар бораи ирсоли ариза оид ба бекоркунии иҷозатнома ба суд бо асоснокии он на дертар аз се рӯзи баъд аз қабул гардидани он дар шакли хаттӣ ба маълумоти иҷозатномадор расонида мешавад.

6. Нисбат ба қарор дар бораи боздоштани амали иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст.

7. Дар ҳолати аз ҷониби суд эътироф гардидани беасос будани боздоштани амали иҷозатнома, мақомоти иҷозатдиҳанда дар назди субъекти хоҷагидор ба андозаи зарари ба онҳо расонидашуда ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 28. Қатъи амали иҷозатнома**

1. Амали иҷозатнома дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:
1) қатъ гардидани фаъолияти субъекти хоҷагидор (барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, қатъ гардидани амали фаъолияти соҳибкори инфиродӣ) – аз рӯзи қатъ гардидани фаъолияти субъекти хоҷагидор;
2) ба охир расидани муҳлати амали иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ – аз рӯзи пас аз ба охир расидани муҳлати амали иҷозатнома.

2. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур, оид ба ворид намудани тағйирот ба феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта қарори мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) қабул карда мешавад.

**Моддаи 29. Бекор кардани иҷозатнома**

1. Иҷозатнома бо асосҳо ва тартиби зерин бекор карда мешавад:
1) дар асоси аризаи иҷозатномадор – аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;
2) аз ҷониби иҷозатномадор дар давоми понздаҳ рӯзи корӣ аз санаи қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома напардохтани хироҷ барои додани иҷозатнома – аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;
3) аз ҷониби иҷозатномадор то 31 декабри соли тақвимӣ пардохт нагардидани хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома – аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;
4) дар ҳолати ғайриқонунӣ будани қарори мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи додани иҷозатнома ва ё гирифтани иҷозатнома бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ – аз ҷониби мақомоти судӣ;
5) аз ҷониби иҷозатномадор ба имзо нарасонидани созишномаи сармоягузорӣ барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ, вайрон намудани шартҳои иҷозатдиҳӣ ва талаботу шартҳои тахассусӣ – аз ҷониби мақомоти судӣ.

2. Дар ҳолати бекор кардани иҷозатнома мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) иттилоотро оид ба қарори қабулшуда дар феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ҷойгир менамояд.

### БОБИ 4. РАСМИЁТИ ДОДАН, АЗ НАВ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАН, БЕКОР КАРДАН, БОЗДОШТАН Ё ҚАТЪ НАМУДАНИ АМАЛИ ҲУҶҶАТИ ИҶОЗАТДИҲӢ

**Моддаи 30. Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ заруранд**

1. Барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аризадиҳанда ё шахси ваколатдори он ба мақомоти иҷозатдиҳанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:
1) ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо қайди намуди фаъолият ё амале, ки субъекти хоҷагидор мақсади амалисозии онро дар асоси ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дорад;
2) нусхаи ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатии субъекти хоҷагидорро тасдиқ менамояд;
3) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти хироҷ барои баррасии ариза;
4) ваколатнома барои намояндагии манфиатҳо ба номи шахси ваколатдор, агар ҳуҷҷатҳо барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби намояндаи аризадиҳанда пешниҳод шаванд.

2. Ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешавад. Аризадиҳанда барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда масъул мебошад. Ҳангоми додани ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ тавассути низоми электронӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. Ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида аз рӯйи номгӯй ба қайд гирифта мешаванд. Маълумотнома дар бораи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида, ки бо имзои шахси масъул ва муҳри мақомоти иҷозатдиҳанда бо сабти рӯзи бақайдгирӣ тасдиқ карда шудааст, ба аризадиҳанда фиристода (супорида) ё тавассути низоми электронӣ хабар дода мешавад.

4. Вобаста ба хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, дар тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта метавонад пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари тасдиқкунандаи мутобиқати аризадиҳанда ба талабот ва шартҳои муқарраргардида барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ пешбинӣ карда шавад.

5. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки бо Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

6. Ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар ҳолатҳои зерин ба субъекти хоҷагидор баргардонида мешавад, агар:
1) аз ҷониби шахсе имзо шуда бошад, ки барои ин ваколат надорад;
2) ҳуҷҷатҳо бо вайронкунии талаботи моддаи мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба расмият дароварда шуда бошанд.

7. Огоҳинома дар бораи баргардонидани ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ дар муҳлати на зиёда аз се рӯзи кории пас аз рӯзи додани ариза бо нишон додани асос барои баргардонидани ариза супорида ё ирсол карда мешавад.

8. Баъд аз бартараф намудани камбудиҳое, ки боиси баргардонидани ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ гардидаанд, аризадиҳанда метавонад аризаи нав пешниҳод кунад ва он бояд бо тартиби муқарраргардида баррасӣ карда шавад.

**Моддаи 31. Қабули қарор дар бораи додан ё рад кардани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда дар асоси ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида дар бораи додан ё рад кардани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, ба истиснои ҳуҷҷати иҷозатдиҳие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, дар муҳлати на зиёда аз даҳ рӯзи корӣ аз рӯзи қабули он қарор қабул менамоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ гузаронидани ташхис, экспертиза, таҳлил ва таҳқиқоти лабораторӣ бевосита дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида талаб карда шавад ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи гузаштани ташхис, экспертиза, таҳлил ва таҳқиқоти лабораторӣ дар тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ шуда бошад. Дар ин ҳолат муҳлати додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ карда мешавад.

2. Муҳлати қабули қарор дар бораи додан ё рад кардани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муайян карда мешавад.

3. Маълумот оид ба қабули қарор дар бораи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ва тавассути низоми электронӣ бо нишон додани мушаххасоти суратҳисоби бонкӣ ва муҳлати пардохти хироҷ барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ фиристода (супорида) мешавад.

4. Дар мавриди қабули қарор дар бораи рад кардани ариза дар бораи гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур аризадиҳандаро бо нишон додани асосҳои радкунӣ хабардор намоянд.

5. Аризадиҳанда дар асоси маълумот оид ба қарори қабулшуда дар бораи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ маблағи хироҷро барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ пардохт ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи онро ба мақомоти иҷозатдиҳанда пешниҳод менамояд.

6. Ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда ба аризадиҳанда бо имзои он дар дафтари баҳисобгирии аризаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии додашуда супорида мешавад.

7. Пас аз гузаштани муҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, ҳангоми набудани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи рад кардани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, он додашуда эътироф мегардад ва аризадиҳанда метавонад фаъолиятеро, ки барои он ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дархост карда буд, тибқи принсипи маъқулдонии худ аз худ амалӣ намояд.

8. Дар сурати ба миён омадани ҳолати маъқулдонии худ аз худ, мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд, ки ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро дар муҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур диҳанд.

9. Субъекти хоҷагидор ҳуқуқ дорад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қарори мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи рад кардан аз додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ шикоят намояд.

**Моддаи 32. Асосҳои рад кардан аз додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Асосҳои рад кардан аз додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ:
1) аз ҷониби аризадиҳанда дар ҳаҷми пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо;
2) ошкор гардидани маълумоти нодуруст дар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи аризадиҳанда;
3) хулосаи манфии асоснокшуда оид ба натиҷаҳои таҳқиқот, муоинаҳо ё арзёбиҳои дигари илмӣ ва техникӣ, дар сурати ҳатмӣ будани гузарондани онҳо.

2. Рад кардан аз додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо асосҳои дигаре, ки Қонуни мазкур муқаррар накардааст, манъ аст.

**Моддаи 33. Азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, тағйир ёфтани ном ва ё маҳали ҷойгиршавии он, дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқуқии он) уҳдадор аст, ки дар давоми ҳафт рӯзи кории баъд аз гузаштани расмиёти бақайдгирии давлатӣ бо сабаби азнавташкилдиҳӣ, тағйир ёфтани ном ё маҳали ҷойгиршавӣ ба мақомоти иҷозатдиҳанда ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти зикргардида ба мақомоти бақайдгирӣ фиристодашуда, инчунин нусхаи аслии ҳуҷҷати иҷозатдиҳии қаблан додашуда пешниҳод намояд.

2. Дар ҳолати тағйир ёфтани насаб, ном, номи падар ё маҳали истиқомати соҳибкори инфиродӣ, дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – соҳибкори инфиродӣ уҳдадор аст, ки дар давоми ҳафт рӯзи кории баъд аз ворид кардани тағйироти дахлдор ба мақомоти иҷозатдиҳанда ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти зикргардида пешниҳод намояд.

3. Ҳуҷҷатҳо барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. То азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқуқии он), соҳибкори инфиродие, ки дар бораи азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ариза пешниҳод намудааст, фаъолият ва ё амали дар он зикргардидаро дар асоси нусхаи аризаи пешниҳодгардида дар бораи азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо қайди мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба санаи қабули ариза анҷом медиҳад ё иҷро менамояд.

5. Ҳангоми азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мақомоти иҷозатдиҳанда ба феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта тағйироти дахлдор ворид менамоянд.

6. Азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар муҳлати на зиёда аз панҷ рӯзи кории баъди рӯзи аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда гирифтани ариза дар бораи азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳои дахлдор ва ҳуҷҷате, ки пардохти хироҷро барои азнавбақайдгирии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ тасдиқ мекунад, амалӣ карда мешавад.

7. Барои азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба андозаи 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар санаи додани ариза дар бораи азнавбарасмиятдарорӣ хироҷ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни мазкур ситонида мешавад.

8. Аз аризадиҳанда талаб кардани пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст.

**Моддаи 34. Додани нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Дар сурати гум шудан ё фарсудашавии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар асоси аризаи дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дода мешавад.

2. Мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд, ки нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро дар муҳлати на зиёда аз панҷ рӯзи кории баъд аз рӯзи гирифтани ариза, дар сурати фарсудашавии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ - нусхаи аслии он, нашри эълон дар бораи гум шудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар воситаҳои ахбори омма ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи аз ҷониби аризадиҳанда пардохти хироҷ барои додани нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ диҳанд (фиристонанд). Ариза дар бораи додани нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. Додани нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта амалӣ карда мешавад.

4. Барои додани нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ хироҷ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни мазкур ба андозаи 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар санаи додани ариза ситонида мешавад.

5. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст.

**Моддаи 35. Боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда (дар сурати аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда) метавонанд амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро дар ҳолати ошкор гардидани ду ва зиёда вайронкунии шартҳои иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, инчунин талаботи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 33 Қонуни мазкур боздоранд. Боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ боиси боздоштани фаъолияте, ки ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро талаб мекунад ба муҳлати дар қисми 3 моддаи мазкур пешбинишуда ё то эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд оид ба бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мегардад.

2. Новобаста ба талаботи қисми 1 моддаи мазкур, дар ҳолатҳои истисноӣ, агар ин барои пешгирии таҳдиди бевосита ба ҳаёт ё саломатии аҳолӣ, сар задани офати техногенӣ, расонидани зарари ҷубронпопазир ба объектҳои табиӣ ё ҳолати муҳити зист, ки пешгирии ин ҳолатҳо бо усулҳои дигар имконнопазир аст, зарур бошад, амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ боздошта мешавад.

3. Мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда) уҳдадоранд ба дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои бартараф намудани вайронкуниҳое, ки боиси боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ гардидаанд, се моҳ муҳлат муқаррар намоянд. Агар дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар муҳлати мазкур вайронкуниҳои зикргардидаро бартараф накунад, мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд ба суд дар бораи бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ муроҷиат намоянд.

4. Дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ уҳдадор аст вайронкуниҳое, ки боиси боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ гардидаанд, бартараф карда, дар ин хусус мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда)-ро дар шакли хаттӣ огоҳ намояд. Мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд дар давоми панҷ рӯзи кории баъд аз гирифтани огоҳинома асоснокии онро санҷида, дар ҳолати бартараф шудани вайронкуниҳо дар бораи барқарор намудани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ қарор қабул карда, ба дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба таври хаттӣ хабар диҳанд.

5. Қарор дар бораи боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ё дар бораи ирсоли ариза оид ба бекоркунии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба суд бо асоснокии он на дертар аз се рӯзи баъд аз қабул гардидани он дар шакли хаттӣ ба маълумоти дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ расонида мешавад.

6. Субъекти хоҷагидор ҳуқуқ дорад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қарори мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ шикоят намояд.

7. Дар ҳолати аз ҷониби суд эътироф гардидани беасос будани боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, мақомоти иҷозатдиҳанда дар назди субъекти хоҷагидор ба андозаи зарари ба онҳо расонидашуда ҷавобгар мебошанд.

**Моддаи 36. Қатъи амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти субъекти хоҷагидор (барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, қатъ гардидани амали фаъолияти соҳибкори инфиродӣ) аз рӯзи қатъ гардидани фаъолияти субъекти хоҷагидор қатъ мегардад.

2. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур, оид ба ворид намудани тағйирот ба феҳристҳои ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта қарори мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) қабул карда мешавад.

**Моддаи 37. Бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ**

1. Ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо асосҳо ва тартиби зерин бекор карда мешавад:
1) дар асоси аризаи дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;
2) аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар давоми понздаҳ рӯзи корӣ аз санаи қабули қарор дар бораи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ напардохтани хироҷ барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;
3) аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ то 31 декабри соли тақвимӣ пардохт нагардидани хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;
4) дар ҳолати ғайриқонунӣ будани қарори мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва ё гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ – аз ҷониби мақомоти судӣ;
5) аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ вайрон намудани шартҳои иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ – аз ҷониби мақомоти судӣ.

2. Дар ҳолати бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мақомоти иҷозатдиҳанда (мақомоти иҷроияи иҷозатдиҳанда дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) иттилоотро оид ба қарори қабулшуда дар феҳристи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ҷойгир менамоянд.

### БОБИ 5. РАСМИЁТИ ТАСДИҚ ВА МУВОФИҚАСОЗӢ, ҚАБУЛИ ОГОҲИНОМАҲО

**Моддаи 38. Ҳуҷҷатҳое, ки барои гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ заруранд**

1. Барои гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ аризадиҳанда ё намояндаи он ба мақомоти иҷозатдиҳандаи дахлдор ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:
1) ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ;
2) намуди фаъолият, амал ва ҳуҷҷате, ки бояд тасдиқ ё мувофиқасозӣ карда шавад;
3) нусхаи ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатии субъекти хоҷагидорро тасдиқ мекунад;
4) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти хироҷ барои баррасии ариза;
5) ваколатнома барои намояндагии манфиатҳо ба номи намоянда, агар ҳуҷҷатҳо барои гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ аз ҷониби намояндаи аризадиҳанда пешниҳод шаванд.

2. Ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми додани ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ тавассути низоми электронӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. Ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида аз рӯйи номгӯй ба қайд гирифта мешаванд. Маълумотнома дар бораи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида, ки бо имзои шахси масъул ва муҳри мақомоти иҷозатдиҳанда бо сабти рӯзи бақайдгирӣ тасдиқ карда шудааст, ба аризадиҳанда фиристода (супорида) ё тавассути низоми электронӣ хабар дода мешавад.

4. Вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, дар тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта метавонад пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари тасдиқкунандаи мутобиқати аризадиҳанда ба талабот ва шартҳои муқарраргардида барои гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ пешбинӣ карда шавад.

5. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дар Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

6. Ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ дар ҳолатҳои зерин ба субъекти хоҷагидор баргардонида мешавад, агар:
1) аз ҷониби шахсе имзо шуда бошад, ки барои ин ваколат надорад;
2) ҳуҷҷатҳо бо вайронкунии талаботи моддаи мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба расмият дароварда шуда бошанд.

7. Огоҳинома дар бораи баргардонидани ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ дар муҳлати на зиёда аз се рӯзи кории пас аз рӯзи додани ариза бо нишон додани асос барои баргардонидани ариза супорида ё ирсол карда мешавад.

8. Баъд аз бартараф намудани камбудиҳое, ки боиси баргардонидани ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ гардидаанд, аризадиҳанда метавонад аризаи нав пешниҳод кунад ва он бояд бо тартиби муқарраргардида баррасӣ карда шавад.

**Моддаи 39. Санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда дар асоси ариза дар бораи гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида дар муҳлати то 30 рӯз, агар муҳлати кӯтоҳтар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад, далели тасдиқ ва мувофиқасозии фаъолият, амал ва ё ҳуҷҷати дархостшавандаро бо роҳи дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида гузоштани муҳр, имзо ва санаи тасдиқ ва мувофиқасозӣ ва ё бо додани ҳуҷҷати дахлдор тасдиқ ва мувофиқа менамоянд.

2. Маълумот оид ба қабули қарор дар бораи тасдиқ ва мувофиқасозӣ ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ва тавассути низоми электронӣ фиристода (супорида) мешавад.

3. Пас аз гузаштани муҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, ҳангоми набудани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозӣ, он тасдиқшуда ва мувофиқашуда эътироф мегардад ва аризадиҳанда метавонад амалеро, ки барои он тасдиқ ё мувофиқасозиро дархост карда буд, тибқи принсипи маъқулдонии худ аз худ иҷро намояд.

**Моддаи 40. Рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозӣ**

1. Асосҳои рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозии фаъолият, амал ва ё ҳуҷҷати дархостшаванда:
1) аз ҷониби аризадиҳанда дар ҳаҷми пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо;
2) ошкор гардидани маълумоти нодуруст дар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи аризадиҳанда;
3) хулосаи манфии асоснокшуда аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, муоинаҳо ё арзёбиҳои дигари илмӣ ва техникӣ, дар сурати ҳатмӣ будани гузарондани онҳо.

2. Рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозии фаъолият, амал ва ё ҳуҷҷати дархостшаванда бо асосҳои дигаре, ки Қонуни мазкур муқаррар накардааст, манъ аст.

3. Дар бораи рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозии фаъолият, амал ва ё ҳуҷҷати дархостшаванда аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ огоҳонида мешавад. Дар огоҳиномаи хаттӣ дар бораи рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозии фаъолият, амал ва ё ҳуҷҷати дархостшаванда бояд асосҳои рад кардан зикр карда шаванд.

4. Субъекти хоҷагидор ҳуқуқ дорад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба қарори мақомоти иҷозатдиҳанда дар бораи рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозии фаъолият, амал ва ё ҳуҷҷати дархостшаванда шикоят намояд.

**Моддаи 41. Расмиёти фиристодани огоҳинома**

1. Огоҳинома аз ҷониби аризадиҳанда ба мақомоти иҷозатдиҳандае фиристода мешавад, ки онро дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ қабул мекунад.

2. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба огоҳинома ҳуҷҷатҳои зарурӣ замима карда мешаванд. Масъулият барои дурустии маълумоти дар огоҳинома ва ё ҳуҷҷатҳои ба он замимашаванда ба зиммаи аризадиҳанда вогузор карда мешавад.

3. Аз аризадиҳанда талаб кардани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки бо Қонуни мазкур ва тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

4. Аризадиҳанда пас аз фиристодани огоҳиномаи дахлдор ҳуқуқ дорад фаъолият ва ё амали муайянро оғоз намояд ё уҳдадор аст онро қатъ намояд.

**Моддаи 42. Тасдиқи фиристодани огоҳинома**

Дар ҳолатҳои зарурӣ дар асоси муроҷиати аризадиҳанда мақомоти иҷозатдиҳандае, ки огоҳиномаро қабул мекунад, дар давоми се рӯзи корӣ аз рӯзи қабули ариза ба аризадиҳанда аз ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта иқтибос медиҳад.

### БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 43. Муқаррароти интиқолӣ**

1. Мақомоти иҷозатдиҳанда уҳдадоранд ба низоми давлатии иттилоотӣ пайваст шуда, то лаҳзаи пайвастшавӣ ба ин низом дар шакли коғазӣ аризаҳоро аз аризадиҳандагон қабул карда, ҳамаи огоҳиномаҳои пешбининамудаи Қонуни мазкурро ирсол намоянд.

2. Ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки то мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур дода шудаанд, то ба охир расидани муҳлати дар онҳо нишондодашуда эътибор доранд.

**Моддаи 44. Ҳалли баҳсҳо**

Баҳсҳо дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 45. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 46. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 5, мод. 348; с. 2005, №3, мод. 120; с. 2006, №7, мод. 343; с. 2007, №6, мод. 433; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 14, №6, мод. 457, №10, мод. 816; с. 2009, №3, мод. 78, №5, мод. 326, №9-10, мод. 544; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 821; с. 2012, №12, қ. 1, мод. 1005; с. 2013, №3, мод. 193, №11, мод. 787; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 406, мод. 407, №11, мод. 666; с. 2015, №3, мод. 206, мод. 213, №11, мод. 967; с. 2016, №5, мод. 369, №7, мод. 631, №11, мод. 885; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 291; с. 2019, №6, мод. 327; с. 2020, №7-9, мод. 618) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 606; с. 2012, №4, мод. 252, №7, мод. 686, №12, қ. 1, мод. 1024; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 400, №12, мод. 824; с. 2015, №11, мод. 957, №12, қ. 1, мод. 1113; с. 2016, №5, мод. 364, №7, мод. 618; с. 2019, №4-5, мод. 218; с. 2020, №1, мод. 13, №7-9, мод. 609; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 695; с. 2022, №1-3, мод. 14) аз эътибор соқит дониста шаванд.

**Моддаи 47. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур, ба истиснои бандҳои 2), 3), 4), 6) ва 7) моддаи 6, банди 4) моддаи 7 ва банди 8) моддаи 8, аз 1 сентябри соли 2023 мавриди амал қарор дода шавад.

2. Муқаррароти бандҳои 2), 3), 4), 6) ва 7) моддаи 6, банди 4) моддаи 7 ва банди 8) моддаи 8 Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1968**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 385**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул карда шавад.

| 55. Розигӣ барои ба даст овардани саҳмияҳои овоздор дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор | | | | |
| 56. Розигӣ барои барҳамдиҳӣ ва тақсимкунӣ (ҷудокунӣ)-и шахси ҳуқуқӣ, ки арзиши дороиҳояш аз бисту панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, агар ин боиси ташкил шудани шахси ҳуқуқие гардад, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро дорад | | | | |
| **18. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТИИ БЕХАТАРИИ КОРҲО ДАР САНОАТ ВА СОҲАИ КӮҲКОРӢ** | | | | |
| 57. Шаҳодатномаи бақайдгирии иншооти истеҳсолии хатарнок дар феҳристи давлатӣ | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| 58. Иҷозат барои иҷрои корҳои таркишӣ | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| 59. Иҷозат барои пайваст намудани таҷҳизоти газӣ дар нақлиёти борбардор | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| 60. Шаҳодатнома барои истифодабарии анборҳои моводи тарканда | | 1 (як) | 2 (ду) | 2 (ду) |
| 61. Шаҳодатнома барои харидани моводи тарканда | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| **19. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ АЛОҚА** | | | | |
| 62. Иҷозат барои истифодабарии захираҳои рақамгузорӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ | | 1 (як) | 2 (ду) | 2 (ду) |
| 63. Иҷозат барои истифодабарии радиобасомадҳо | | 1 (як) | 2 (ду) | 2 (ду) |
| 64. Иҷозат барои насб ва истифодабарии воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомаде, ки афканишоти радиозудӣ доранд ё манбаи мавҷҳои электромагнитӣ мебошанд | - амал барои насби воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомаде, ки афканишоти радиозудӣ доранд ё манбаи мавҷҳои электромагнитӣ мебошанд | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| | - фаъолият барои истифодабарии воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомаде, ки афканишоти радиозудӣ доранд ё манбаи мавҷҳои электромагнитӣ мебошанд | 1 (як) | 2 (ду) | 2 (ду) |
| 65. Бақайдгирии шартномаҳои пайвастшавии байнишабакавӣ | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| **20. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАР** | | | | |
| 66. Шаҳодатномаи воридот ва содироти прекурсорҳои воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ | - амал оид ба воридоти прекурсорҳои воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| | - амал оид ба содироти прекурсорҳои воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| **21. МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ** | | | | |
| 67. Иҷозат барои ҷойгир кардани рекламаи берунӣ | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| 68. Қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| 69. Иҷозати сохтмони бино ва иншоот | | 1 (як) | 2 (ду) | - |
| 70. Иҷозат барои таъсиси шабакаҳои кабелии пахши барномаҳо | | 1 (як) | 2 (ду) | - |

**Ҷадвали 3**
**АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛҲОИ ТАСДИҚ ВА МУВОФИҚАСОЗӢ**

| Номгӯйи санадҳо | Зернамудҳои фаъолият ва амалҳое, ки анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозиро талаб менамоянд | Андозаи хироҷ барои анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ (бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо) | |
|---|---|---|---|
| | | хироҷ барои баррасии ариза | хироҷи яккарата барои тасдиқ, мувофиқасозӣ ва додани санад |
| **1. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МОЛИЯ** | | | |
| 1. Сертификати муҳосиби касбӣ (барои сармуҳосибони субъектҳои дорои манфиати умум) | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 2. Сертификати металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 3. Сертификати резидентӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **2. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБ** | | | |

(Давомаш дар саҳ. 8)

(Идома аз саҳ. 7)

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. Хулоса аз натиҷаи корҳои озмоишии электротехникии заминпайвандҳо ва оиқи ноқилу кабелҳо ва ташхиси воситаҳои ҳимоявӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 5. Мувофиқакунии меъёрҳои сарфи технологии захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **3. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ** | | | |
| 6. Мувофиқасозии лоиҳаҳо, нақшаҳои сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири бино, роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо, пулҳо ва гузаронидани корҳои иктишофӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 7. Мувофиқасозии хатсайри воситаҳои нақлиёт оид ба кашонидани борҳои хатарнок | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 8. Санад аз натиҷаи санҷиши истгоҳҳои ёрии техникӣ ва ташкилотҳои дигар барои иҷозати гузаронидани муоинаи техникӣ ва таъмири воситаҳои нақлиёти ба садама дучоршуда, инчунин ташкилотҳои махсусгардонидашуда барои азнавтаҷҳизонии воситаҳои нақлиёт барои кор бо намудҳои гуногуни сӯзишворӣ | - амал аз натиҷаи санҷиши истгоҳҳои ёрии техникӣ ва ташкилотҳои дигар барои иҷозати гузаронидани муоинаи техникӣ ва таъмири воситаҳои нақлиёти ба садама дучоршуда | 1 (як) | 2 (ду) |
| | - амал аз натиҷаи санҷиши ташкилотҳои махсусгардонидашуда барои азнавтаҷҳизонии воситаҳои нақлиёт барои кор бо намудҳои гуногуни сӯзишворӣ | 1 (як) | 2 (ду) |
| **4. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ** | | | |
| 9. Шаҳодатномаи аккредитатсияи муассисаҳои тандурустӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 10. Шаҳодатномаи аккредитатсияи муассисаҳои фармасевтӣ ва намояндагони тиббӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 11. Сертификати дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафармасевтӣ ва ғизои таъинотӣ | | - | - |
| 12. Мувофиқакунонии усулҳои нобудсозии пеститсидҳо ва химикатҳои муҳлати истифодабариашон гузашта ва иҷозати истифодабарӣ надошта | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 13. Мувофиқакунонии лоиҳаҳои биноҳои қабул ва нигоҳдории пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга (нуқтаҳои қабул) ва таҷҳизоти онҳо | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 14. Хулосаи санитарию эпидемиологӣ барои маҳсулот | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **5. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ** | | | |
| 15. Мувофиқакунии сохтмон, таҷдид ва таъмири нуқтаҳои васлшавӣ ва буриши роҳҳои автомобилгард | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 16. Хулоса барои иҷро намудани корҳо тибқи лоиҳаҳои вобаста ба сохтмон ё таҷдиди роҳҳои автомобилгард | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 17. Сертификати мутобиқат дар соҳаи нақлиёт | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 18. Сертификати баркашӣ дар соҳаи нақлиёт | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 19. Мувофиқакунии убури роҳҳои автомобилгард бо каналҳо, хатҳои алоқа, интиқоли барқ, лӯлаҳои нафт, газ, об ва роҳҳои оҳан, таҷҳизоти пайвастшавӣ ва воридшавӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 20. Мувофиқакунии иҷрои корҳои коркарди қум ва шағал дар маҷрои дарёҳо болотар ё поёнтар аз пулҳо ба масофаи на камтар аз 2 (ду) км | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 21. Мувофиқакунии шартҳои техникии сохтани иншооти коммуникатсионӣ дар қитъаи ҳамшафати роҳҳои автомобилгарди истифодабарии умумӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **6. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ** | | | |
| 22. Додани кортҳои бақайдгирӣ ба кормандони филиал ва намояндагиҳои бонкӣ ва ширкатҳои хориҷӣ | - ба кормандони намояндагиҳои бонкҳои хориҷӣ | 1 (як) | 2 (ду) |
| | - ба кормандони филиал ва намояндагиҳои ширкатҳои хориҷӣ | 1 (як) | 2 (ду) |
| **7. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ** | | | |
| 23. Сертификати экологӣ барои маҳсулот | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 24. Хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **8. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ РУШДИ САЙЁҲӢ** | | | |
| 25. Сертификати маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасонии фаъолияти субъектони сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон | - барои маҳсулоти сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 (як) | 2 (ду) |
| | - барои хизматрасонии фаъолияти субъектони сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 (як) | 2 (ду) |
| 26. Шиносномаи мақоми объектҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **9. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ** | | | |
| 27. Сертификати карантинӣ | | - | - |
| 28. Сертификати фитосанитарӣ | | - | - |
| **10. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН** | | | |
| 29. Хулосаи экспертизаи давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **11. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ АНДОЗ** | | | |
| 30. Санади муқоисавӣ | | - | - |
| 31. Тасдиқнома барои содироти алюминийи аввалия | | - | - |
| **12. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЯДРОӢ ВА РАДИАТСИОНӢ** | | | |
| 32. Хулоса оид ба сифати нишондодҳои дастгоҳҳои рентгенӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 33. Сертификат оид ба санҷиш ё андозагирии воситаҳои ченкунӣ (дозиметрҳо) | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 34. Хулоса оид ба мавҷудияти радионуклидҳо дар маҳсулотҳои сохтмонӣ, озуқаворӣ ва намунаҳои гуногун | - оид ба мавҷудияти радионуклидҳо дар маҳсулотҳои сохтмонӣ | 1 (як) | 2 (ду) |
| | - оид ба мавҷудияти радионуклидҳо дар маҳсулотҳои озуқаворӣ | 1 (як) | 2 (ду) |
| | - оид ба мавҷудияти радионуклидҳо дар намунаҳои гуногун | 1 (як) | 2 (ду) |
| 35. Сертификати аккредитатсияи ташкилот, кормандон ва шахсони гузаронандаи экспертизаи бехатарии ядроӣ, радиатсионӣ ва амнияти ҷисмонии ядроӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 36. Сертификат оид ба такмили ихтисоси кормандон дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 37. Мувофиқакунонии нақшаҳо, лоиҳаҳо, методикаҳо, конструксияҳо ва ҳуҷҷатҳои ба соҳаи бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ дахлдошта | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 38. Хулоса барои маводи таъиноти дуҳадафа | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **13. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНӢ** | | | |
| 39. Сертификати шахси ҳуқуқӣ, ки хизматрасонии техникӣ ва таъмири техникаҳои авиатсиониро анҷом медиҳад | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 40. Шаҳодатнома (сертификат)-и фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 41. Шаҳодатнома (сертификат)-и хадамоти таҷҳизоти аэронавигатсионӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 42. Мувофиқасозии сохтмони биноҳо ва иншоотҳое, ки дар минтақаи аэродромҳо ҷойгир мебошанд | - амал барои сохтмони биноҳо ва иншоотҳое, ки дар минтақаи аэродромҳо ҷойгир мебошанд | 1 (як) | 2 (ду) |
| | - амал барои азнавсозии биноҳо ва иншоотҳое, ки дар минтақаи аэродромҳо ҷойгир мебошанд | 1 (як) | 2 (ду) |
| **14. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ** | | | |
| 43. Хулоса аз натиҷаи аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| 44. Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **15. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ГУМРУК** | | | |
| 45. Қабули қарори пешакӣ мувофиқи номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар бораи таснифоти мол нисбати моли мушаххас | | - | - |
| 46. Қабули қарори пешакӣ мувофиқи номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар бораи истеҳсоли мол аз кишвари мушаххас (кишвари истеҳсолкардаи мол) | | - | - |
| 47. Хулоса барои гирифтани тамғаҳои аксизӣ | | - | - |
| **16. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ СОДИРОТ** | | | |
| 48. Бақайдгирии субъектҳои содироткунанда дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо | - амал оид ба бақайдгирии субъектҳои содироткунанда дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо | - | - |
| | - амал оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо | | |
| | - амал оид ба хориҷ намудан аз низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо | | |
| | - амал оид ба бекор кардани бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо | | |
| **17. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ СИРРИ ДАВЛАТӢ** | | | |
| 49. Хулосаи озмоишҳои сертификатсионӣ ва аттестатсионӣ тибқи талаботи амнияти иттилоотӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **18. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ АЛОҚА** | | | |
| 50. Сертификати мутобиқати ҳатмии таҷҳизот барои соҳаи алоқаи барқӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |
| **19. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ГЕОЛОГИЯ** | | | |
| 51. Маълумотномаи омӯзиши геологӣ ва нусхабардории мавод | | - | - |
| 52. Санад оид ба хизматрасонии давлатии машваратӣ дар таҳияи ҳисоботи геологӣ ва лоиҳаи омӯзиши геологӣ | | - | - |
| 53. Санад оид ба хизматрасонии давлатии додани хулосаи тадқиқоти визуалии муҳандисию геологӣ | | - | - |
| **20. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАНЗИМИ СИЁСАТИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ** | | | |
| 54. Мувофиқа намудани нархҳо (тарифҳо)-и хизматрасонии субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозорҳои моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ва инҳисориро ишғол мекунанд | | - | - |
| **21. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ** | | | |
| 55. Мувофиқасозии воридоти ҳавопаймои бесарнишини граждани | | - | - |
| **22. МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ** | | | |
| 56. Қарор дар бораи тасдиқи санад оид ба қабули иншоот барои истифодабарӣ | | 1 (як) | 2 (ду) |

**Ҷадвали 4**

**ОГОҲИНОМАҲОИ ГИРИФТАШАВАНДА**

| Номгӯйи огоҳиномаҳои гирифташаванда барои фаъолият ва амалҳо | Андозаи хироҷ барои гирифтани огоҳинома (бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо) | |
|---|---|---|
| | хироҷ барои баррасии ариза | хироҷи яккарата барои қабули огоҳинома |
| **1. МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ АНДОЗ** | | |
| 1. Огоҳӣ оид ба ворид намудани тағйирот ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ | - | - |
| 2. Огоҳӣ оид ба кушодани рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ | - | - |
| **2. БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН** | | |
| 3. Хабарнома оид ба огоҳ шудан аз анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя | - | - |

**Эзоҳ:** 1. Ба истиснои ҳолатҳое, ки ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи субъекти хоҷагидор анҷом дода шавад.

2. Ба истиснои ҳолатҳое, ки ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи субъекти хоҷагидор ва набаромадан ба роҳи оҳани истифодаи умум анҷом дода шавад.

3. Ба истиснои сохтмони манзили истиқоматии шахсӣ барои эҳтиёҷоти худ.

4. Ба истиснои соҳибкори инфиродӣ, ки бе ҷалби корманди кироя ба фаъолияти таълимӣ машғул мешавад.

5. Барои истифодаи иҷозатнома дар соҳаи алоқаи барқии умумӣ ба андозаи 10 (даҳ) дарсад аз фоидаи фаъолияти иҷозатномашавандаи иҷозатномадор хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома ситонида мешавад.

6. Барои истифодаи иҷозатнома дар соҳаи алоқаи барқии инфиродӣ ба андозаи 10 (даҳ) дарсад аз фоидаи фаъолияти иҷозатномашавандаи иҷозатномадор хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома ситонида мешавад.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2, мод. 5, №3, мод. 153, №7, мод. 547, №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430, мод. 431, №7-8, мод. 610, №12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, №7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, №12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, №3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144, №7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, №3, мод. 201, №7-9, мод. 707, мод. 708, №11, мод. 955, №12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, №3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, №5, мод. 359, мод. 361, №7, мод. 613, мод. 614, №11, мод. 877; с. 2017, №1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, №7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, №1, мод. 9, №5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, №1, мод. 8, №6, мод. 312, мод. 313, №7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 6, №7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, №12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, №6, мод. 384, мод. 385, №12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, №1-3, мод. 12, №7, мод. 443, №12, қ.2, мод.768), моддаи $110^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $110^{1}$. Риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ**

1. Барои аз ҷониби корманди тиббии муассисаҳои табобатию профилактикӣ риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар ин муассисаҳо, ки боиси беасос пардохт кардани маблағҳои буҷетӣ гардидааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -

ба андозаи аз даҳ то понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда, -

ба андозаи аз понздаҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1971**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 388**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2023, № 986**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкил ва иштироки ихтиёрии инфиродӣ ва дастҷамъонаи шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **тартиботи ҷамъиятӣ** – низоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавҷудияти он амнияти шахсӣ ва ҷамъиятиро таъмин менамояд;

2) **чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ ва чорабиниҳои дигар** – чорабиниҳои расмие, ки тибқи фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои дигаре, ки дар доираи ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида, нисбат ба онҳо чораҳои махсуси таъмини амният амалӣ карда мешавад;

3) **намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ** – аъзо, кормандон ё фаъолони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, илмӣ, эҷодӣ ва ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ;

4) **шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда** – кормандони ғайриштатӣ, аъзои дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон, инчунин шахсони дигаре, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мусоидат менамоянд;

5) **иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ** – расондани кумак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба истисноги мақомоти прокуратура, бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, молу мулк, манфиатҳои ҷомеа ва давлат.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ инҳоянд:

1) қонуният;
2) ихтиёрӣ;
3) афзалияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
4) баробарии ҳама дар назди қонун;
5) адолати иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ;
6) ватандӯстӣ;
7) ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;
8) мубодилаи иттилоот;
9) беғаразӣ.

**Моддаи 4. Мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

Бо мақсади мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд:

1) бо тартиби муқарраргнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок намоянд;

2) тибқи муроҷиати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар чорабиниҳо доир ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ иштирок намоянд;

3) дар тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иштирок намоянд;

4) якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ба шахсоне, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ майл доранд, иштирок намоянд;

5) бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳамоҳангсозӣ, маслиҳатӣ, экспертӣ ва машваратии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ иштирок намоянд;

6) бо шаклу усулҳои дигари муқарраргнамудаи қонунгузорӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кумак намоянд.

**Моддаи 5. Шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

1. Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар асоси инфиродӣ ва дастҷамъона амалӣ мегардад.

2. Шаклҳои иштироки инфиродии шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ инҳо мебошанд:

1) корманди ғайриштатӣ;
2) шахсоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд.

3. Шаклҳои иштироки дастҷамъонаи шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ асос меёбанд, тавассути узвияти онҳо дар:

1) дастёрони ихтиёрӣ;
2) шуроҳои ҷамъиятӣ;
3) шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

4. Ба шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ инфиродӣ ва дастҷамъона иштирок мекунанд, манъ аст:

1) ба шахсони дигар вогузор намудани ваколатҳои худ, инчунин суиистифода аз онҳо ба манфиати шахсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;

2) истифода намудани шаҳодатнома, пӯшидани либоси расмӣ ва ё истифодаи аломатҳои фарққунанда, ки бо иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ алоқаманд нестанд;

3) анҷом додани фаъолияте, ки Қонуни мазкур пешбинӣ накардааст, инчунин худро ҳамчун корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муаррифӣ кардан;

4) амалӣ намудани фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваколати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мансуб донистааст, ҳамчунин истифода намудани ҳуқуқҳои муқарраргнамудаи Қонуни мазкур бо ғараз ва мақсадҳои дигар.

5. Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандоне, ки ба мақомоти прокуратура ба сифати ёрдамчии ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, татбиқ намегардад.

### БОБИ 2. ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) омодагии кормандони ғайриштатӣ ва аъзои дастёрони ихтиёриро аз рӯйи самтҳои асосии фаъолият, аз ҷумла барои амалҳо ҳангоми баргузории чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ ва чорабиниҳои дигар дар шароити алоқаманд ба истифодаи қувваи ҷисмонӣ, расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ташкил карда, мегузаронанд;

2) кормандони ғайриштатӣ, аъзои дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятиро бо шаҳодатномаҳои дахлдор ва аломатҳои фарққунанда таъмин менамоянд;

3) нақшаҳои дахлдори кори шуроҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, макон ва вақти гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, шумораи аъзои дастёрони ихтиёриро, ки ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд, бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа менамоянд;

4) шуроҳои ҷамъиятиро бо воситаҳои дастурию методӣ таъмин менамоянд ва ба онҳо иттилооти заруриро барои фаъолият доир ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд;

5) пешниҳоди шуроҳои ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои марбут ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо баррасӣ менамоянд;

6) ба шаҳрвандон барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ кумак ва мусоидат мекунанд;

7) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамоянд.

**Моддаи 7. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ, иштироки инфиродӣ ва дастҷамъона дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд;

2) оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии моддии кормандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, чораҳо меандешанд;

3) ба шаҳрвандон иттилооти ҳуқуқӣ ва иттилооти дигари зарурира пешниҳод менамоянд, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро оид ба ҳифз аз суиқасди ғайриқонунӣ мефаҳмонанд;

4) ба хабарҳо дар бораи ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҳодисаҳое, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, фавран вокуниш мекунанд;

5) ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

1. Бо мақсади ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқарраргардида низомнома дар бораи дастёрони ихтиёрӣ метавонанд дар макони ҷойгиршавии минтақаи хизматӣ ситодҳои дастёрони ихтиёриро таъсис диҳанд.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар доираи ваколатҳои худ:

1) бо шуроҳои ҷамъиятӣ ва субъектҳои дигари пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамкорӣ менамоянд;

2) ба шуроҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд ва ҳар сол ҳисоботи онҳоро оид ба масъалаҳои расонидани кумак ба онҳо мешунаванд;

3) оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла дар рафти чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ ва чорабиниҳои дигар якҷо бо шурои ҷамъиятӣ чораҳо меандешанд;

4) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамоянд.

### БОБИ 3. ИШТИРОКИ ИНФИРОДИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 9. Кормандони ғайриштатӣ**

1. Кормандони ғайриштатӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки синнашон на кам аз ҳаждаҳ буда, аз рӯйи сифатҳои корӣ, ахлоқӣ ва вазъи саломатӣ қобилияти иҷрои вазифаҳоро оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ доранд.

2. Интихоби номзадҳо ба ҳайси кормандони ғайриштатӣ бо тартиби муайяннамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

3. Шаҳрвандони зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд кормандони ғайриштатӣ бошанд:

1) узви ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ва ташкилотҳои дигар, ки фаъолияташонро қонун ё суд манъ кардааст;

2) доғи судӣ дошта бошанд;

3) гирифтори бемориҳои рӯҳӣ, нашъамандӣ ё майзадагӣ бошанд;

4) нисбат ба онҳо санади судӣ дар бораи ғайриқобили амал эътироф намудан ё маҳдуд сохтани қобилияти амалкунии онҳо эътибори қонунӣ пайдо карда бошад.

4. Барои ҳар як корманди ғайриштатӣ парвандаи шахсӣ тартиб дода шуда, дар он ариза, нусхаи шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарҷумаи ҳол, нусхаи ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот ва фаъолияти меҳнатӣ, маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ, розигии хаттӣ барои коркарди маълумоти шахсӣ ва гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳодшуда, забонхат дар бораи ифшо накардани сирри давлатӣ ё маълумоти дигари бо қонун ҳифзшаванда, ки дар натиҷаи фаъолият ба ӯ маълум мегардад, ҳамроҳ карда мешавад. Санҷиши маълумоти пешниҳодшуда бо тартибе, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муқаррар шудааст, амалӣ карда мешавад. Парвандаи шахсии корманди ғайриштатӣ дар мақомоти дахлдор нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 10. Вазъи ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти кормандони ғайриштатӣ**

1. Кормандони ғайриштатӣ шахсони мансабдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд ва фаъолияти ихтиёрӣ, ошкоро ва ройгон пеш мебаранд. Онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳти роҳбарии бевоситаи корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқе, ки ба онҳо вобасташуда иштирок мекунанд. Ба кормандони ғайриштатӣ шаҳодатнома, ки намунаи онро роҳбари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ мекунад, дода мешавад.

2. Самти фаъолияти кормандони ғайриштатӣ, ташкил ва тартиби фаъолияти онҳо бо низомнома муайян карда мешавад, ки онро мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд.

3. Кормандони ғайриштатӣ ҳангоми ба амал баровардани фаъолият оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд:

1) аз шаҳрвандон риояи қонунро, тартиботи ҷамъиятӣ ва қатъ намудани амалҳои ғайриқонуниро талаб намоянд;

2) барои ҳифзи ҷойи ҳодиса, таъмини нигоҳдошти далелҳои шайъӣ чораҳо андешанд;

3) бо ҳуҷҷатҳое, ки ҳолати ҳуқуқии корманди ғайриштатиро муайян мекунанд, шинос шаванд, инчунин бо тартиби муқарраргардида иттилоотро, ки барои иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ заруранд, дастрас намоянд;

4) ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷойи иҷрои вазифаҳои онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кумак расонанд;

5) дар доираи асосҳои пешбининамудаи моддаи 17 Қонуни мазкур қувваи ҷисмониро истифода баранд;

6) ҳуқуқҳои дигари бо Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардидаро амалӣ намоянд.

4. Кормандони ғайриштатӣ ҳангоми ба амал баровардани фаъолият оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ уҳдадоранд:

1) талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ донанд ва риоя намоянд;

2) супоришҳои кормандони ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки бо тартиби муқарраргардида дода шудаанд ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, иҷро намоянд;

3) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро риоя кунанд;

4) ҳангоми доштани тайёрӣ ва ё малакаи дахлдор ба шахсоне, ки аз ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои нохуш зарар дидаанд, инчунин дар ҳолати оҷизӣ ва ё ҳолати дигари ба ҳаёт ва саломатии онҳо таҳдидкунанда қарор доранд, ёрии таъҷилӣ расонанд;

5) бо худ шаҳодатнома дошта бошанд ва ба шаҳрвандоне, ки нисбат ба онҳо талаби қатъи амали ғайриқонунӣ равона шудааст, нишон диҳанд.

5. Кормандони ғайриштатӣ дар ҳолатҳои зерин аз ҳайати кормандони ғайриштатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хориҷ карда мешаванд:

1) дар асоси аризаи шахсӣ;

2) ба миён омадани ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 9 Қонуни мазкур;

3) мунтазам иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда;

4) қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) бинобар сабаби вафот;

6) ҳангоми бадном кардани шаъну шарафи корманди ғайриштатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

7) ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Вобаста ба амалҳои кормандони ғайриштатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро вайрон мекунанд, мумкин аст бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят карда шавад.

7. Кормандони ғайриштатӣ, ки ҳангоми таъмини тартиботи ҷамъиятӣ амалҳои ғайриқонунӣ содир менамоянд, бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Зараре, ки ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ расонида шудааст, ба андоза ва бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 11. Шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд, ташкили фаъолият ва вазъи ҳуқуқии онҳо**

1. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намоянд.

2. Талабот нисбат ба шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намоянд, ташкили фаъолият ва вазъи ҳуқуқии онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

### БОБИ 4. ИШТИРОКИ ДАСТҶАМЪОНАИ ШАҲРВАНДОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 12. Дастёрони ихтиёрӣ**

1. Дастёрони ихтиёрӣ гурӯҳи ихтиёрии на камтар аз даҳ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҷойи кор, таҳсил ва маҳалли зисти шаҳрвандон бо мақсади мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ бо тартиби муқарраргнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шуда, аз қайди баҳисобгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаштааст ва дар маҳалҳо таҳти роҳбарии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият мекунад.

2. Узви дастёрони ихтиёрӣ шаҳрвандоне шуда метавонанд, ки ба синни ҳаждаҳ расидаанд, аз рӯйи сифатҳои корӣ, ахлоқӣ ва вазъи саломатӣ қобилияти иҷрои вазифаҳоро оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ доранд.

3. Шаҳрвандоне, ки дар қисми 3 моддаи 9 Қонуни мазкур номбар шудаанд, наметавонанд узви дастёрони ихтиёрӣ шаванд.

4. Протоколи маҷлиси умумии шаҳрвандон дар бораи таъсис додани дастёрони ихтиёрӣ ва ҳайати он барои қайди баҳисобгирӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Дастёрони ихтиёрӣ аз рӯзи аз қайди баҳисобгирӣ гузаштан таъсисёфта ба ҳисоб рафта, шахси ҳуқуқӣ намебошад. Агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, қайди баҳисобгирии дастёрони ихтиёрӣ рад карда мешавад.

5. Ба узви дастёрони ихтиёрӣ шаҳодатномаи махсуси намунаи ягона, нишони сарисинагии «Дастёри ихтиёрӣ» ва рамзҳои дигар, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ мегарданд, дода мешаванд.

6. Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

7. Таъсис додани дастёрони ихтиёрӣ дар назди ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ, инчунин таъсис ва фаъолияти сохторҳои ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар дастёрони ихтиёрӣ манъ аст.

**Моддаи 13. Шуроҳои ҷамъиятӣ**

1. Шурои ҷамъиятӣ ниҳоди ҷамъиятии доимоамалкунанда ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар асоси ташаббусҳои ҷамъиятӣ анҷом медиҳад ва тавассути муттаҳидшавии ихтиёрии шаҳрвандон бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеа, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми ҳифзи ҳуқуқи давлат, нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳкими таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ амал мекунад.

2. Шуроҳои ҷамъиятӣ танҳо дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он ташкил карда мешаванд, шахси ҳуқуқӣ намебошанд.

3. Шуроҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби на камтар аз ҳафт ва на бештар аз бисту як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иштироки ихтиёрӣ дар фаъолияти онҳо, асосан аз ҳисоби намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкил карда мешаванд. Ба ҳайати шуроҳои ҷамъиятӣ метавонанд кормандони ғайриштатии мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ дохил карда шаванд. Шумораи умумии аъзои шуроҳои ҷамъиятӣ бояд тоқ бошад.

4. Узви шурои ҷамъиятӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнаш на кам аз бисту сесола буда, дар ҷойи кор ва истиқомат эътибори шоиста дорад, шуда метавонад. Шаҳрвандони дар хизмати давлатӣ қарордошта ва шаҳрвандони дар қисми 3 моддаи 9 Қонуни мазкур номбаршуда наметавонанд узви шурои ҷамъиятӣ бошанд.

5. Узви шурои ҷамъиятӣ ваколатҳои худро ройгон ва бе ҷудо шудан аз фаъолияти асосии худ амалӣ менамояд. Ба узви шурои ҷамъиятӣ шаҳодатнома дода мешавад, ки намунаи онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

6. Тартиби ташкил ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро, бо дарназардошти хусусиятҳои муқарраргнамудаи Қонуни мазкур, низомнома дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ муайян менамояд, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

**Моддаи 14. Шурои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

1. Шурои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2. Шурои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо додани маслиҳат, машварат ва тавсияҳо оид ба банақшагирӣ, ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, таҳкими қонуният, тарбияи кормандони ҷавон, такмили ихтисос ва малакаи онҳо иштирок менамояд, инчунин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар иҷрои вазифаҳояшон мусоидат намуда, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, муҳиммият, шарафнокӣ ва масъулияти хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, эътибори мукофотҳои давлатӣ барои корнамоиҳои ҷангӣ ва хизматиро амалӣ менамояд.

### БОБИ 5. ХУСУСИЯТҲОИ ИШТИРОКИ ДАСТЁРОНИ ИХТИЁРӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 15. Фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ**

Дастёрони ихтиёрӣ фаъолияти худро таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо роҳҳои зерин амалӣ мегардонанд:

1) иштирок дар чорабиниҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳо, варзишгоҳҳо, театрҳо, кинотеатрҳо, клубҳо ва ҷойҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин дар вақти гузаронидани чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ ва чорабиниҳои дигар;

2) иштирок дар чорабиниҳо доир ба пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

3) андешидани чораҳои таъхирнопазир барои бартараф кардани оқибати садамаҳо, зуҳуроти табиии хавфнок, фалокат, офатҳои табиӣ ё офатҳои дигар, пешгирӣ намудани онҳо ва расонидани кумак ба зарардидагон;

4) пешгирӣ намудани беназоратии кӯдакон ва аз ҷониби ноболиғон содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ;

5) иштирок дар таъмини амнияти шахсии шаҳрвандон;

6) иштирок дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;

7) иштирок дар таъмини бехатарӣ аз сӯхтор.

**Моддаи 16. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои узви дастёрони ихтиёрӣ**

1. Узви дастёрони ихтиёрӣ ҳангоми иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳуқуқ дорад:

1) аз шаҳрвандон риояи тартиботи ҷамъиятии муқарраршуда, қатъ кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва амалҳоеро, ки барои иҷрои вазифаҳои узви дастёрони ихтиёрӣ монеъ мешаванд, талаб намояд;

2) ҳангоми аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳои шахсии шаҳрвандон, азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт, дастгир кардан ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супурдани шахсоне, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон кардаанд, кумак расонад;

3) ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба маҳдудкунии ҳаракати воситаҳои нақлиёт, иҷозати иштироки шаҳрвандон дар чорабиниҳои алоҳидаи оммавӣ мусоидат намояд.

2. Узви дастёрони ихтиёрӣ ҳангоми иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ уҳдадор аст:

1) талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд, ба маҳдудкунии беасоси ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон, содир кардани амалҳое, ки шаъну шарафи инсон ва шаҳрвандро паст мезананд, роҳ надиҳад;

2) талаботи роҳбарияти дастёрони ихтиёрӣ, инчунин кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои якҷоя дақиқ ва софдилона иҷро намояд;

3) ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, боздошти шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ё ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додаанд, инчунин муҳофизати ҷойи ҳодиса мусоидат намояд;

4) ҳангоми пешниҳоди маълумот аз ҷониби шаҳрвандон дар бораи ҳодисаҳо ва кирдорҳое, ки ба амнияти шахсии шаҳрвандон, амният ва тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳад;

5) дар муносибат бо шаҳрвандон боодоб, хушмуомила ва бодиққат бошад;

6) ба шаҳрвандони муҳтоҷе, ки аз ҷинояткорӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳодисаҳои нохуш зарар дидаанд, кумаки таъҷилӣ расонад;

7) дониши ҳуқуқии худро такмил диҳад, ҳуқуқу уҳдадориҳои узви дастёрони ихтиёриро аз худ намояд ва онро риоя кунад;

8) ҳангоми иҷрои вазифа бо худ шаҳодатнома дошта бошад ва ба шаҳрвандон мутобиқи мурочиати онҳо нишон диҳад.

3. Узви дастёрони ихтиёрӣ, ки ҳангоми таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ амалҳои ғайриқонунӣ содир кардааст, ба ҷавобгарии муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида мешавад. Зараре, ки ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз ҷониби узви дастёрони ихтиёрӣ расонида шудааст, ба андоза ва бо тартиби муқарраргнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

4. Узви дастёрони ихтиёрӣ ҳуқуқ дорад аз иҷрои уҳдадориҳои ҷамъиятӣ даст кашад, агар бевосита ба ҳаёт ва саломатии ӯ хатар таҳдид намояд.

**Моддаи 17. Шароит ва ҳадди истифодаи қувваи ҷисмонӣ аз ҷониби узви дастёрони ихтиёрӣ**

1. Узви дастёрони ихтиёрӣ дар амалиёти якҷоя бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳуқуқ дорад бо мақсади пешгирии амали шахсоне, ки тартиботи ҷамъиятиро риоя намекунанд, барои боздошт ва супоридани онҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қувваи ҷисмониро танҳо дар ҳузури кормандони мақомоти дахлдор ба кор барад, агар тарзҳои дигари ба истифодаи қувваи ҷисмонӣ рабтнадошта, иҷрои вазифаашро оид ба риояи тартиботи ҷамъиятӣ таъмин карда натавонад.

2. Ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ узви дастёрони ихтиёрӣ уҳдадор аст:

1) вайронкунандаи тартиботи ҷамъиятиро дар бораи нияти ба кор бурдани қувваи ҷисмонӣ огоҳ намояд, зимнан, барои амалӣ намудани талаби худ бо дарназардошти вазъи мушаххас фурсати кифоя диҳад, ба истисноги ҳолатҳое, ки таъхир додани истифодаи қувваи ҷисмонӣ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хавфи бевосита ба вуҷуд меорад;

2) вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҳуқуқвайронкунӣ ва шахсоне, ки онро содир кардаанд, кӯшиш кунад, ки то ҳадди имкон зарари дар ин ҳолат расонидашаванда сабуктар бошад;

3) ёрии аввалияи тиббиро ба шахсоне, ки дар натиҷаи ба кор бурдани қувваи ҷисмонӣ зарар дидаанд, расонад.

3. Истифодабарии қувваи ҷисмонӣ нисбат ба занони ҳомиладориашон аён, шахсони нишони дақиқи маъюбидошта ва ноболиғон манъ аст.

### БОБИ 6. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ШУРОҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР НАЗДИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**Моддаи 18. Ташкили шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти корҳои дохилӣ**

1. Шурои ҷамъиятӣ дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармоиши вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад.

2. Шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди раёсатҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, минтақа ва ноҳияи Рашт бо фармоиши сардори раёсат ташкил карда мешаванд. Ба ҳайати шурои ҷамъиятӣ дар назди раёсатҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, минтақа ва ноҳияи Рашт намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва раиси шурои собиқадорони раёсатҳои мазкур, инчунин кормандони ғайриштатии мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, раисони шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо метавонанд шомил гарданд.

3. Шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо бо фармоиши сардори шуъба ташкил карда мешаванд. Ба ҳайати шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва раиси шурои собиқадорони шуъбаи корҳои дохилӣ, инчунин кормандони ғайриштатии мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, раисони шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсия метавонанд шомил гарданд.

4. Шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсия бо фармоиши сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешаванд.

5. Ба ҳайати шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсия раис ё муовини раиси ҷамоат, раиси шурои маҳалла ё мақомоти дигари худфаъолияти ҷамъиятӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои калон, командирони дастаҳои дастёрони ихтиёрӣ, намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шурои куҳансолон, инчунин шахсони дигаре, ки дар байни аҳолӣ дорои нуфузу эътиборанд, метавонанд шомил гарданд.

6. Раиси шурои ҷамъиятӣ аз ҷониби аъзои шуро ба мӯҳлати се сол ва на бештар аз ду маротиба пай дар пай интихоб мегардад.

**Моддаи 19. Фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти корҳои дохилӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо**

1. Шуроҳои ҷамъиятӣ фаъолияти худро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва низомнома дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ бо риояи принсипҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур амалӣ менамоянд.

2. Шуроҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд:

1) бо тартиби муқарраргнамудаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилооти шахсони мансабдори мақомоти корҳои дохилиро дар бораи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ шунаванд, инчунин дар кори ҷаласаҳое, ки мақомоти корҳои дохилӣ мегузаронанд, иштирок кунанд;

2) ба роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамкории онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳодҳо манзур намоянд, ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон мусоидат намоянд;

3) бо тартиби муқарраргнамудаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти корҳои дохилӣ гузаронидани қабули шахсии шаҳрвандон ва намояндагони шахсони ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ҳифз ва барқарор намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии поймолшудаи онҳо, аз ҷумла зараре, ки ба онҳо дар натиҷаи амали ғайриқонунии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ расонида шудааст, иштирок намоянд;

4) ба роҳбарони дахлдори мақомоти корҳои дохилӣ оид ба гузаронидани санҷиш дар бораи аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, талаботи рафтори хизматӣ, меъёрҳои одоби касбӣ, дархост кунанд, дар чунин санҷишҳо иштирок намоянд ва бо натиҷаҳои онҳо шинос шаванд;

5) ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар самти мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ мурочиат намоянд;

6) тибқи мақсад ва вазифаҳояшон конференсияҳо ва семинарҳо ташкил ва баргузор намоянд, бюллетенҳо бароранд, ҳисоботро дар бораи фаъолияти худ нашр ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намоянд.

3. Шуроҳои ҷамъиятӣ уҳдадоранд:

1) талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқиро риоя намоянд;

2) ба ҳолатҳои вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар эътино кунанд;

3) аз рӯйи масъалаҳои муҳимми фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ аҳолиро мунтазам хабардор кунанд, бо дар назар доштани ақидаи онҳо, тавсияву таклифҳои дахлдор пешниҳод намоянд.

4. Ба шуроҳои ҷамъиятӣ манъ аст:

1) дахолат намудан ба фаъолияти оперативию ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

2) паҳн кардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда;

3) ба кори худ ҷалб намудани шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шаҳрвандони дар қисми 3 моддаи 9 Қонуни мазкур номбаршуда;

4) намояндагӣ ва аз номи мақомоти корҳои дохилӣ баромад кардан;

5) намояндагӣ ва муаррифӣ кардани манфиатҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ;

6) монеа сохтан ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

7) қароре қабул намоянд ва амале содир кунанд, ки хилофи манфиатҳои мустаҳкам намудани кафолатҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ бошад.

**Моддаи 20. Вазифаҳои шурои ҷамъиятӣ дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Шурои ҷамъиятӣ мақоми намояндагӣ, ташхисию машваратӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мушоҳидавӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини иштироки мустақим ва ғайримустақими шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар ташаккул ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеа таъсис дода шудааст.

2. Шурои ҷамъиятӣ дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои вазифаҳои зерин мебошад:

1) роҳбарии умумӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро амалӣ намуда, мониторинги кори онҳоро пеш мебарад, доир ба такмили фаъолият ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами онҳо чораҳо меандешад;

2) таҳлил ва арзёбии экспертии фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро амалӣ менамояд, ба онҳо ёрии машваратӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, методӣ ва кумаку дастгирии дигар мерасонад;

3) бо дарназардошти дархости ҷомеа, ба мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати амалигардонии фаъолият ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеа мусоидат менамояд;

4) дар таҳияи лоиҳаҳои барномаҳо ва стратегияҳои давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, барномаҳои рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иштирок менамояд;

5) пешниҳодҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меомӯзад, ҷамъбаст ва манзур менамояд.

**Моддаи 21. Вазифаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди раёсат ва шуъбаҳои ҳудудии мақомоти корҳои дохилӣ**

1. Шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди раёсатҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, минтақа ва ноҳияи Рашт дорои вазифаҳои зерин мебошанд:

1) фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳоро ҳамоҳанг месозанд, таҳлилу арзёбии фаъолияти онҳоро ба роҳ мемонанд, дастгирии машваратӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, методӣ ва дигарро мерасонанд;

2) дар таҳия ва татбиқи барномаҳои ҳудудии ҳамкории мақомоти дахлдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ иштирок менамоянд;

(Давомаш дар саҳ. 10)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

(Идома аз саҳ. 9)

3) ба шурои ҷамъиятӣ дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаҳои фаъолияти худ бо тартиб ва дар муҳлатҳои муқарраргардида маълумот медиҳанд;

4) якҷо бо раёсатҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе таклифҳо пешниҳод менамоянд, ки ба ҳалли масъалаҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амалигардонии чорабиниҳои муштарак нигаронида шудаанд;

5) дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иштирок менамоянд.

2. Шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо ҳамчун зинаи асосии низоми шуроҳои ҷамъиятӣ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

1) фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаи шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсияро ҳамоҳанг менамояд, таҳлилу арзёбии ташхисии фаъолияти онҳоро ба роҳ мемонад, дастгирии машваратӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, методӣ ва дигарро мерасонад;

2) дар таҳия ва амалисозии барномаҳои маҳаллии ҳамкории мақомоти дахлдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ иштирок менамояд;

3) дар бораи натиҷаҳои фаъолияти худ бо тартиби муқарраргардида ба шуроҳои ҷамъиятии зинаҳои болоӣ дар назди мақомоти корҳои дохилӣ маълумот медиҳад;

4) якҷо бо шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо пешниҳодҳо таҳия менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва гузарондани чорабиниҳои муштарак нигаронида шудаанд;

5) бо дастаҳои дастёрони ихтиёрӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳамкорӣ мекунад;

6) ба манфиати ҳаматарафа ва холисонаи иттилоотонии аҳолӣ оид ба масъалаҳои мубрами фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, зарурати расондани кумак ва дастгирии онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, муқовимат ба экстремизм ва терроризм намояндагони матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори оммаро ҷалб менамояд;

7) дар тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иштирок менамояд.

**Моддаи 22. Вазифаҳои шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсия**

1. Шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсия зинаи ибтидоии низоми шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Дар фармоиш дар бораи таъсиси шурои ҷамъиятӣ бояд маълумот дар бораи ном, ҳайат ва нишонии макони ҷойгиршавии шуро зикр карда шавад.

2. Шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин минтақаи хизматии милитсия дорои вазифаҳои зерин мебошад:

1) дар таҳия ва амалисозии барномаҳои маҳаллии ҳамкории милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ иштирок менамояд;

2) якҷо бо нозирони минтақавии милитсия таъмини тартиботи ҷамъиятиро дар шаҳрак, деҳа, маҳалла ва кӯчаҳо бо ҷалби дастаҳои дастёрони ихтиёрӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил мекунад;

3) якҷо бо аҳолӣ таклифҳоеро пешниҳод менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ба амал баровардани тадбирҳои муштарак бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шудаанд;

4) дар байни аҳолӣ оид ба зарурати расонидани кумак ва мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мебарад;

5) бо тартиби муқарраргардида дар ҷаласаи шурои ҷамъиятӣ мунокишаҳои оилавию маишӣ, зӯроварӣ дар оила, ҳолатҳои аз тарбияи фарзанд саркашӣ кардани падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин аз таъминоти падару модар саркашӣ кардани фарзандонро баррасӣ намуда, шахсонеро, ки чунин амалҳоро содир кардаанд, дар бораи норавоии амалҳои ғайриқонунӣ огоҳ мекунад;

6) оид ба пешгирии рафтори зиддиҷамъиятии ноболиғон, ки бо оворагардӣ, талбандагӣ, фоҳишагӣ машғуланд, воситаҳои нашъадор, моддаҳои сахттаъсир ё мадҳушкунандаи дигар, маҳсулоти тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ ва нӯшокиҳои дар асоси онҳо истеҳсолшударо истеъмол мекунанд, инчунин оид ба кирдорҳои дигари поймол кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ корҳои фаҳмондадиҳиро анҷом медиҳад;

7) ба тарбияи шахсони қаблан маҳкумшуда ва шахсоне, ки дар қайди пешгирии мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд, мусоидат мекунад;

8) дар шунидани ҳисоботи нозири минтақавии милитсия дар назди аҳолӣ иштирок мекунад;

9) ба аҳолӣ доир ба риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, танзими анъана ва ҷашну маросим, инчунин талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд;

10) оид ба натиҷаҳои фаъолияти худ бо тартиб ва муҳлатҳои муайяннамудаи низомнома дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шурои ҷамъиятӣ дар назди шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳия маълумот медиҳад;

11) дар тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иштирок менамояд.

### БОБИ 7. КАФОЛАТҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚӢ, ИҶТИМОӢ ВА ЧОРАҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ШАҲРВАНДОНИ БА МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ МУСОИДАТКУНАНДА

**Моддаи 23. Кафолати ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда**

1. Талаботи қонунии шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, барои шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад.

2. Суиқасд ба ҳаёти шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд ва аъзои оилаи онҳо, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба онҳо ё таҳқири онҳо ҳангоми иҷрои ухдадорӣ ё ба иҷрои ухдадорӣ доир ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ алоқаманд, боиси ҷавобгарии муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

3. Ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд ва аъзои оилаи онҳо, агар амали онҳо ба пешгирӣ, ошкор ё кушодани ҷиноят ҳамчун иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ алоқаманд бошад, бо тартиби муқарраргардидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» анҷом дода мешавад.

**Моддаи 24. Ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда**

1. Шаҳрванде, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуда, дар натиҷа ҷароҳат бардоштааст, осеб дидааст ё захм гирифта, муваққатан корношоям шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ кумаки пулии якваҳта дода мешавад.

2. Шаҳрванде, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намуда, дар натиҷаи иҷрои ухдадорӣ бинобар иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба маъюбӣ гирифтор шудааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ (дар ҳолати ҳалок, вафот – ба аъзои оилааш) нафақа таъин карда мешавад.

3. Зарари ба молу мулки шаҳрванде, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуда, дар натиҷаи иҷрои ӯҳдадорӣ бинобар иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ё ба молу мулки хешовандонаш (зан, шавҳар, фарзанд, падару модар, бародар, хоҳар, инчунин падару модар, бародар, хоҳар ва фарзандони зан ё шавҳар, амак (тағо), хола, амма, қудо, келин, домод, бародарзода (хоҳарзода), фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, инчунин шахси дигаре, ки бо ӯ якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ пеш мебарад) расонида шудааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 25. Чораҳои ҳавасмандгардонии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда**

1. Шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, метавонанд барои иштироки фаъолона дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳавасманд карда шаванд, бо:

1) эълон намудани миннатдорӣ;

2) сарфароз намудан бо ифтихорнома;

3) мукофоти пулӣ;

4) тӯҳфаҳои арзишманд;

5) намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

2. Шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, барои хизматҳои махсус дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ва зоҳир намудани мардонагӣ ва матонат метавонанд бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ пешбарӣ карда шаванд.

**Моддаи 26. Ҳавасмандгардонии моддӣ, кафолатҳо ва ҷубронҳои дигар ба шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд**

Мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ шаҳрвандонеро, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, бо имтиёзҳо ва ҷуброни пулии иловагӣ, шаклҳои дигари манфиатнокии моддӣ, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ҳавасманд мегардонанд.

**Моддаи 27. Таъминоти моддию техникии фаъолияти кормандони ғайриштатӣ**

Таъминоти моддию техникии фаъолияти кормандони ғайриштатӣ метавонад дар доираи маблағҳои дар сметаи хароҷоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинишуда сурат гирад.

**Моддаи 28. Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои ҷамъиятӣ**

Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ, саҳмҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маблағҳои фонди ташаббусҳои шаҳрвандӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими қонуният, инчунин сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 29. Фонди ташаббусҳои шаҳрвандӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими қонуният**

1. Фонди ташаббусҳои шаҳрвандӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими қонуният бо мақсади таъминоти молиявӣ, моддию техникии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳавасмандгардонии моддии шахсоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунанд, ташкил карда мешавад.

2. Молу мулк ва дороиҳои дигари фонд аз саҳмҳои ихтиёрӣ ва хайрияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад.

3. Идоракунии фонд аз ҷониби шурои парасторон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ ташкил менамояд, ба роҳ монда мешавад.

### БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 30. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 31. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 818) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 32. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1969**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 386**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 14 октябри соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №9-10, мод. 593) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 июни соли 2023, № 1022**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ НАЗОРАТИ МАЪМУРӢ НИСБАТ БА ШАХСОНИ АЗ МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ ОЗОДШУДА

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муқаррар ва амалӣ кардани назорати маъмуриро нисбат ба шахси таҳти назоратбуда муайян менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **маҳалли будубоши воқеӣ** – маҳалли аҳолинишини интихобшуда аз ҷониби шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда;

2) **муассисаи ислоҳӣ** – мақоми низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъмин менамояд;

3) **назорати маъмурӣ** – чораҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур, ки барои аз ҷониби шахси таҳти назоратбуда риоя шудани маҳдудиятҳои маъмурӣ муқаррар карда шудаанд;

4) **шахси таҳти назоратбуда** – шахсе, ки нисбат ба ӯ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур назорати маъмурӣ муқаррар карда шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади Қонуни мазкур**

Мақсади Қонуни мазкур танзими муносибатҳо вобаста ба назорати маъмурӣ нисбат ба шахси таҳти назоратбуда ва пешгирии содиршавии ҳуқуқвайрокуниҳои нав аз ҷониби ӯ мебошад.

### БОБИ 2. АСОСҲО ВА ТАРТИБИ МУҚАРРАР, АМАЛӢ, ДАРОЗ ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ НАЗОРАТИ МАЪМУРӢ

**Моддаи 4. Шахсе, ки нисбати ӯ назорати маъмурӣ муқаррар карда мешавад**

1. Назорати маъмурӣ аз ҷониби суд бо асосҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур нисбати шахси болиғ, ки барои содир намудани ҷиноятҳои зерин доғи судӣ дорад, муқаррар мегардад:

1) ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин;

2) ҷиноятҳо дар ҳолати ретсидиви ҷиноят;

3) ду ё зиёда ҷиноятҳои қасдона;

4) ҷиноятҳои қасдона ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ нисбати ноболиғон.

2. Нисбати шахси дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида назорати маъмурӣ муқаррар карда мешавад, агар:

1) ӯ дар давраи адо намудани ҷазо дар маҳалли маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун вайронкунандаи ашаддии тартиботи муқарраршудаи муассисаи ислоҳӣ эътироф гардида бошад;

2) ӯ дар давоми як сол ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурии вобаста ба тартиботи идоракунӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, ҳифзи саломатӣ ва амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ содир намуда, нисбаташ қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи мақомоти ваколатдори давлатӣ мавҷуд бошад.

**Моддаи 5. Тартиби муқаррар намудани назорати маъмурӣ**

1. Назорати маъмурӣ бо қарори судя дар асоси дархости мақомоти корҳои дохилӣ ва бо розигии прокурори дахлдор муқаррар карда мешавад. Ба дархост варақаи озодшавӣ ва маводи дигари дахлдор ҳамроҳ карда мешаванд.

2. Дархости мақомоти корҳои дохилӣ дар бораи муқаррар намудани назорати маъмурӣ аз ҷониби судя дар муҳлати панҷ рӯзи корӣ баррасӣ карда мешавад. Қарори судя аз рӯзи ба имзо расидан эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Дар суд намояндаи мақомоти корҳои дохилӣ ва шахсе, ки нисбаташ назорати маъмурӣ муқаррар карда мешавад, иштирок менамоянд. Дар бораи рӯз ва вақти баррасии дархост тарафҳо ба таври дахлдор огоҳ карда мешаванд. Ба суд ҳозир нашудани шахсе, ки нисбаташ дархост дар бораи муқаррар намудани назорати маъмурӣ пешниҳод шудааст, барои баррасии дархост монеъ шуда наметавонад.

3. Судя метавонад бо асосҳои кофӣ дархостро дар бораи муқаррар намудани назорати маъмурӣ рад намояд. Ҳангоми нокифоя будани маводи дархост судя онро барои бартараф кардани камбудӣ бармегардонад ва мақомоти корҳои дохилӣ вазифадор аст камбудиҳоро дар муҳлати се рӯзи корӣ бартараф намуда, дархостро аз нав ба суд пешниҳод намояд.

4. Қарори судя дар бораи муқаррар намудани назорати маъмурӣ фавран ба мақомоти корҳои дохилӣ ирсол мегардад.

5. Назорати маъмурӣ нисбат ба шахси таҳти назоратбуда аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дар маҳалли будубоши воқеии ӯ ва маҳалли муқаррарнамудаи суд амалӣ мегардад.

6. Шахси таҳти назоратбуда метавонад аз болои қарори судя ба суди болоӣ шикоят кунад. Суди болоӣ шикоятро дар муҳлати 5 рӯз баррасӣ намуда, оид ба қонеъ ва ё рад намудани он қарор қабул менамояд, ки дар ин бора шахси таҳти назоратбуда огоҳ карда мешавад.

**Моддаи 6. Муҳлати назорати маъмурӣ**

1. Назорати маъмурӣ аз ҷониби суд ба муҳлати аз 6 моҳ то 3 сол дар доираи муҳлати доғи судӣ муқаррар карда мешавад.

2. Баҳисобгирии муҳлати назорати маъмурӣ дар ҳолати дар кофтуков қарор доштан ва бедарак ғоибшуда эътироф гардидани шахси таҳти назоратбуда бо қарори судя боздошта мешавад.

3. Пас аз бартараф намудани ҳолатҳои пешбининамудаи қисми мазкур, ки барои боздоштани муҳлати назорати маъмурӣ асос шудаанд, ҷараёни муҳлати назорати маъмурӣ аз ҷониби суд барқарор карда мешавад. Агар муҳлати доғи судии шахси таҳти назоратбуда гузашта бошад, пас муҳлати назорати маъмурӣ барқарор карда намешавад.

**Моддаи 7. Тартиби бақайдгирии шахси таҳти назоратбуда ва амалӣ намудани назорати маъмурӣ**

1. Тартиби бақайдгирии шахси таҳти назоратбуда ва амалӣ намудани назорати маъмурӣ аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Бақайдгирии шахси таҳти назоратбуда ва назорати маъмурӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 8. Дароз ва кам кардани муҳлати назорати маъмурӣ**

1. Бо қарори судя дар асоси пешниҳоди асосноки мақомоти корҳои дохилӣ ва бо розигии прокурори дахлдор нисбати шахси таҳти назоратбуда, ки тартиби назорати маъмурӣ ё маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи моддаи 9 Қонуни мазкурро вайрон мекунад, дар доираи муҳлати доғи судӣ муҳлати назорати маъмурӣ дароз карда мешавад.

2. Зимни мавҷуд будани асосҳо вобаста ба ислоҳ шудани шахси таҳти назоратбуда ва пурра риоя гардидани маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи маъмурӣ аз тарафи ӯ муҳлати назорати маъмурӣ метавонад аз ҷониби суд дар асоси пешниҳоди асосноки мақомоти корҳои дохилӣ ва бо розигии прокурори дахлдор кам карда шавад.

**Моддаи 9. Маҳдудиятҳои маъмурӣ**

1. Нисбати шахси таҳти назоратбуда маҳдудиятҳои маъмурии зерин муқаррар карда мешаванд:

1) нарафтан ба ҷойҳои муайян;

2) дар вақтҳои муайян берун нарафтан аз маҳалли будубоши воқеӣ;

3) нарафтан ва иштирок накардан дар чорабиниҳои оммавӣ;

4) дар вақти муайян набаромадан аз маҳалли муқаррарнамудаи суд.

**Моддаи 10. Қатъ гардидани назорати маъмурӣ**

1. Назорати маъмурӣ бо асосҳои зерин қатъ мегардад:

1) ба итмом расидани муҳлати назорати маъмурӣ;

2) барҳам хӯрдан ва ё бардоштани доғи судии шахси таҳти назоратбуда;

3) эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар бораи таъини ҷазо нисбати шахси таҳти назоратбуда;

4) эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд оид ба бедарак ғоиб эътироф намудан ё фавтида эълон кардани шахси таҳти назоратбуда;

5) фавти шахси таҳти назоратбуда.

2. Қарор дар бораи қатъ намудани назорати маъмурӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаи 5 Қонуни мазкур аз ҷониби судя қабул карда мешавад.

3. Назорати маъмурӣ пеш аз муҳлат бо қарори судя дар асоси дархости мақомоти корҳои дохилӣ, бо розигии прокурори дахлдор, ё аризаи шахси таҳти назоратбуда ва ё намояндаи ӯ бо гузашти на камтар аз нисфи муҳлати назорати маъмурии муқарраргардида қатъ карда мешавад, агар аз ҷониби шахси таҳти назорати маъмурӣ қарордошта маҳдудиятҳои маъмурӣ, ухдадориҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур бовиҷдонона риоя ва иҷро гашта, дар ҷойи кор ва маҳалли будубоши воқеӣ мусбат тавсиф карда шавад.

4. Пас аз қатъ гардидани назорати маъмурӣ такроран аз ҷониби судя муқаррар кардани назорати маъмурӣ дар ҳолатҳои ҷой доштани асосҳои дар моддаи 4 Қонуни мазкур пешбинигардида мумкин аст, агар шахси таҳти назоратбуда доғи судӣ дошта бошад.

### БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШАХСИ ТАҲТИ НАЗОРАТБУДА

**Моддаи 11. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои шахси таҳти назоратбуда**

1. Шахси таҳти назоратбуда ҳуқуқ дорад:

1) ба суд бо ариза дар бораи кам, пеш аз муҳлат қатъ намудани назорати маъмурӣ ва қисман бекор кардани маҳдудиятҳои маъмурии муқарраргардида муроҷиат намояд;

2) ба мақомоти корҳои дохилӣ дар бораи аз маҳалли будубоши воқеӣ ва ё маҳалли муқаррарнамудаи суд барои ба муҳлати кӯтоҳ берун баромадан муроҷиат намояд;

3) аз болои қарори судя дар бораи муқаррар, дароз, кам намудан ва ё пеш аз муҳлат қатъ намудани назорати маъмурӣ ё муқаррар намудани маҳдудиятҳои маъмурӣ ба суди болоӣ шикоят намояд, ки он бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 5 ҳамин Кодекс баррасӣ карда мешавад;

4) ба мақомоти дахлдор аз болои амалҳои (беамалии) мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати маъмурӣ шикоят намояд;

5) аз хизмати адвокат истифода намояд;

6) аз ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад.

2. Шахси таҳти назоратбуда ухдадор аст:

1) пас аз муқаррар намудани назорати маъмурӣ ба маҳалли будубоши муайяншуда ҳозир шавад;

2) барои бақайдгирӣ дар як моҳ ду маротиба ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши воқеӣ ҳозир шавад;

3) барои бақайдгирӣ ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши муваққатӣ дар давоми се рӯзи корӣ, бо асосҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 12 Қонуни мазкур барои гирифтани иҷозати мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати берун баромадан аз маҳалли будубоши воқеӣ ва ё ба муҳлати кӯтоҳ ба маҳалли муқаррарнамудаи суд ҳозир шавад;

4) бо даъвати асосноки мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши воқеӣ дар муҳлати муайяннамуда ҳозир шавад;

5) ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши муваққатӣ оид ба рафтан ба маҳалли будубоши воқеӣ хабар диҳад, агар шахси таҳти назоратбуда бо асосҳои дар қисми 2 моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинишуда берун аз маҳалли будубоши воқеӣ қарор гирифта бошад;

6) ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши воқеӣ оид ба дигар намудани ҷойи истиқомат на дертар аз се рӯзи корӣ хабар диҳад;

7) ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши воқеӣ дар давоми се рӯзи корӣ оид ба баргаштан хабар диҳад, агар шахси таҳти назоратбуда бо асосҳои дар қисми 2 моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинишуда дар маҳалли будубоши воқеӣ ҳузур надошта бошад;

8) ба мақомоти корҳои дохилие, ки назорати маъмуриро амалӣ мекунад, дар давоми се рӯзи корӣ дар бораи ҷойи кор, иваз ё озод шудан аз кор хабар диҳад;

9) ухдадориҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

### БОБИ 4. ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ҲАНГОМИ АМАЛИСОЗИИ НАЗОРАТИ МАЪМУРӢ

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалисозии назорати маъмурӣ**

1. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати маъмурӣ ҳуқуқ дорад:

1) аз ҷойи кор ва ё маҳалли будубоши воқеии шахси таҳти назоратбуда дар бораи рафтори ӯ маълумот гирад;

2) шахси таҳти назоратбударо барои гирифтани баёнот дар шакли шифоҳӣ ва ё хаттӣ оид ба масъалаҳои аз ҷониби ӯ риоя нагардидани маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи суд ва иҷро нашудани ухдадориҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ба мақомоти корҳои дохилии маҳалли будубоши воқеӣ даъват намояд.

2. Мақомоти корҳои дохилӣ ба шахси таҳти назоратбуда, ки нисбат ба ӯ маҳдудиятҳои пешбининамудаи бандҳои 2) ва 4) қисми 1 моддаи 9 Қонуни мазкур муқаррар шудаанд, барои берун баромадан ба муҳлати кӯтоҳ аз маҳалли будубоши воқеӣ ё маҳалли муқаррарнамудаи суд бо асосҳои зерин иҷозат диҳад:

1) марг ё бемории вазнине, ки ба ҳаёти хешованди наздики ӯ таҳдид мекунад;

2) зарурати ба шахси таҳти назоратбуда расонидани кумаки тиббӣ, инчунин табобат дар муассисаҳои тандурустӣ, агар расонидани чунин кумак ва табобат дар маҳалли будубоши воқеии ӯ ё дар маҳалли муқаррарнамудаи суд имконнопазир бошад;

3) ғайриимкон будани зисти минбаъдаи шахси таҳти назоратбуда дар маҳалли будубоши воқеӣ бо сабаби рух додани офатҳои табиӣ ё вазъияти фавқулодаи дигар;

4) зарурати ҳалли масъалаҳои зерин ҳангоми таъмин шудан бо ҷойи кор:

- ҳозир шудан ба хадамоти шуғли аҳолӣ ҷиҳати бақайдгирӣ ва ҳамкории минбаъда бо мақомоти мазкур бо мақсади дарёфти кори мувофиқ ва ё ҳамчун шахси бекор ба қайд гирифтан, агар дар маҳалли муқаррарнамудаи суд мақомоти дахлдори хадамоти шуғли аҳолӣ мавҷуд набошад;
- гузаштан аз суҳбати пешакӣ;
- гузаштан аз муоина (ташхис)-и ҳатмии пешакии тиббии барои бастани шартномаи меҳнатӣ зарур, агар чунин муоина (ташхис) наметавонад дар маҳалли муқаррарнамудаи суд анҷом дода шавад;
- бастани шартномаи меҳнатӣ;
- бастани шартномаи дахлдор, ки мавзуи он иҷрои корҳо ва ё хизматрасониҳо мебошад;
- бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, гирифтани иҷозатнома ё дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳӣ барои амалисозии намуди муайяни фаъолият.

3. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати маъмурӣ ухдадор аст:

1) ба шахси таҳти назоратбуда ҳуқуқ ва ухдадориҳояшро фаҳмонда, инчунин оид ба ҷавобгарӣ барои риоя накардани маҳдудиятҳои маъмурии муқаррарнамудаи суд ва иҷро накардани ухдадориҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, огоҳ намояд;

2) шахси таҳти назоратбударо дар давоми муҳлати назорати маъмурӣ ба қайд гирад ва назорати маъмуриро амалӣ намояд;

3) аз ҷониби шахси таҳти назоратбуда риоя гардидани маҳдудиятҳои маъмурии муқаррарнамудаи суд ва иҷрои ухдадориҳоеро, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, мунтазам назорат намояд;

4) бо шахси таҳти назоратбуда корҳои инфиродии пешгирикунанда, ки ба огоҳонӣ ва пешгирӣ намудан аз содиркунии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар равона гардидаанд, гузаронад;

5) нисбати шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда, ки бе сабабҳои узрнок дар муҳлати муайяннамудаи муассисаи ислоҳӣ ба маҳалли будубоши воқеӣ ҳозир нашудааст, инчунин нисбати шахси таҳти назоратбуда, ки худсарона ҷойи истиқомат ё маҳалли будубоши воқеиро тарк кардааст ва ё аз маҳалли муқаррарнамудаи суд берун баромадааст, чораҳо андешад, агар суд нисбати ӯ чунин маҳдудияти маъмуриро муқаррар намуда бошад;

6) дар бораи муқаррар намудани назорати маъмурӣ бо асосҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, на дертар аз як моҳ то ба охир расидани муҳлати адои маҳдуд кардани озодии маҳкумшуда, ки ба сифати намуди ҷазои асосӣ таъин шудааст, ё ҳангоми иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ бо маҳдуд кардан аз озодӣ, ба суд дархост пешниҳод намояд.

4. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати маъмурӣ нисбат ба шахси таҳти назоратбуда бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ ҳамкорӣ менамояд.

### БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 13. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 14. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1970**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 387**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 июни соли 2023, № 1020**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 502; с. 2014, №3, мод. 145, №7, қ. 1, мод. 391, №11, мод. 644; с. 2015, №3, мод. 202, №7-9, мод. 709, мод. 710, мод. 711, №11, мод. 956, №12, қ. 1, мод. 1109; с. 2016, №3, мод. 133, №7, мод. 615; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 276; с. 2018, №1, мод. 8, №5, мод. 270, мод. 271; с. 2020, №1, мод. 7, №7-9, мод. 601, мод. 605, мод. 622, №12, мод. 902, мод. 903; с. 2021, №1-2, мод. 4, №4, мод. 194, мод. 195, №6, мод. 386, №12, қ. 2, мод. 690; с. 2022, №1-3, мод. 9, мод. 10, мод. 11, №12, қ. 2, мод. 769; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, №1951), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 1 моддаи 94 рақамҳои «133-137» ба рақам ва калимаҳои «133, 134 (ба истиснои сари вақт напардохтани кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ), 135-137» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 95:

- ба қисми 1 пас аз рақамҳои «110-123» рақамҳо ва калимаҳои «, 134 (дар қисми сари вақт напардохтани кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ) ва 140» илова карда шаванд;

- сархати якуми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муовинони ӯ, сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳои он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва раёсати Хадамот дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 110, $110^1$, 111, 119-123, 134 (дар қисми сари вақт напардохтани кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ) ва 140 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;»;

- сархатҳои дуюм ва чоруми қисми 2 хориҷ карда шаванд;

- дар сархати сеюм аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад.

3. Аз қисми 1 моддаи $121^1$ рақами «140,» хориҷ карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, №1972**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 389**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2023, № 988**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ КАЛОНСОЛОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» аз 24 феврали соли 2017 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №1-2, мод.17; соли 2018, №1, мод.18; соли 2021, №12, қ. 2, мод. 710) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**- муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон** – муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки фаъолияти онҳо ба ташаккули дониш, малака, маҳорат ва барои қонеъ гардондани талаботи маърифатӣ ва касбии таълимгирандагони калонсол равона гардидааст;»;

- сархатҳои ҳаштум, нуҳум, даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- **таҳсилоти махсус** – мукаммал гардондани дониш ва малака, ки барои фаъолияти бомуваффақият дар низоми тақсимоти технологӣ ва ҷамъиятии меҳнат заруранд;

**- барномаи таълимии модулӣ** - ҳуҷҷате, ки маҷмӯи модулҳои таълимиро дар бар гирифта, талабот ба сатҳи азхудкунии салоҳияти таълимгирандагон, мақсаду вазифаҳо, мазмуни таълим ва тарзи ташкили раванди таълимро ифода менамояд;

**- баҳодиҳӣ** – маҷмуи равандҳое, ки барои арзёбии сифати таҳсилоти касбӣ ва натиҷаи таҳсил тавассути воситаҳои баҳодиҳӣ истифода шуда, бо ҳуҷҷати дахлдори намунаи давлатӣ тасдиқ гардидаанд;

**- модули таълимӣ** – як қисми анҷомёфтаи барномаи таълимӣ мебошад, ки дар доираи он якчанд курси таълимӣ, фанҳо ё қисмҳои онҳо аз худ карда мешаванд ва як ё якчанд воҳиди салоҳиятро дар бар мегирад.».

2. Дар қисми 2 моддаи 3:

- аз сархати якум калимаҳои «дониш ва» хориҷ карда шаванд;

- дар сархати дуюм калимаҳои «касбӣ-техникӣ» ба калимаи «касбӣ» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 4:

- дар сархати чорум калимаҳои «салоҳият, дониш, малака ва маҳорати» ба калимаҳои «салоҳияти касбии» иваз карда шаванд;

- сархати панҷум хориҷ карда шавад;

- сархати ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- қонеъ гардондани талаботи ҷомеа ба мутахассисони босалоҳият;».

4. Ба моддаи 5 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ошкорбаёнӣ дар таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳое, ки ба манфиатҳои аҳолии калонсол дар соҳаи маориф дахл доранд;».

5. Ба моддаи 9 қисмҳои 5 ва 6 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«5. Барои ташкили раванди таҳсилоти касбии калонсолон барномаҳои таълимии анъанавӣ ё модулӣ истифода мешаванд.

6. Номгӯи касбҳои таҳсилоти касбии калонсолон бо Маълумотномаи ягонаи тахассусии касбҳои кормандон мутобиқи сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳо гурӯҳбандӣ ва рамзгузории Таснифоти касбҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.»;

- қисмҳои 5 ва 6 мувофиқан қисмҳои 7 ва 8 ҳисобида шаванд.

6. Ба қисми 8 моддаи 11 пас аз калимаҳои «таҳсилоти умумӣ,» калимаҳои «таҳсилоти махсус,» илова карда шаванд.

7. Дар моддаи 15:

- ба қисми 2 сархатҳои дуюм, сеюм ва чорум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- таҳияи барномаҳои махсус барои калонсолон;

- банақшагирӣ, ташаккул ва рушди шабакаи муассисаҳои таълимӣ, ки ба талаботи категорияҳои гуногуни аҳолии калонсол нигаронда шудааст;

- тасдиқи дастурамали тавсиявӣ оид ба таҳияи барномаҳои таълимии модулӣ барои ташкили раванди таҳсилоти касбии калонсолон дар заминаи курсҳои кутоҳмуддати таълимӣ;»;

- сархати чорум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- тасдиқ намудани шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ барои хатмкунандагони таҳсилоти касбии калонсолон дар заминаи курсҳои кутоҳмуддати таълимӣ;».

8. Дар қисми 2 моддаи 20 калимаҳои «Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1976**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 393**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 апрели соли 2023, № 998**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; с. 2018, №1, мод. 28; с. 2021, №1-2, мод. 19, №12, қ. 2., мод. 720) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати ҳаштум калимаи «бинокорӣ» ба калимаи «шаҳрсозӣ» иваз карда шавад;

- сархати шонздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)** – набудани хавфе, ки бо эҳтимолияти расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки истеъмолкунанда, инчунин ба муҳити зист ҳангоми истифода, нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии мол (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) ё дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) алоқамандӣ дорад.».

2. Ба моддаи 3 қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро қонун кафолат медиҳад.».

3. Ба қисми якуми моддаи 4 пас аз калимаи «муассисаҳои» калимаи «таълимии» илова карда шавад.

4. Дар қисми сеюми моддаи 5 калимаи «хизматгузории» ба калимаи «хизматрасонии» иваз карда шавад.

5. Дар моддаи 6:

- қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Аз ҷониби фурӯшанда дар шартнома пешбинӣ намудани шартҳои иловагӣ нисбати хусусиятҳои техникии мол, ки истеҳсолкунанда муқаррар кардааст, манъ аст.»;

- дар қисми ҳафтум калимаи «хизматгузорӣ» ба калимаи «хизматрасонӣ» иваз карда шавад.

6. Дар қисми якуми моддаи 7, матни моддаи 8, сархати шашуми қисми сеюми моддаи 9, қисми чоруми моддаи 12, ном ва қисмҳои якум, сеюм ва ҳаштуми моддаи 14, қисми дуюми моддаи 15, қисмҳои нуҳум ва даҳуми моддаи 28, сархати сеюми моддаи 41 ва сархати чоруми қисми дуюми моддаи 42 калимаи «амволи», «амвол» ва «амволӣ» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки», «молу мулк» ва «молумулкӣ» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 8:

- дар қисми сеюм калимаи «умум» ба калимаи «омма» иваз карда шавад;

- ба қисми чорум пас аз калимаи «кафолат» аломат ва калимаҳои «, муҳлати истифода» илова карда шаванд;

- ба қисми ёздаҳум пеш аз калимаи «иҷрокунанда» калимаи «фурӯшанда,» илова карда шавад.

8. Дар қисми якуми моддаи $8^1$ калимаҳои «хариди мол ва иҷрои кор» ба калимаҳои «хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ» иваз карда шаванд.

9. Ба моддаи 12 қисми панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳангоми муайян намудани андозаи зараре, ки дар натиҷаи маълумоти нопурра ва беэътимод дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) расонида шудааст, бояд сифат ва хусусиятҳои мол (кор, хизматрасонӣ) ба инобат гирифта шаванд.».

10. Дар моддаи 19:

- ба қисми сеюм пас аз калимаҳои «кафолати мол» калимаҳои «ё муҳлати коршоямиаш» илова карда шаванд;

- қисми дувоздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Талаботи истеъмолкунандагон, ки дар ҷараёни мӯҳлати кафолат бо шартҳои ба камбудии мол (кор, хизматрасонӣ) алоқаманднабуда пешниҳод шудааст, қонеъ карда намешавад.».

11. Дар қисми панҷуми моддаи 27 калимаҳои «қисми сеюми» ба калимаҳои «қисмҳои сеюм ва чоруми» иваз карда шаванд.

12. Сархати сеюми қисми якуми моддаи 28 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- моли дигар аз ҳамон мавод бемузд ва бо ҳамон сифат тайёр ё кор (хизматрасонӣ) такроран бемузд иҷро карда шавад;».

13. Ба қисми дуюми моддаи 38 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ташаккул ва пешбурди махзани иттилооти дастрасро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад;».

14. Дар қисми дуюми моддаи 43 калимаи «умум» ба калимаи «омма» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1980**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 397**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 24 майи соли 2023, № 1012**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲУДУДҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №12, мод. 852; с. 2014, №11, мод. 668) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- сархати ёздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **сайёҳии экологӣ** – намуди сайёҳие, ки дар муҳити табиат сурат гирифта, мақсади он тамошои манзараҳои табиӣ, дастгирии ҳифзи муҳити зист ва халалдор насохтани ягонагии системаҳои экологӣ мебошад;»;

- дар сархати дувоздаҳум калимаҳои «бо мақсадҳои» ба калимаҳои «амалӣ намудани фаъолияти» ва аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шаванд;

- сархати сездаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- **ҳифзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда** - фаъолияте, ки барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии комплексҳо ва объектҳои пурарзиши табиӣ, пешгирии ифлосшавӣ, таназзул, вайроншавӣ, харобшавӣ, барҳамхӯрӣ ва таъсири дигари манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ба онҳо, таъмини риояи қоидаҳои ҳифз ва истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда амалӣ карда мешавад.».

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Аз сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 3 калимаҳои «осоишӣ, табобатию» хориҷ карда шаванд.

4. Дар номи моддаи 4 калимаҳои **«Моликияти давлатӣ будани»** ба калимаҳои **«Ҳуқуқи моликият ба»** иваз карда шаванд.

5. Дар сархати панҷуми моддаи 6 калимаи «мақомоти» ба калимаи «мақоми» иваз карда шавад.

6. Ба қисми 1 моддаи 10 пас аз калимаи «фонди» калимаи «мамнӯъгоҳҳои» илова карда шавад.

7. Дар қисми 1 моддаи 15 калимаҳои «шабакаи» ва «давлатии мамнӯию» мувофиқан ба калимаҳои «системаҳои» ва «мамнӯъгоҳҳои» иваз карда шаванд.

8. Дар моддаи 17:

- дар номи модда калимаҳои «захираи заминҳо» ба калимаҳои «муқаррар намудани минтақаҳо» иваз карда шаванд;

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Минтақаҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «захира кардани заминҳо» ба калимаҳои «муқаррар намудани минтақаҳо» иваз карда шаванд.

9. Дар қисмҳои 1, 3, 4 ва 5 моддаи 18, сархати панҷуми қисми 2 моддаи 26, сархати дуюми қисми 3 моддаи 45 калимаи «туризми» ва «Туризми» ба калимаҳои «сайёҳии» ва «Сайёҳии» иваз карда шаванд.

10. Дар сархати сеюми қисми 3 моддаи 19 калимаи «мақсадҳои» ба калимаи «эҳтиёҷоти» иваз карда шавад.

11. Қисми муқаддимавии моддаи 20 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мамнӯъгоҳҳои табиии давлатӣ иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин менамоянд:».

12. Дар моддаи 23:

- дар қисми муқаддимавии қисми 3 калимаҳои «мумкин аст» ба калимаҳои «иҷозат дода мешавад» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «бо иҷозати маъмурияти мамнӯъгоҳҳо мумкин аст» ба калимаҳои «аз тарафи маъмурияти мамнӯъгоҳҳо иҷозат дода мешавад» иваз карда шаванд.

13. Дар қисми 1 моддаи 24 калимаи «биосфера» ба калимаҳои «биологӣ ва ландшафтӣ» иваз карда шавад.

14. Ба матни моддаи 25 пас аз калимаи «додани» калимаи «қитъаҳои» илова карда шавад.

15. Дар моддаи 26:

- дар номи модда калимаи «Мавқеи» ба калимаи «Ҳудуди» иваз карда шавад;

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Паркҳои табиии давлатӣ дар ҳудуди заминҳои барои ин мақсадҳо ҷудо кардашуда, инчунин қитъаҳои замини истифодабарандагони дигар ҷойгир карда мешаванд.»;

- қисми муқаддимавии қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Паркҳои табиии давлатӣ иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин менамоянд:».

16. Дар қисми 5 моддаи 35 калимаи «тамошогоҳ» ба калимаҳои «минтақаи намоишӣ» иваз карда шавад.

17. Дар моддаи 36:

- дар қисми 2 калимаҳои «тибқи тартиби муқарраршуда анҷом дода мешавад» ба калимаҳои «бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «хадамоти» ва «нодир ва зери таҳдиди» мувофиқан ба калимаҳои «нуқтаҳои назорати» ва «нодир, нобудшаванда ё зери хатари» иваз карда шаванд.

18. Дар ҷумлаи якуми қисми 2 моддаи 39 калимаи «заминҳои» ба калимаҳои «қитъаҳои замини» иваз карда шавад.

19. Дар қисми 2 моддаи 40 калимаҳои «аҳолӣ» ва «аҳолии таҳҷоии» мувофиқан ба калимаҳои «сокинони маҳал» ва «сокинони маҳаллии» иваз карда шаванд.

20. Дар қисми 1 моддаи 41 калимаҳои «буҷети давлатӣ таъмин» ба калимаҳои «ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ» иваз карда шаванд.

21. Аз номи боби 10 калимаҳои «ОСОИШӢ, ТАБОБАТИЮ» хориҷ карда шаванд.

22. Дар моддаи 43:

- аз номи модда калимаҳои «осоишӣ ва табобатию» хориҷ карда шаванд;

- дар қисми 1 калимаҳои «осоишӣ ва табобатию солимгардонии табиӣ» ба калимаҳои «табиии солимгардонӣ» иваз карда шаванд;

- аз қисми 2 калимаи «табобатию» хориҷ карда шавад.

23. Дар моддаи 44:

- дар қисми 2 калимаҳои «манзараҳои табиатро» ба калимаҳои «ландшафтҳои табииро» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаи «туризм» ба калимаи «сайёҳӣ» иваз карда шавад.

24. Дар қисми 3 моддаи 47 калимаҳои «ё ин ки низоми фаъолияти хоҷагидории танзимшаванда» ба калимаҳои «ва ё низоми ба мақсадҳои ҳифзи табиат танзимшавандаи истифодаи замин» иваз карда шаванд.

25. Дар қисми 2 моддаи 48 калимаҳои «аз ҷумлаи» ва «мебошанд» мувофиқан ба калимаҳои «ба воҳидҳои кории» ва «дохил мешаванд» иваз карда шаванд.

26. Дар моддаи 49:

- дар қисми 2 калимаҳои «нисбати онҳо ба суд шикоят кардан мумкин аст» ба калимаҳои «дар ҳолати норозӣ будан, онҳо ҳуқуқ доранд ба суд муроҷиат намоянд» иваз карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «тибқи тартиби муқарраргардида» ба калимаҳои «бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- ба қисми 4 пас аз калимаи «зарар» калимаҳои «бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1975**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 392**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 апрели соли 2023, № 1000**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НАФТ ВА ГАЗ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» аз 18 марти соли 2015 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 212) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархатҳои дувоздаҳум, сездаҳум ва чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

**«- конденсати газ** – омехтаи карбогидратҳое, ки дар шароити ҳарорату фишори муқаррарӣ дар қабати замин ё ҳангоми истихроҷи конҳои газ табиӣ дар натиҷаи пастшавии фишор ва ҳарорати газ, ба ҳолати моеъ мубаддал мегарданд;

**- гази табиии моеъ** - гази табиие, ки ба таври сунъӣ барои осонии нигоҳдорӣ ва интиқол ба ҳолати моеъ табдил дода шудааст;

**- талафоти технологӣ** - талафоти барқарорнашавандаи нафт, газ, конденсати газ, маҳсулоти нафтӣ ва гази табиии моеъ, ки дар натиҷаи пайомадҳои хосиятҳои аввалии физикӣ ва химиявии он, таъсири омилҳои метеорологӣ ва дараҷаи такомули равандҳои технологии истифодашуда, воситаҳои техникӣ дар чорабиниҳои сарфаи нафт, газ, маҳсулоти нафтӣ ва гази табиии моеъ ҳангоми истихроҷ, ҷамъоварӣ, тайёркунӣ, коркард (истеҳсол), интиқол ва нигоҳдорӣ ба амал меояд;».

2. Дар сархати сеюм ва нуҳуми моддаи 1, сархати ҳаштуми моддаи 5, сархати панҷуми қисми якуми моддаи 11, номи боби 4, ном ва матни моддаи 12, ном, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 13, ном ва қисмҳои 1, 2, 3, 4 моддаи 14, номи боби 5, ном ва матни моддаи 15, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 16, ном ва қисмҳои 1, 2 моддаи 17 калимаҳои «кубурҳои», «кубурҳо», «кубури», «кубур», «кубурҳои», «ҚУБУРҲОИ» мувофиқан ба калимаҳои «лӯлаҳои», «лӯлаҳо», «лӯлаи», «лӯла», «лӯлаҳои», «ЛӮЛАҲОИ» иваз карда шаванд.

3. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Саркорхона)» хориҷ карда шавад.

4. Дар сархати шашуми моддаи 5 ва матни моддаи 12 калимаи «қаламрави» мувофиқан ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

5. Сархатҳои дуюм ва нуҳуми моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- тасдиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии техникӣ дар соҳаи лоиҳакашӣ, ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ, интиқол, нигоҳдорӣ ва муомилоти маҳсулоти нафт ва газ»;

«- дигар салоҳияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.».

6. Моддаи 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 6. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нафт ва газ

Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нафт ва газ (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ) аз инҳо иборатанд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи нафт ва газ;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии техникӣ дар соҳаи лоиҳакашӣ, ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ, интиқол, нигоҳдорӣ ва муомилоти маҳсулоти нафт ва газ;
- таҳия ва тасдиқ намудани санадҳои соҳавии меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии методӣ, стандартҳо ва маводи дастурӣ;
- додани иҷозатнома барои истеҳсол, коркард, истифодаи шабакаҳои иншооти нафтӣ ва газӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши нафту газ ва маҳсулоти коркарди онҳо тибқи қонунгузории соҳаи иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мувофиқа намудани лоиҳаҳо, нақшаҳо ва ҳисоботҳо оид ба корҳои омӯзиши геологӣ, иктишофӣ, тадқиқотӣ, геофизикии сохторҳо ва майдонҳои нафту газ, истихроҷ ва коркарди конҳои нафт, конденсати газ ва гази табиӣ, низоми технологӣ, сохтмони иншооти пармакунии чоҳҳо, барқарордӣ, боздошт, мувакқатан хобондани конҳо ва чоҳҳои нафту газ, коркарди нафту газ ва истифодабарии маҳсулоти истеҳсолшаванда, воридоту содироти маҳсулоти нафт ва гази табиии моеъ;
- таҳия ва тасдиқ намудани дастурамал оид ба муайян намудани талафоти табиии маҳсулоти нафтӣ, гази табиии моеъ ва гази табиӣ ҳангоми интиқол, қабул, нигоҳдорӣ ва фурӯши он, меъёр ва тарзи ҳисобкунии ҳаҷми нафт, газ ва конденсати газ ҳангоми истихроҷ, маблағи зараре, ки дар натиҷаи риоя накардани талабот оид ба истифодабарии мақсаднок конҳои нафт ва газ расонида шудааст, гузаронидани чоҳҳои нафтӣ, газӣ, интиқолӣ ва назоратӣ ба дигар уфуқҳо, талафоти технологии нафт, газ ва конденсати газ ҳангоми истихроҷ;
- таҳия ва тасдиқ намудани қоидаҳо оид ба тартиби бақайдгирӣ ва боздошти фаъолияти чоҳҳои нафтӣ ва газӣ;
- муайян намудани қоидаҳои коркарди (истихроҷи) конҳои нафт, газ ва конденсати газ;
- ташкил ва гузаронидани ташхиси лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои шартномавӣ ва бақайдгирии онҳо;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳисоботи солона оид ба рафти иҷрои шартномаҳо, конҳои нафт ва газ, рӯйхати иштироккунандагони озмун барои ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии қаъри замин, инчунин ҳайати комиссия ва Низомнома оид ба тартиби гузаронидани озмун барои додани ҳуқуқи истифодабарии майдонҳои ояндадори конҳои нафт ва газ;
- тасдиқ намудани дастурамал оид ба муайян намудани талафоти нафт, маҳсулоти нафтӣ ва гази табиии моеъ дар корхонаҳои коркарди нафт ва газ;
- мувофиқа намудани барномаи иҷрои корҳо барои гузаронидани корҳои иктишофи сейсмикӣ ва ҷустуҷӯӣ бо мақомоти давлатии дахлдор;
- мувофиқа кардани тағйирот ба барномаи солонаи корҳо, ки аз тарафи иҷозатномадорон пешниҳод гардидааст;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани номгӯйи қитъаҳои қаъри замини дорои аҳамияти стратегӣ (нафт зиёда аз 2 миллион тонна ва газ зиёда аз 1 миллиард метри мукааб);
- таъмини истифодабарии мақсаднок ва самараноки қитъаи қаъри замини аҳамияти стратегидошта;
- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.».

7. Дар қисми 2 моддаи 13 калимаҳои «мақоми давлатии дахлдор муайян ва» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1981**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 398**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 24 майи соли 2023, № 1010**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ ЧЕНАКИ ЯГОНА

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолиятро дар соҳаи таъмини ченаки ягона бо мақсади қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва иқтисодиёти мамлакат ба натиҷаҳои воқеӣ, боэътимод ва муқоисашавандаи ченак, ҳифзи саломатии аҳолӣ, муҳити зист, таъмини иқтидори мудофиавӣ ва амният муайян менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **андозагирии воситаҳои ченак** – маҷмуи амалиёте, ки бо мақсади муқаррар намудани тавсифҳои метрологии воситаҳои ченак бо роҳи муайянсозии таносуби байни қимати бузургии бо ёрии воситаҳои ченак бадастомада ва қимати бузургии тибқи маҳак (эталон) ҳосилшуда иҷро карда мешаванд;

2) **аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак** – эътирофи қобили қабул будани истифодаи воситаҳои ченаки истеҳсолашон ягона (ё бо нусхаҳои ягона ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида) аз тарафи хадамоти давлатии метрологӣ дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи хосияти онҳо;

3) **аттестатсияи воситаҳои санҷиш** – муайянсозии мутобиқати тавсифҳои бамеъёрдаровардашудаи метрологӣ ва техникии воситаҳои санҷиш ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таъмини ченаки ягона;

4) **аттестатсияи метрологии усулҳои иҷрои ченкунӣ** – таҳқиқот бо мақсади баҳодиҳӣ ва тасдиқи мутобиқати усулҳои иҷрои ченкунӣ ба талаботи пешниҳодгардидаи метрологӣ;

5) **воситаҳои ченак** – воситаҳои техникие, ки барои ченкунӣ пешбинӣ гардида, дорои тавсифҳои муқарраргардидаи метрологӣ мебошанд;

6) **қонунгузории метрологӣ** – аз тарафи давлат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ нисбат ба истифодаи воҳидҳои бузургиҳои физикӣ, маҳакҳо (эталонҳо), тарзу воситаҳои ченкунӣ, ки барои таъмини ченаки ягона равона мегардад;

7) **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона (минбаъд – мақоми ваколатдори давлатӣ)** – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки танзими давлатиро дар соҳаи таъмини ченаки ягона амалӣ менамояд;

8) **маҳаки (эталони) воҳиди бузургӣ** – воситаи ченак, ки барои таҷдид ва ҳифзи воҳиди бузургӣ бо мақсади интиқоли андозаи он ба воситаҳои дигари ченаки ҳамин бузургӣ пешбинӣ шудааст;

9) **маҳаки (эталони) давлатии воҳиди бузургӣ** – маҳаки (эталони) воҳиди бузургӣ, ки бо қарори мақоми ваколатдори давлатӣ ба сифати воҳиди ибтидоӣ барои муқаррар намудани андозаи воҳиди бузургӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст;

10) **назорати метрологӣ** – фаъолияте, ки хадамоти давлатии метрологӣ, хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ ва хадамоти метрологии шахсони ҳуқуқӣ бо мақсади санҷиши риояи қоида ва меъёрҳои метрологӣ амалӣ менамоянд;

11) **назорати давлатии метрологӣ –** фаъолияте, ки аз ҷониби хадамоти давлатии метрологӣ бо мақсади санҷиши риояи қоида ва меъёрҳои метрологӣ амалӣ карда мешавад;

12) **намунаҳои стандартӣ** – воситаҳои ченак дар шакли намунаи модда (мавод) бо қимати аз рӯи натиҷаи аттестатсияи метрологӣ муқарраргардидаи бузургӣ, ки таркиб ё хусусияти ин модда (мавод)-ро тавсиф менамоянд;

13) **нишондиҳандаи дурустии ченкунӣ** – тавсифи муқарраргардидаи дурустии натиҷаи ченкунӣ, ки бо риояи қоида ва меъёрҳои усулҳои ченкунии истифодашаванда ба даст оварда мешавад;

14) **пайвастшавии метрологӣ** – хусусиятҳои натиҷаи ченкунӣ, ки мувофиқи онҳо натиҷаи мазкур метавонад ба воситаи занҷири ногусастанӣ ва ҳуҷҷатноккардашудаи андозагирӣ ба маҳакҳои (эталонҳои) давлатӣ ва ё байналмилалӣ пайваст карда шавад;

15) **ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таъмини ченаки ягона** – стандартҳои давлатӣ, стандартҳои байналмилалӣ (минтақавӣ), низомнома, дастурамал, қоида ва тавсияҳое, ки бо тартиби муқарраргардида қабул ва дар фаъолияти метрологӣ истифода мешаванд;

16) **санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак** – маҷмуи амалиёте, ки бо мақсади муайян ва тасдиқ намудани мутобиқати воситаҳои ченак ба талаботи муқарраргардидаи техникӣ анҷом дода мешавад;

17) **сертификат дар бораи тасдиқи навъи воситаҳои ченак** – ҳуҷҷате, ки навъи воситаҳои ченак ва ба талаботи муқарраргардида мутобиқат доштани онро тасдиқ менамояд;

18) **тасдиқи навъи воситаҳои ченак** – қарори бо тартиби муқарраргардида ба расмият даровардашуда оид ба эътирофи мутобиқати навъи воситаҳои ченак ба тавсифҳои метрологӣ ва техникӣ дар асоси натиҷаҳои озмоиши воситаҳои ченак бо мақсади тасдиқи навъ;

19) **усулҳои иҷрои ченкунӣ** – маҷмуи амалиёт ва қоидаҳое, ки иҷрои ченкунӣ ва ба даст овардани натиҷаи онҳоро бо нишондодҳои муқарраргардидаи дақиқӣ таъмин менамоянд;

20) **фаъолияти метрологӣ** – фаъолияте, ки ба таъмини ченаки ягона, тарзу воситаҳои ченкунӣ, инчунин роҳҳои ноил шудан ба дақиқияти зарурӣ алоқаманд мебошад;

21) **ченаки ягона** – ҳолати ченаке, ки натиҷаи он дар воҳидҳои эътирофгардидаи бузургӣ ифода ёфта, нишондиҳандаҳои дақиқи ченак аз доираи меъёрҳои муайянгардида берун намеоянд;

22) **шаҳодатнома (сертификат) дар бораи андозагирӣ** – ҳуҷҷате, ки далел ва натиҷаҳои андозагирии воситаҳои ченакро тасдиқ намуда, ба ташкилотҳои анҷомдиҳандаи фаъолияти андозагирӣ дода мешавад;

23) **экспертизаи метрологӣ** – маҷмуи корҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ оид ба баҳодиҳӣ ва таҳлили дурустию пуррагии истифодаи талаботи метрологӣ, ки бо таъмини ченаки ягона алоқаманд мебошанд;

24) **Феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон** - махзани ягонаи иттилоот дар бораи воситаҳои ченаке, ки нисбат ба онҳо қарор оид ба тасдиқи навъ ва додани сертификат дар бораи тасдиқи навъ қабул гардидааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини ченаки ягона**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини ченаки ягона ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои соҳаи таъмини ченаки ягона**

Соҳаи таъмини ченаки ягона ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) истифодаи воситаҳои ченаки барасмиятдаровардашуда;

2) таҷдиди воситаҳои ченак бо ёрии маҳакҳои (эталонҳои) давлатӣ;

3) афзалияти истифодаи воҳидҳои ченкунии низоми байналмилалии воҳидҳо;

4) риояи ҳатмии фосилаи байнисанҷишии воситаҳои ченак;

5) таъмини дақиқияти ченкунӣ;

6) истифодаи натиҷаҳои ченкунӣ дар асоси арзёбии иштибоҳот бо эҳтимолияти додашуда;

7) назорати риояи қоидаву меъёрҳои метрологӣ;

8) ошкоро ва дастрас будани маълумот дар соҳаи таъмини ченаки ягона, ба истиснои паҳнкунӣ ва (ё) пешниҳоди маълумоти дастрасиашон маҳдуд;

9) таъмини пайвастшавии метрологӣ.

### БОБИ 2. ИДОРАКУНӢ ВА ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ ЧЕНАКИ ЯГОНА

**Моддаи 4. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона аз самтҳои зерин иборат мебошад:

1) рушди фаъолияти метрологӣ дар асоси талаботи байналмилалӣ;

2) муҳайё намудани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ба соҳа;

3) рушди таҳқиқоти илмӣ ва якҷоя кардани он бо таҷрибаи истеҳсолӣ;

4) тайёр намудан, такмил додан ва баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

5) ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ;

6) татбиқи чорабиниҳо оид ба ҳимоя аз оқибатҳои номатлуби натиҷаҳои нодурусти ченкунӣ;

7) таъмини фаъолият ва рушди низоми таъмини ченаки ягона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқгардонии он ба низоми байналмилалии воҳидҳо ва низоми воҳидҳои бузургии мамлакатҳои дигар;

8) рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ.

**Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини ченаки ягона**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини ченаки ягона мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

2) тасдиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

3) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

4) тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

5) амалӣ намудани салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

2) ҳамоҳангсозии байниминтақавӣ ва байнисоҳавии фаъолият оид ба таъмини ченаки ягона;

3) муқаррар намудани қоидаҳои офаридан, тасдиқ, азнавкунӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маҳакҳои (эталонҳои) давлатии воҳидҳои бузургӣ, инчунин таъмини муқоисаи онҳо дар сатҳи байналмилалӣ;

4) муайян намудани талаботи умумии метрологӣ ба усулҳо, воситаҳо ва натиҷаҳои ченкунӣ;

5) амалӣ намудани назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ;

6) роҳбарӣ ба фаъолияти хадамоти давлатии метрологӣ ва дигар хадамоти метрологӣ оид ба таъмини ченаки ягона;

7) пешбурди Феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) таъсиси пажӯҳишгоҳи метрологӣ;

9) таҳия ва ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

10) таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона, аз ҷумла якҷо бо дигар мақомоти давлатӣ;

11) андешидани чораҳо оид ба тайёр намудани мутахассисони муҳандисию техникии соҳа;

12) амалӣ намудани назорат оид ба риояи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа;

13) таъмини фаъолият ва рушди низоми таъмини ченаки ягона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқгардонии он бо низоми байналмилалии воҳидҳо ва низоми воҳидҳои бузургии мамлакатҳои дигар;

14) ба амал баровардани тадбирҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, саломатӣ ва бехатарии шаҳрвандон, муҳити зист ва манфиатҳои давлат аз оқибатҳои манфии натиҷаҳои нодурусти ченкунӣ;

15) иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таъмини ченаки ягона ва намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалии метрологӣ;

16) ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона;

17) қабули қарор оид ба эътироф намудани натиҷаҳои озмоиш ва тасдиқи навъ, санҷиши эътимоднокии ибтидоӣ ва аттестатсияи метрологии воситаҳои ченаки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидашуда;

18) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 7. Сохтори хадамоти метрологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти метрологӣ ва навъи корҳое, ки барои таъмини ченаки ягона равона шудаанд, аз ҷониби хадамоти метрологии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд. Хадамоти метрологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хадамоти давлатии метрологӣ, хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ ва хадамоти метрологии шахсони ҳуқуқӣ иборат мебошад.

**Моддаи 8. Хадамоти давлатии метрологӣ**

Ба хадамоти давлатии метрологӣ, ки онро мақоми ваколатдори давлатӣ роҳбарӣ мекунад, хадамоти давлатии метрологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

**Моддаи 9. Хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ ва хадамоти метрологии шахсони ҳуқуқӣ**

1. Мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми зарурат метавонанд барои анҷом додани корҳо оид ба таъмини ченаки ягона, инчунин амалисозии назорати метрологӣ хадамоти метрологӣ таъсис диҳанд.

2. Хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ:

1) ҳамчун хадамоти аккредитатсияшуда корҳоро оид ба санҷиш ва андозагирии воситаҳои ченак иҷро мекунанд;

2) лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёриро оид ба таъмини ченаки ягона таҳия менамоянд.

3. Ҳуқуқу уҳдадориҳои хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ тибқи низомномаи аз тарафи мақомоти давлатӣ тасдиқ ва бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқагардида, муайян карда мешаванд. Ҳуқуқу уҳдадориҳои хадамоти метрологии шахсони ҳуқуқӣ тибқи оинномаи онҳо ва низомномаи хадамоти давлатии метрологӣ муайян карда мешаванд.

4. Шахсони мансабдори хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ уҳдадоранд зимни иҷрои фаъолияти худ ба фош кардани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда роҳ надиҳанд.

### БОБИ 3. АСОСҲОИ ТАЪМИНИ ЧЕНАКИ ЯГОНА

**Моддаи 10. Воҳидҳои бузургӣ**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **бо** тартиби муқарраргардида истифодаи воҳидҳои бузургии низоми байналмилалии воҳидҳо иҷозат дода мешавад.

2. Номгӯй, аломат ва қоидаҳои навишти воҳидҳои бузургӣ, инчунин қоидаҳои истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузорӣ, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, дар баробари истифодаи воҳидҳои бузургии низоми байналмилалии ченакҳо, ба истифодаи воҳидҳои низомҳои дигар иҷозат диҳад.

4. Тавсиф ва хусусиятҳои маҳсулоти содиротӣ, аз ҷумла воситаҳои ченак бо воҳидҳои бузургии муқаррарнамудаи фармоишгар ифода ёфта метавонанд.

5. Истифодаи воҳидҳое, ки аз воҳидҳои расман иҷозатдодашуда фарқ доранд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

**Моддаи 11. Маҳакҳои (эталонҳои) давлатии воҳидҳои бузургӣ**

1. Асоси техникии таъмини ченаки ягонаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳакҳои (эталонҳои) давлатии воҳидҳои бузургӣ ташкил медиҳанд, ки нигоҳдории онҳоро давлат таъмин менамояд.

2. Маҳакҳои (эталонҳои) давлатии воҳидҳои бузургӣ ҳамчун воситаи ченаки воҳидҳои ибтидоӣ ҷиҳати таҷдид ва нигоҳдории воҳидҳои бузургӣ бо мақсади интиқоли андозаи онҳо ба воситаҳои дигари ченаки ҳамин бузургӣ истифода мешаванд.

3. Воҳидҳои бузургӣ, ки аз рӯи маҳакҳо (эталонҳо) таҷдид мешаванд, бояд пайвастшавии метрологиро то низоми байналмилалии воҳидҳо таъмин намоянд.

**Моддаи 12. Воситаҳои ченак**

1. Воситаҳои ченак барои муайян намудани бузургие истифода мешаванд, ки ба татбиқи воҳидҳояшон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиби муқарраргардида иҷозат дода шудааст ва бояд ба шароити истифода ва талаботи муқарраргардида мувофиқ бошанд.

2. Тарҳрезии воситаҳои ченак бояд дастрасиро ба қисмҳои функсионалии он (аз ҷумла таъминоти барномавӣ) бо мақсади пешгирӣ намудани ислоҳи беиҷозат ва мудохилае, ки метавонад ба таҳрифи натиҷаҳои ченкунӣ оварда расонад, маҳдуд созад.

3. Меъёрҳои мансуб донистани воситаҳои техникӣ, дастгоҳҳо, моддаҳо ва (ё) маводҳо ба воситаҳои ченак ва (ё) воситаҳои санҷиш чунин мебошанд:

1) мавҷудияти хосиятҳои ба меъёр даровардашудаи метрологӣ ва тавсифҳои техникие, ки қиматашон дар муҳлати муайян бетағйир дониста мешавад;

2) қобилияти таъмини натиҷаҳои ченкунӣ дар воҳидҳои қонунигардонидашуда бо дақиқияти муқарраргардида, инчунин саҳеҳии натиҷаҳои санҷиш;

3) фаъолият аз рӯи принсипҳои механикӣ, барқӣ, оптикӣ, физикӣ-химиявӣ ва электронӣ.

4. Воситаҳои техникӣ дар ҳолатҳои зерин воситаҳои ченак ва (ё) воситаҳои санҷиш дониста намешаванд:

1) доштани вазифаи нишондиҳанда (индикаторӣ);

2) истифодабарӣ танҳо барои баҳодиҳии пешакӣ, ки натиҷаи он ченкунӣ ва (ё) санҷиш ба ҳисоб намеравад;

3) танҳо иҷро намудани вазифаи интиқоли маълумот дар бораи натиҷаи ченкунӣ ва (ё) санҷишҳо.

5. Воситаҳои ченаки дар доираи қонунгузории метрологӣ барои истифода муқарраргардида ва дар номгӯйи воситаҳои ченак зикргардида дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода намешаванд:

1) барои муомилот бе гузаштан аз санҷиши эътимоднокии давлатӣ;

2) барои истифода бе гузаштан аз санҷиши эътимоднокии давлатӣ ва воситаҳои ченаки дар озмоишгоҳҳои санҷишии аккредитатсияшуда (марказҳо) истифодашаванда бе гузаштан аз санҷиши эътимоднокии давлатӣ ё андозагирӣ.

6. Воситаҳои ченаки берун аз доираи қонунгузории метрологӣ истифодашаванда метавонанд мавриди санҷиш ва (ё) андозагирӣ ё экспертизаи метрологӣ қарор гиранд, ё нисбат ба онҳо бо мақсади таъмини ченаки ягона аз тарафи шахси муайяни ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ё шахси дигари воқеии ин воситаҳои ченакро истифодабаранда метавонад амалҳои дигар анҷом дода шаванд.

7. Маълумот дар бораи воситаҳои ченаки навъашон тасдиқгардида дар Феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешавад. Пешбурди Феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад.

8. Қарор дар бораи муқаррар намудани фосилаи байни санҷишҳои эътимоднокӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ қабул карда мешавад.

9. Хадамоти давлатии метрологӣ назорати воситаҳои ченаки дар доираи талаботи қонунгузории метрологӣ қарордоштаро амалӣ менамояд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ надоранд воситаҳои ченаки таҳти назорати қонунгузории метрологӣ қарордоштаро то аз санҷиши эътимоднокии давлатӣ гузаштан истифода баранд ва ё барои истифода нигоҳ доранд.

**Моддаи 13. Усулҳои иҷрои ченкунӣ**

1. Ченкунӣ бояд тибқи усулҳое, ки бо тартиби муқарраргардида аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тавсия шудаанд, анҷом дода шавад.

2. Усулҳои иҷрои ченкунӣ бояд баҳодиҳии нишондиҳандаҳои дақиқияти натиҷаҳои ченкуниро дар бар гирифта, саҳеҳии муқарраршударо дар шароити воқеии гузарондани ченкунӣ таъмин намоянд. Ченкунӣ бояд тибқи усулҳои бо тартиби муайян аттестатсияшудаи иҷрои ченкунӣ анҷом дода шавад.

3. Аттестатсияи метрологии усулҳои иҷрои ченкунӣ бо роҳи гузаронидани таҳқиқот бо мақсади баҳодиҳӣ ва тасдиқи мутобиқати усулҳои иҷрои ченкунӣ ба талаботи метрологии ба онҳо вогузошташуда амалӣ карда мешавад.

4. Тартиби таҳия ва аттестатсияи метрологии усулҳои иҷрои ченкуниро мақоми ваколатдори давлатӣ муайян мекунад.

### БОБИ 4. НАЗОРАТИ МЕТРОЛОГӢ ВА НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕТРОЛОГӢ

**Моддаи 14. Объектҳои назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ**

Объектҳои назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ инҳоянд:

1) маҳаки (эталони) воҳидҳои бузургӣ;

2) воситаҳои ченак;

3) воситаҳои санҷиш;

4) намунаҳои стандартӣ;

5) системаҳои иттилоотонӣ-ченкунӣ;

6) усулҳои иҷрои ченкунӣ;

7) миқдори молҳои дар борҷомаҳо бандубастшуда ҳангоми кушодан, фурӯхтан ва воридот;

8) объектҳои дигари тибқи қоида ва меъёрҳои метрологӣ пешбинигардида.

**Моддаи 15. Соҳаҳои назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ**

1. Назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро мақоми ваколатдори давлатӣ бо мақсади санҷиши риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба таъмини ченаки ягона анҷом медиҳад.

2. Назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ нисбат ба соҳаҳои зерин паҳн мегарданд:

1) тандурустӣ, байторӣ, ҳифзи муҳити зист;

2) амалиёти тиҷоратӣ ва ҳисобу китоби байни харидор ва фурӯшанда;

3) баҳисобгирии арзишҳои моддӣ ва захираҳои сӯзишворию энергетикӣ;

4) амалиёти баҳисобгирии давлатӣ;

5) таъмини мудофиаи давлат;

6) таъмини бехатарии саноатӣ, ядроӣ ва радиатсионӣ;

7) таъмини бехатарии меҳнат ва ҳаракати нақлиёт;

8) иҷрои корҳои геодезӣ, картографӣ ва гидрометеорологӣ;

9) иҷрои амалиётҳои андозӣ, гумрукӣ, бонкӣ, почта ва телекоммуникатсионӣ;

10) ҳифзи аҳолӣ ва маҳалҳои аҳолинишин аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, таъмини бехатарии оташнишонӣ;

11) санҷиш ва назорати сифати маҳсулот бо мақсади муайян кардани мутобиқати он ба регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ;

12) муайян кардани бехатарӣ ва сифати маҳсулоти сертификатсияшуда;

13) гузаронидани санҷишҳои давлатӣ, санҷишҳои эътимоднокӣ, андозагирӣ, таъмир ва аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак;

14) истихроҷи маъданҳои фоиданок;

15) амалиёт бо арзишҳои Фонди давлатии металлҳо ва сангҳои қиматбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

16) бақайдгирии рекордҳои варзишии миллӣ ва байналмилалӣ;

17) корҳое, ки бо супориши мақомоти судӣ, прокуратура ва мақомоти дигари давлатӣ гузаронда мешаванд.

3. Мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои дигари фаъолият низ таҳти назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ қарор гирифта метавонанд.

**Моддаи 16. Намудҳои назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ**

1. Назорати метрологӣ амалҳои зеринро дар бар мегирад:

1) санҷишҳо бо мақсади тасдиқи навъи воситаҳои ченак;

2) санҷиши эътимоднокӣ, андозагирии воситаҳои ченак, аз ҷумла маҳакҳо (эталонҳо);

3) аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак ва усулҳои иҷрои ченкунӣ;

4) аттестатсияи воситаҳои санҷиш.

2. Назорати давлатии метрологӣ барои иҷрои корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

1) истеҳсол, таъмир, ба киро додан, фурӯш, ҳолат ва истифодаи воситаҳои ченак, аз ҷумла маҳаки (эталони) воҳидҳои бузургӣ, намунаҳои стандартӣ, низоми иттилоотонӣ-ченкунӣ;

2) риояи қоида ва меъёрҳои муқарраргардидаи метрологӣ;

3) миқдори моле, ки ҳангоми амалиёти тиҷоратӣ бегона карда мешавад;

4) миқдори моли баркаш ва бандубастшуда дар борҷомаҳои гуногун ҳангоми кушодан, фурӯхтан ва воридот.

3. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои дигари назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ метавонанд пешбинӣ карда шаванд.

**Моддаи 17. Тасдиқи навъ ва аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак**

1. Тасдиқи навъи воситаҳои ченак иҷрои корҳоеро дар бар мегирад, ки дар раванди онҳо дар асоси санҷишҳои давлатии воситаҳои ченак хусусиятҳои метрологӣ ва техникии онҳо муқаррар гардида, мутобиқати воситаҳои ченак ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад ва доир ба тасдиқи навъи воситаҳои ченак қарор қабул мегардад.

2. Қарори тасдиқи навъи воситаҳои ченак аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ қабул ва бо сертификати навъи воситаҳои ченак тасдиқ карда мешавад. Муҳлати амали сертификати мазкурро ҳангоми додани он мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар мекунад.

3. Навъи тасдиқгардидаи воситаҳои ченак аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ ба Феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешавад.

4. Воситаҳои ченакро мақоми ваколатдори давлатӣ бо мақсади тасдиқи навъи онҳо месанҷад. Бо қарори мақоми давлатӣ оид ба аккредитатсия, ташкилотҳои дигари махсусгардонидашуда низ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба сифати озмоишгоҳи (маркази) давлатии санҷиши воситаҳои ченак аккредитатсия карда шаванд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ ЧЕНАКИ ЯГОНА

(Идома аз саҳ. 12)

5. Барои гузаронидани санҷиш намунаҳои воситаҳои ченак бояд бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

6. Мутобиқати воситаҳои ченакро ба навъи тасдиқгардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатии хадамоти метрологии маҳаллӣ ҷойгиршавии истеҳсолкунандагон ё истифодабарандагон таҳти назорат мегиранд.

7. Ба рӯи воситаҳои ченаки навъи тасдиқгардида ва ба ҳар нусхаи дахлдори ҳуҷҷатҳои истифодабарии онҳо аломати тасдиқкунандаи навъи воситаҳои ченак шакли муқаррааргардида гузошта мешавад.

8. Аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак аз ҷониби хадамоти давлатии метрологӣ анҷом дода мешавад.

9. Воситаҳои ченаки дар соҳаҳои дар моддаи 15 Қонуни мазкур зикршуда, ки мавриди истеҳсол ва воридот қарор доранд, бояд аз санҷиши ҳатмии давлатӣ бо мақсади тасдиқи навъ ё аттестатсияи метрологӣ гузаранд.

10. Ба муомилот баровардан, ба истифода додан, истифодабарӣ, фурӯхтан ва тарғиб намудани воситаҳои ченаки таҳти назорати давлатии метрологӣ қарордошта, ки бо мақсади тасдиқи навъ ё аттестатсияи метрологӣ аз санҷиш нагузаштаанд, манъ аст.

**Моддаи 18. Санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак**

1. Воситаҳои ченак, ки дар доираи татбиқи назорати давлатии метрологӣ истифода мешаванд, дар мавриди истеҳсол ё таъмир, истифода ва воридот баъди тасдиқи навъи онҳо ва ё аттестатсияи метрологӣ ва бақайдгирӣ дар Феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз санҷиши ҳатмии эътимоднокӣ гузаронида шаванд.

2. Тартиби гузаронидани санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак, инчунин даврияти санҷиши онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ муайян мекунад.

3. Санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак аз ҷониби шахсони мансабдори хадамоти давлатии метрологӣ ё хадамоти метрологии аккредитатсияшудаи шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи усули санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак амалӣ карда мешавад.

4. Воситаҳои ченак, ки аз санҷиши эътимоднокӣ гузаштаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ мӯҳргузорӣ карда мешаванд ва ё мутобиқати онҳо бо шаҳодатномаи санҷиши эътимоднокӣ тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 19. Андозагирии воситаҳои ченак**

1. Андозагирии воситаҳои ченак аз ҷониби хадамоти аккредитатсияшудаи метрологӣ амалӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми андозагирии воситаҳои ченак усулҳои андозагирии воситаҳои ченак, ки барои муқаррар намудани тавсифҳои метрологии воситаҳои ченак пешбинӣ гардидаанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

3. Воситаҳои ченаки истифодашаванда ҳангоми ченкунӣ дар соҳаҳои пешбининамудаи моддаи 15 Қонуни мазкур метавонанд ба тавр ихтиёрӣ ҳангоми истеҳсол, фурӯш, истифода, киро додан, таъмир ва воридот андозагирӣ карда шаванд.

4. Натиҷаҳои андозагирии воситаҳои ченаки аз тарафи хадамоти аккредитатсияшудаи метрологӣ гузаронидашуда метавонанд ҳангоми санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак истифода шаванд.

5. Натиҷаҳои андозагирии воситаҳои ченак бо мӯҳр, шаҳодатнома (сертификат) дар бораи андозагирии воситаҳои ченак, инчунин бо сабт намудан дар ҳуҷҷатҳои истифодабарии воситаҳои ченак тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 20. Аттестатсияи воситаҳои санҷиш**

1. Аттестатсияи воситаҳои санҷиш аз ҷониби хадамоти аккредитатсияшудаи метрологӣ амалӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми аттестатсияи воситаҳои санҷиш усулҳои аттестатсияи воситаҳои санҷиш истифода мешаванд, ки иҷрои онҳо барои муайянсозии мутобиқати воситаҳои санҷиш ба тавсифҳои бамеъёрдаровардашудаи техникӣ ва метрологии воситаҳои санҷиш имкон медиҳад.

**Моддаи 21. Аккредитатсияи хадамоти метрологӣ барои ҳуқуқи иҷрои кор ва хизматрасониҳои метрологӣ**

1. Аккредитатсияи хадамоти метрологӣ барои иҷрои кор ва хизматрасониҳои метрологӣ, аз ҷумла аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак, усулҳои иҷрои ченкунӣ, аттестатсияи воситаҳои санҷиш, санҷиши эътимоднокӣ ва андозагирии воситаҳои ченаке, ки истифодаи онҳо дар соҳаҳои пешбининамудаи моддаи 15 Қонуни мазкур имконпазир аст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми давлатӣ оид ба аккредитатсия амалӣ карда мешавад.

2. Назорати фаъолияти хадамоти аккредитатсияшудаи метрологӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми давлатӣ оид ба аккредитатсия гузаронида мешавад.

**Моддаи 22. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони мансабдоре, ки назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро амалӣ менамоянд**

1. Шахсони мансабдоре, ки назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро амалӣ менамоянд, ҳуқуқ доранд:

1) бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ба дохили объектҳое ворид шаванд, ки дар онҳо воситаҳои ченакро, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияти ин объектҳо, истифода мекунанд, месозанд, таъмир менамоянд, мефурӯшанд ё нигоҳ медоранд;

2) ҳуҷҷатҳо ва маълумоти заруриро барои гузаронидани назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб намоянд ва гиранд;

3) мутобиқати воҳидҳои бузургиро, ки ба истифодаашон иҷозат дода шудааст, санҷанд;

4) воситаҳои ченак, шароити истифодаи онҳо, инчунин мутобиқати онҳоро ба навъи тасдиқшудаи воситаҳои ченак тафтиш намоянд;

5) истифодаи усулҳои тавсияшудаи ченкунӣ, ҳолати маҳакҳоеро (эталонҳоеро) тафтиш намоянд, ки барои санҷиши воситаҳои ченак истифода мешаванд;

6) миқдори молро, ки дар рафти амалиёти тиҷоратӣ бегона карда шудааст, тафтиш намоянд;

7) барои назорат намунаи молу маҳсулот, инчунин молҳои баркашшудаи банду басташон гуногунро интихоб намоянд;

8) фурӯши миқдори муайяни моли баркашшударо ҳангоми муқаррарсозии номутобиқатии бузургие, ки миқдори таркибии моли дар борҷома ҷойдоштаро нишон дода, дар борҷома қайд гардидааст, манъ созанд;

9) воситаҳои техникиро истифода кунанд ва кормандони объекти таҳти назорати метрологӣ қарордоштаро барои иҷрои корҳои муайян ҷалб намоянд;

10) истифода ва истеҳсоли воситаҳои ченаки навъҳои тасдиқнашуда ё ба навъи тасдиқшуда мутобиқ набуда, инчунин аз санҷиш нагузаштаро манъ намоянд;

11) тамғаҳои санҷишро аз эътибор соқит донанд ё худ шаҳодатномаи санҷишро ҳангоме, ки воситаи ченак натиҷаи нодуруст медиҳад ё мӯҳлати фосилаи байнисанҷишӣ гузаронида шудааст, беэътибор гардонанд;

12) дар ҳолати зарурат воситаи ченакро аз истифода гиранд;

13) барои рафъи вайрон шудани қоида ва меъёрҳои метрологӣ дастури хаттӣ диҳанд ва мӯҳлати бартарафсозии камбудиҳоро муқаррар намоянд;

14) нисбат ба шахсоне, ки ба вайрон намудани қоида ва меъёрҳои метрологӣ роҳ додаанд, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои муҳозотӣ татбиқ намоянд.

2. Шахсони мансабдоре, ки назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро анҷом медиҳанд, уҳдадоранд:

1) қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин муқаррароти санадҳои меъёрии таъмини ченаки ягона ва назорати давлатии метрологиро қатъиян риоя намоянд;

2) тартиби амалигардонии назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро, ки Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, риоя намоянд;

3) дар рафти баргузории чорабиниҳо оид ба назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ корҳои фаҳмондадиҳиро ҷиҳати татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини ченаки ягона ба анҷом расонанд;

4) дурустии натиҷаҳои санҷишро бо мақсади тасдиқи навъ, санҷиши эътимоднокӣ, андозагирӣ ва аттестатсияи воситаҳои ченак таъмин намоянд;

5) барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида дар асоси натиҷаҳои назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ гузаронидашуда чораҳо андешанд;

6) уҳдадориҳои мансабии худро ба таври дахлдор иҷро намоянд, ба сӯиистифодаи ваколат ва дигар қонунвайронкуниҳо, аз ҷумла фош кардани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда роҳ надиҳанд;

7) тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои дигарро ба иҷро расонанд.

3. Шахсони мансабдоре, ки назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро анҷом медиҳанд, ҳамчун санҷишгар ва нозирони давлатӣ бояд оид ба назорати ҳолат ва истифодабарии воситаҳои ченак аз аттестатсия гузаранд. Аттестатсия дар ду сол як маротиба бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад.

**Моддаи 23. Мусоидат ба шахсони мансабдори хадамоти давлатии метрологӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки ба шахсони мансабдори хадамоти давлатии метрологӣ дар иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузоштташуда мусоидат намоянд.

2. Дахолат ба фаъолияти шахсоне, ки назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологиро анҷом медиҳанд ё эҷод намудани монеагӣ ба амалисозии фаъолияти онҳо, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

**БОБИ 5.**
**МАБЛАҒГУЗОРИИ КОРҲО ОИД БА ТАЪМИНИ ЧЕНАКИ ЯГОНА**

**Моддаи 24. Маблағгузории ҳатмии давлатии корҳо оид ба таъмини ченаки ягона**

Маблағгузории давлатӣ барои корҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

1) таҳия, такмил, ҳифз, истифода, харидорӣ ва нигоҳдории маҳакҳои (эталонҳои) давлатии воҳидҳои бузургӣ ва намунаҳои ниҳоят дақиқи воситаҳои ченак, ҳамчунин муқоисаи онҳо дар сатҳи байналмилалӣ;

2) нигоҳдорӣ, харидорӣ ва таҳияи таҷҳизоте, ки барои ҷиҳозонидани мақомоти хадамоти давлатии метрологӣ зарур мебошанд;

3) гузарондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷрои корҳои дигар оид ба таъмини ченаки ягона, ки дорои аҳамияти умумидавлатӣ мебошанд;

4) таҳия ва иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таъмини ченаки ягона;

5) амалӣ намудани назорати давлатии метрологӣ.

**Моддаи 25. Пардохти иҷрои кор ва хизматрасониҳои метрологӣ**

1. Пардохти иҷрои кор ва хизматрасониҳои метрологӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони дигари воқеӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои шартномаҳои дутарафа ба амал бароварда мешавад.

2. Пардохти иҷрои кор ва хизматрасониҳои метрологӣ тибқи нархномаи бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқагардида амалӣ карда мешавад.

**БОБИ 6.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» аз 15 майи соли 1997 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №10, мод. 131; с. 2002, №4, қ.1, мод. 224; с. 2007, №7, мод. 683; с. 2008, №12, қ.2, мод. 1001) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1979**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 396**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997, №436 «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1997, №10, мод.132; с.2002, №4, қ.1, мод.226; с.2007, №6, мод.533; с. 2008, №11, мод.940) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси**
**намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 июни соли 2023, № 1024**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қонуни мазкур, асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо, самтҳои фаъолият, ташкил, низом, сохтор, ваколатҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва хизмат дар Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тартиби таъминоти молиявӣ, моддӣ ва техникии онро бо мақсади гузарондани аудити берунаи мустақили давлатӣ муайян менамояд.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Вазъи ҳуқуқии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Палатаи ҳисоб) мақоми олии аудити давлатӣ мебошад, ки аудити берунаи мустақили давлатиро оид ба баҳодиҳӣ ба лоиҳаи буҷети давлатӣ, ҳисоботи маҷмӯии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ва истифодаи мақсаднoку самараноки маблағҳо ва захираҳои давлатӣ анҷом медиҳад.

2. Ваколатҳои Палатаи ҳисоб вобаста ба гузарондани аудити берунаи мустақили давлатӣ нисбат ба ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба объектҳое, ки воситаҳои буҷетиро истифода намудаанд, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, татбиқ мегарданд. Палатаи ҳисоб дорои ваколатҳои иҷроия, қонунгузор ва ҳифзи ҳуқуқ намебошад.

3. Палатаи ҳисоб наметавонад ба афзалият ва норасоиҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи молияи давлатӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ баҳо диҳад. Палатаи ҳисоб ба амалисозии сиёсати мазкур баҳо медиҳад ва аз натиҷаи он хулосаи худро пешниҳод менамояд.

4. Палатаи ҳисоб шахси ҳуқуқӣ буда, дорои муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ном бо забони давлатӣ ва нишони худ аст. Низомномаи Палатаи ҳисоб ва низомнома дар бораи нишони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасвир ва тавсифи он бо пешниҳоди раиси Палатаи ҳисоб аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Макони ҷойгиршавии Палатаи ҳисоб пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе мебошад.

5. Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти худ ҳисобот медиҳад.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **арзёбӣ** – омӯзиш, мулоҳиза, муҳокима ва таҳлили хавфҳои истифодаи мақсаднок ва самараноки воситаҳои буҷетӣ ва захираҳои давлатӣ;

2) **аудит** – арзёбии мустақили касбӣ, ки бо мақсади ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти молиявӣ, ғайримолиявӣ ва такмили идоракунии захираҳои давлатӣ ва баҳисобгирии дурусти онҳо анҷом дода мешавад;

3) **аудити берунаи мустақили давлатӣ** – фаъолияти мақоми олии аудити давлатӣ оид ба арзёбии идоракунии дурусти воситаҳои буҷетӣ ва захираҳои давлатӣ, ки ба роҳбари объекти аудит тобеъ ва ҳисоботдиҳанда нест;

4) **аудити молиявӣ** – омӯзиш ва таҳлили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии объекти аудит, ки ба корманди Палатаи ҳисоб имкон медиҳад оид ба дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои соҳавӣ изҳори назар намояд;

5) **аудити мутобиқат** – арзёбии мутобиқати объекти аудит ба қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти он;

6) аудити самаранокӣ – омӯзиш ва таҳлили фаъолияти объекти аудит оид ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ;

7) **аудитор** – корманди ваколатдори Палатаи ҳисоб, ки ҳуқуқи гузарондани чорабиниҳои аудиториро дорад;

8) **бархӯрди манфиатҳо** – ҳолате, ки ҳангоми он манфиатҳои шахсии корманди Палатаи ҳисоб ба талабот нисбат ба иҷрои софдилонаю холисонаи ваколатҳои хизматии ӯ мувофиқат намекунанд;

9) **воситаҳои буҷетӣ** – маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, фонди мақсадноки давлатӣ, кумакҳои молиявӣ ва моликияти дар тавозуни корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатӣ инъикосгардида;

10) **воситаҳои фондҳои махсус** – фондҳои воситаҳои пулие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби даромадҳо ё дар шакли ҳиссаҷудокунӣ аз намудҳои алоҳидаи воридот ташаккул ёфта, барои амалисозии мақсадҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд;

11) **воситаҳои ғайрибуҷетӣ** – воситаҳои давлатии дар ихтиёри муассисаҳои буҷетибуда, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мансубият надошта, аз ҳисоби манбаъҳои дигар ташаккул ёфтаанд;

12) **воситаҳои махсуси буҷетӣ** – воситаҳое, ки ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ғайр аз маблағҳои аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудошуда мегиранд. Воситаҳои махсус ин даромади ташкилоту муассиса мебошад, ки аз фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ ба даст овардааст;

13) **истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои буҷетӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ** – хароҷоти ғайритаъйинотии воситаҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин воситаҳои фондҳои махсус ва воситаҳои ғайрибуҷетӣ;

14) **истифодаи ғайрисамараноки маблағ** – истифодаи маблағ, воситаҳои ғайрибуҷетӣ ва махсус бидуни ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда;

15) **корманди Палатаи ҳисоб** – шахси воқеие, ки бо тартиби муқарраргардида бо риояи талаботи тахассусӣ ба мансаби хизмати давлатӣ дар Палатаи ҳисоб таъйин шуда, дорои шаҳодатномаи хизматӣ мебошад;

16) **корманди дигари Палатаи ҳисоб** – корманди Палатаи ҳисоб, ки ҳуқуқи гузарондани чорабиниҳои аудиториро надорад;

